**ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА**

**КАФЕДРАИ ФАЛСАФА ВА СИЁСАТШИНОСӢ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**САЛИМОВ АСЛИДДИН ИНОМҶОНОВИЧ**

# ИДЕЯИ БАРОБАРИИ ИҶТИМОӢ ДАР ФАЛСАФАИ БОСТОНӢ ВА АСРИМИЁНАГИИ ТОҶИК

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа**

**аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа**

**Роҳбари илмӣ:**

**доктори илмҳои фалсафа, профессор**

**Зиёӣ Хуршед Махшулзода**

**Душанбе – 2023**

**Мундарича**

**Муқаддима**………………………………………………………………...…... 3-15

**Боби 1. БАРОБАРӢ ВА АДОЛАТИ ИҶТИМОӢ ҲАМЧУН КАТЕГОРИЯҲОИ ФАЛСАФӢ-ИҶТИМОӢ ВА ИНЪИКОСИ ОНҲО ДАР ТАЪЛИМОТИ ДИНӢ ВА ФАЛСАФИИ ТОҶИКОНИ БОСТОН**………………………........................................................................ 16-56

§1.1 Моҳияти “баробарӣ” ва “адолати иҷтимоӣ” ҳамчун категорияҳои фалсафӣ ........................................................................................................ 16-31

§1.2 Масъалаҳои баробарӣ ва адолат дар таълимоти динӣ-фалсафии бостонии тоҷик ……………………........................................................................ 32-56

**БОБИ 2. МАСЪАЛАҲОИ БАРОБАРИИ ИҶТИМОӢ ВА АДОЛАТ ДАР ТАЪЛИМОТИ ФАЛСАФИЮ ДИНИИ МУТАФАККИРОНИ АСРИМИЁНАГИИ ТОҶИК**...................................................................... 57-150

§2.1 Озодӣ, башардӯстӣ, баробарҳуқуқӣ ва идея дар бораи ҳокими одил ҳамчун асоси таълимоти машшоия оид ба баробарии иҷтимоӣ .............57-70

§2.2 Масъалаҳои баробарӣ ва адолат дар фалсафаи калом......................71-85

§2.3 Проблемаи баробарӣ ва адолати иҷтимоӣ дар таълимоти исмоилия......................................................................................................... 86-100

§2.4 Идеяи баробарии инсонҳо дар тасаввуф ва таълимоти ахлоқӣ........................................................................................................ 101-150

**Хулосаҳо**.......…………………………………………………….... 151-155

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот** .................. 156-157

**Рӯйхати адабиёт** ............................................................................... 158-166

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия** ..................................................167

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Проблемаи баробарии иҷтимоӣ, адолати иҷтимоӣ ва озодии шахс дар ҳамаи давру замон фикри шахсиятҳои машҳури таърихиро ба худ ҷалб намудааст. Бояд эътироф кард, ки тамоми таърихи инсоният низ таърихи муборизаҳо барои адолат, озодӣ ва баробарӣ буда аст. Муборизаҳо, идея ва идеалҳо оид ба ин масъала аз давраи қишрбандишавии муносибатҳои ҷомеа оғоз гардиданд, зеро маҳз ҳамин ба қишрҳои мухталиф ҷудо шудани ҷомеа сабабгори пайдоиши нобаробарии иҷтимоӣ гардид. Дар меҳвари чунин раванд бошад, ҳаёти инсон меистод.

Андешаҳо доир ба “давлати идеалӣ”, “ҷомеаи идеалӣ” низ дар ҳамон даврае ба миён омаданд, ки инсоният баъди ташкили гурӯҳҳои авлодӣ ба муносибатҳои синфӣ дохил шуда, истисмори одамро аз тарафи одам ба вуҷуд овард. Мубрам шудани масъалаҳои нобаробариҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ ба пайдоиши таълимоти маздакия, монавия дар Шарқ дар аҳди бостон ва назарияҳои гуманизм, либерализм, сотсиализм, коммунизм, феминизм, индивидуализм, интернатсионализм дар Ғарб дар давраҳои нав мусоидат намуда, сабаби инқилобҳои таърихӣ гардид.

Хотиррасон бояд сохт, ки мазмуни мафҳумҳои “адолат”, “баробарӣ” ва “озодӣ” замоне фикри инсонҳоро ба худ ҷалб намуд, ки онҳо мубрамии чунин падидаҳоро дар ҳаёти амалӣ мушоҳида карданд. Аз ин рӯ, ниёз ба дарки моҳияти ин мафҳумҳо тавассути донишҳои илмӣ ба миён омад. Дар ин самт идеяҳои утопистии мутафаккирони гузаштаро дар бораи “давлати идеалӣ”, “шаҳри адолатхоҳ”, “шаҳри офтобӣ”, “шоҳигарии Худо дар замину осмон” ва ғайраҳо мисол овардан мумкин аст.

Ҷаҳони муосир низ дар шароити мавҷуда ниёз ба як консепсияи умумиҷаҳонии адолат бо такя ба баробарӣ ва озодӣ дорад, зеро ин мафҳумҳо бо ҳамдигар алоқамандӣ дошта, маҳз таносуби баробарӣ ва озодӣ меъёри муайянкунадаи адолат дар ҷомеаи инсонӣ мебошад. Алҳол аз коҳиш додани шиддати байналмилалӣ бо роҳи таъмини адолат дида, вазифаи муҳим ва мураккабтаре дар назди олимону сиёсатмадорон нест. Дар ин росто,

инчунин бояд ба назар гирифт, ки ҳаёти амалии инсоният гувоҳ аст, ки мафҳумҳои “баробарӣ”, “озодӣ” ва “адолат” дар асл на мафҳумҳои “мутлақ”, балки “нисбӣ” ҳастанд. Дарк ва эътироф кардани хосияти диалектикии моҳият ва зуҳуроти мафҳумҳои зикршуда фақат ҷанбаи назариявӣ надорад. Бояд чунин идея, идеал ва назарияҳо ба ҳаёти амалии халқҳо наздикӣ дошта, утопияи хушку холӣ набошанд, ҳаёти инсониятро дигаргун созанд, онро рушд диҳанд. Мусаллам аст, ки дар идеяҳо оид баробарии иҷтимоӣ муҳимтарин ҳадафҳо ва арзишҳои умумиинсонӣ, миллӣ ва фардии одамон зуҳур карда, ғояҳои мухталиф, ки ба татбиқи онҳо алоқамананд, ба қайд гирифта мешаванд. Аз ин рӯ, масъалаи баробарии иҷтимоӣ ва адолат чун арзишҳои умумиинсонӣ имрӯз ҳам барои кулли инсоният мубрам боқӣ мемонад.

Аҳаммияти мавзуи интихобшуда инчунин дар он ифода меёбад, ки омӯзиш ва баррасии ғояҳои баробарӣ ва адолат дар таърихи фалсафа, аз ҷумла, дар осори мутафаккирони бостонию асримиёнагии тоҷик барои ташаккули ҷомеаи демократӣ мусоидат менамоянд. Бояд қайд намуд, ки татбиқи амалии тасмими Тоҷикистони соҳибистиқлол дар бунёди ҷамъияти адолатпешаву озод, ки дар Конститутсияи ҷумҳурӣ ҳамчун ҳадаф эълон гардидааст, назари илмиро дар ин масъала талаб менамояд. Мубрамият ва муҳиммияти таҳқиқи мавзуи баробарии иҷтимоӣ, қабл аз ҳама, барои кишвари мо маҳз аз ҳамин бармеояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Қобили зикр аст, ки то имрӯз таҳлили падидаи баробарии иҷтимоӣ боргоҳи назариявӣ ва таҷрибавиро то дараҷаи муайян ғанӣ гардонидааст, вале равишҳои мавҷуда на аз рӯи методологияи илмӣ-таҳқиқотӣ, балки аз лиҳози самти мавзуъ тафовутҳои зиёд доранд. Дар ин асос, барои хубтару беҳтар нишон додани сатҳи омӯзиши мавзуъ адабиёти илмии дар ин самт таҳия гардидаро ба гурӯҳҳо ҷудо менамоем.

**Ба гурӯҳи аввал** осори мутафаккирон ва ҷараёнҳои машҳуре, ки дар соҳаи илмҳои фалсафаи сиёсӣ бунёдӣ ҳастанд, аз қабили Афлотун, Арасту, Форобӣ, Ибни Сино, Ҷомӣ, Исмоилия, Ихвон-ус-сафо, Томас Мор, Томмазо Компанелла, Сен-Симон, Оуэн, Фуре, Руссо, Гегел, Маркс, Ҷон Роулз ва

ғайра дохил мешаванд.[1] Дар ин осор таҳлилу тавзеҳи мафҳуми “баробарии иҷтимоӣ” аз нигоҳи замони худ сурат гирифтааст. Проблемаи баробарии иҷтимоӣ ва намудҳои он аз ҷониби онҳо аз нигоҳи фалсафӣ, ахлоқӣ, динӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва амсоли он баррасӣ мешавад.

**Ба гурӯҳи дуюм** асарҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо ҷанбаҳои классикӣ ва умуминазариявию методологии масъалаи ташаккул ва инкишофи идеали баробарии иҷтимоӣ дар таърихи фалсафаи тоҷик таҳқиқ гардидааст. Дар ин гурӯҳ асарҳои А.М. Баҳоваддинов, К. Олимов, А. Турсунов, М. Раҷабов, Б. Самиев, А. Самиев, М. Диноршоев, Р. Комилов, У. Султонов, Х. Зиёев, С. Ахмедов, А. Шамолов, А. Диноршоев, И. Зиёзода, Н. Содиқова, М. Махмадҷонова, М. Мирбобоев, М. Назар, Х. Идиев, А. Содиқов, М. Ҳазратқулов, М. Музаффар, С. Ятимов[2] ва дигаронро номбар

---

[1] Ниг.: Платон. Государство // Антология мировой политической мысли. Т.1. [Текст] / Платон. – М.: Мысль, 1977; Аристотель. Политика. Афинская полития. [Текст] / Аристотель. - М.: Мысль, 1997; Абунасри Форобӣ. Эҳсо-ул-улум [Матн] / Форобӣ А. – Душанбе: Олами дониш, 2023; Ибни, Сино. Осори мунтахаб [Матн] / Сино И. //Академияи илмхои РСС Точикистон. Шуъбаи фалсафа.- Душанбе: Ирфон 1983; Абдурахман, Джами, Книга мудрости Искандара [Текст] / Джами А. (Пер.В.Державина). Сталинабад, 1949; Носири, Хусрав. Ҷомеъ-ул-ҳикматайн [Матн] / Х.Носир. – Душанбе: ЭР-граф, 2011; Фурье, Шарль. Избранные сочинения.- Том IV. [Текст] / Ш.Фурье. - М.-Л.: Издательство Академии наук СССР, 1954; Сен-Симон. Избранные сочинения. Том II. [Текст] / С.Симон - М.-Л.: Издательство Академии наук СССР, 1948; Оуэн Роберт. Избранные сочинения. Том I. / Пер. с англ. и комментарий С. А. Фейгиной.- М.-JL: Издательство Академии наук СССР, 1950; Оуэн, Роберт. Избранные сочинения. Том I. [Текст] / Р.Оуэн. Пер. с англ. и комментарий С. А. Фейгиной.- М.-JL: Издательство Академии наук СССР, 1950. Руссо, Ж.Ж. Об общественном договоре [Текст] / Ж.Ж.Руссо. – М.: 1998; Гегель, Г.В.Ф. Философия права [Текст] / Г.В.Ф.Гегель. - М., 1990; Маркс, К. Энгелс Ф. Асарҳои мунтахаб [Текст] / К.Маркс, Ф.Энгелс. - Душанбе, 1965. Ҷ.2; Энгельс, Ф. Развитие социализма от утопии к науке [Текст] / Ф.Энгельс – М.: 1983.

[2] Ниг.: Богоутдинов, А.М. Из истории общественно-политической мысли таджикского народа [Текст] / А.М.Богоутдинов. // Вопр. философии. 1951. - № 3. - С .126 – 132; Олимов, К. Хорасанский суфизм (опыт историко – философского анализа)., [Текст] / К.Олимов. - Душанбе: Дониш, 2007; Комилов, Р. Аз таърихи афкори иҷтимоию сиёсии аҳди Сомониён [Матн] / Р.Комилов. - Душанбе,1998; Комилов, Р. Фалсафаи ҳуқуқ [Матн] / Р.Комилов - Душанбе., 2004; Таърихи фалсафаи тоҷик. Дар панҷ ҷилд. Ҷ.1. [Матн] / муҳаррирони масъул К.Олимов, А.Шамолов. – Душанбе: Дониш, 2011; Таърихи фалсафаи тоҷик. Дар панҷ ҷилд. Ҷ.5. (аз қадим то асри XX). Муҳаррири масъул: А.Шарипов – Душанбе: Дониш, 2016; Зиёев, Х.М. Суфийский орден «мавлавия» [Текст] / Х.М.Зиёев. - Душанбе, Хумо, - 2007; Зиёев, Х.М. Мавлоно [Матн] / Х.М.Зиёев - Душанбе, 2007; Шамолов, А. Каломи Мовароуннаҳр [Матн] /А.Шамолов. - Душанбе, 2013; Шамолов, А. Ҳуҷҷатулислом Ғаззолӣ: андешаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ [Матн] / А.Шамолов. - Душанбе, 1996; Турсунов, А. Эҳёи Аҷам [Матн] / А.Турсунов - Душанбе, 1984; Восеъ, Қ. Адабиёти ҷавонмардии тоҷику форс. (Вторая книга.) [Матн] / Қ.Восеъ - Душанбе, 2007. Мирбабаев, М. Этика и социальная философия Джалолиддина Давони: Дис…канд. Филос. Наук. [Текст] / М.Мирбабаев. – Душанбе, 1975.-154 с.; Султонов, У. Ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии Абӯали Ибни Сино: Дис…канд. филос. наук [Текст] / У.Султонов - Душанбе, 1972; Идиев Х.У. Фалсафаи иҷтимоӣ [Матн] / Х.У.Идиев. - Душанбе, 2013; Содиқов А. Ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони Шарқ [Матн] / А.Содиқов. - Душанбе, 1989; Ҳазраткулов, М. Эътиқоду анъанаҳои бостонии Аҷам [Матн] / М.Ҳазратқулов - Душанбе, 1986; Ҳазраткулов, М. Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ [Матн] /

кардан мумкин аст. Таҳқиқоти ин муаллифон дар роҳи омӯзиш ва пайдо намудани тасаввуроти муайян дар бораи идеяи баробарии иҷтимоӣ арзишманд мебошанд.

Академик А. Турсунов нақш ва мақоми файласуфони тоҷикро дар рушди илм, фарҳанг ва гуманизм нишон дода, идеяҳои инсонгароёнаи онҳоро дар роҳи расидан ба баробарии иҷтимоӣ ва ҷомеаи боадолат арзишманд баҳо додааст[3]. Академик К.Олимов бошад, ғояҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, ирфонӣ ва фалсафии мутафаккирони тоҷикро аз нигоҳи пешрафти ҳаёти ҷамъиятӣ ва коркарди механизмҳои таъмини баробарии иҷтимоӣ баррасӣ ва арзёбӣ намудааст[4].

Муҳаққиқи тоҷик Р.С. Комилов тарафҳои муҳимми ақидаҳои иҷтимоии мутафаккирони тоҷику форсро таҳлил намуда, қайд мекунад, ки бештари идеяҳои файласуфони даврони пешин дар бораи мафҳумҳои давлат, адолат, баробарӣ ва озодӣ хислатҳои утопиявӣ доранд[5]. Дар таҳқиқоти Орипов М. низ баробарии иҷтимоӣ аз нуқтаи назари фалсафаи сиёсӣ таҳлил, муқоиса, арзёбӣ ва хулосабарорӣ карда шудааст[6].

Муҳаққиқи дигари тоҷик М. Назар низ умдатарин проблемаҳои баробарӣ, озодӣ ва адолатро баррасӣ намудааст. Аз нигоҳи ин муҳаққиқ, таъмини адолати иҷтимоӣ дар марҳалаи муосир омили муҳимми инкишофи ҷомеа буда, барои амалишавии ҳуқуку озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд шароити зарурӣ фароҳам меоварад[7].

---

М.Ҳазраткулов. – Душанбе, 2006; Музаффар, М. Антропологияи ориёи. (Арийская антропология) [Матн] / М.Музаффар. - Душанбе, 2006; Ятимов, С. Унсур-ал-меаоли кей-кавус о разуме [Текст] /С.Ятимов. – Душанбе: Истеъдод, 2015; Ятимов, С. Аристотел: Давлат ва сиёсат [Матн] / С.Ятимов – Душанбе, 2019; Садыкова, Н.Н. Антропология Бедила [Текст] / Н.Н.Садыкова. – Душанбе, 2001; Назар, М.А. Адолати иҷтимоӣ дар назария ва амалишавии он дар ҳаёти ҷамъиятӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ): монография [Матн] / М.А.Назар. – Душанбе: “ИЛМ”, 2022; Махмаджонова, М.Т. Этические взгляды Джалолуддина Руми [Текст] / М.Т.Махмадонова. – Душанбе, 2001.

[3] Ниг.:Турсунов, А. Эҳъёи Аҷам [Матн] / А.Турсунов – Душанбе: Ирфон, 1984.

[4] Кароматулло, Олим. Андешаҳо доир ба фалсафа, ирфон ва худшиносии миллӣ [Матн] / Олим Кароматулло. - Душанбе, 2014.

[5] Комилов, Р.С. Назарияи ҷомеаи ормонӣ дар таърихи фарҳанги форсу тоҷик [Матн] / Р.С.Комилов - Душанбе: Маориф, 1997.

[6] Орипов, М.К. Социальная утопия как течение общественно философской мысли в Средней Азии [Текст] / М.К.Орипов. – Ташкент; Фан 1989.

[7] Назар, М.А. Адолати иҷтимоӣ дар назария ва амалишавии он дар ҳаёти ҷамъиятӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ): монография [Матн] / М.А.Назар. – Душанбе: ИЛМ, 2022.

Олими сиёсатшинос С. Ятимов нақши ақлу хирад, рушди шуури ҷамъиятӣ ва психологияи ҷамъиятиро дар бунёди давлати ҳуқуқбунёд, дунявӣ равшан намуда, роҳҳои расидан ба баробариву адолатро аз нигоҳи мутафакири асримиёнагӣ Кайковус баррасӣ намудааст[8].

Муҳаққиқ Х. Зиёев решаҳои сиёсӣ, таърихӣ-иҷтимоӣ, назариявӣ ва асосҳои таълимоти мутафаккирони намояндаи тасаввуфро оид ба бунёди ҷомеаи боадолат таҳлил ва баррасӣ намудааст. Ин муҳаққиқ муътақид бар он аст, ки идеяи баробарӣ ва адолат дар таълимоти намояндагони тасаввуф ба маънои инсондӯстӣ ва ахлоқ зуҳур намудааст[9].

Файласуфи дигари тоҷик А. Шамолов бошад, андешаҳои иҷтимоӣ ва сиёсии мутафаккирони каломро перомуни масъалаҳои баробарии иҷтимоӣ таҳқиқ кардааст. Тибқи андешаҳои ин муҳаққиқ рушди «ахлоқи ҷамъиятӣ» ва тарзи идоракунии «шоҳи одил», аз нигоҳи таълимоти калом, яке аз муҳимтарин омилҳо барои расидан ба баробарии иҷтимоӣ мебошанд[10].

**Ба гурӯҳи сеюм** асарҳои муҳаққиқони Россия, Эрон ва ҳамчунин олимони дигар кишварҳоро, ки ба таври нисбатан амиқтар масъалаҳои адолат ва баробарии иҷтимоиро дар таърихи фалсафаи тоҷик таҳқиқ намудаанд, аз ҷумла, Андерсон К., Грецкий С., Свентоховский А., Гуторов В., Баталов Э.Я., Батраков С.П., Шакибо Парвин, Муҳаммад Р., Климкойт Х.И., Пегулевский Н.В., Орипов М.К., Ҳуҷатуллоҳи Асил[11] ва дигаронро метавон дохил намуд. Ҳамзамон, барои дарки мафҳуми идеяи баробарии иҷтимоӣ таҳқиқоти муҳаққиқи эронӣ Хуҷатуллоҳи Асил «Ормоншаҳр дар андешаи эронӣ”[12] муфид мебошад. Дар ин асар ҷой ва нақши мутафаккирони

---

[8] Ятимов, С. Унсурулмаолии Кайковус дар бораи хирад [Матн] / С.Ятимов. – Душанбе, 2019.
[9] Зиёев, Х.М. Мавлавия ва таърихи таҳаввули он [Матн] / Х.М.Зиёев. - Душанбе, Ирфон, – 2004.
[10] Шамолов, А. Каломи Мовароуннаҳр [Матн] / А.Шамолов. – Душанбе, 2013.
[11] Андерсон, К.М. Оуэнисты в Британии. Утопический социализм и общественные движения в Англии, 1810-1830-е годы [Текст] / К.М.Андерсон - М., Наука, 1989; Баталов, Э.Я. Социальная утопия и утопическое сознание в США [Текст] / Э.Я. Баталов – М., 1982; Шакибо, Парвин. Зан дар Эрони бостон ва дар кишварҳои бостонии дигар [Матн] // Маҷаллаи Эронзамин. Канада, 2002. № 10; Климкойт Х.И. Хунари монавӣ [Матн] / Х.И.Климойт Тарчумаи Исмрилпур - Теҳрон.1373; Пегулевская, Н.В. Маздакское Движение [Текст] // Известия, АН СССР. Сер. Ист.философии. 1994.N4;.
[12] Хуҷаттулоҳи, Асил. Ормоншаҳр дар андешаи эронӣ [Матн] / Асил Ҳуҷаттулоҳи. - Теҳрон, 1371.

шарқӣ дар фаҳмиши масъалаҳои баробарӣ дар ҷомеа ба таври назаррас нишон дода шудаанд.

Ҳамин тариқ, оид ба масъалаҳои адолат дар таърихи фалсафаи тоҷику форс таҳқиқоти зиёд аз тарафи олимони Шарқу Ғарб гузаронида шуда бошанд ҳам, вале ҷиҳатҳои наомӯхтаи он, махсусан оид ба идеяи баробарӣ, то ҳол зиёд буда, барои таҳқиқи боз ҳам амиқтари ин проблема  мо дар ин диссертатсия иқдом намудаем.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чаҳорчӯбаи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода доир ба мавзуи “Таълимоти фалсафӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии мутафаккирони тоҷик ва аҳаммияти он дар муҳити ҷомеаи имрӯз” (барои солҳои 2016-2020) иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии кори диссертатсионӣ таҳқиқ ва таҳлили масъалаи баробарии иҷтимоӣ дар осори илмии файласуфон ва мутафакирони тоҷик дар даврони бостон ва асрҳои миёна мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ҳадафи дар боло муайяншуда вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

- таҳлили мафҳуми "баробарии иҷтимоӣ" дар таърихи фалсафа, алоқамандӣ ва таносуби ин мафҳум бо мафҳумҳои «озодӣ», "адолат", "ҳуқуқҳои табиӣ" дар таърихи фалсафаи тоҷик;
- муайян намудани ҷойгоҳи "баробарии иҷтимоӣ" дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ дар таълимоти файласуфони аҳди бостон ва асримиёнагии тоҷик;
- баррасӣ ва арзёбии масъалаи идеяи баробарии иҷтимоӣ дар таълимоти динҳои аҳди бостон ва мактабҳои фалсафию динии асримиёнагии тоҷик (фалсафаи калом, исмоилия, машшоия);
- муайян намудани дараҷаи таъсири зинаҳои шуурнокии иҷтимоӣ ба рушди муҳити иҷтимоӣ дар фалсафаи аҳди бостон ва асрҳои миёна;
- арзёбии тавсифи масъалаи озодӣ, гуманизм ва идеяи "ҳокими одил" ҳамчун асоси баробарҳуқуқӣ дар таълимоти машшоия;
- нишон додани нақш ва ҷойгоҳи дин, илму маърифат ва ахлоқи ҳамида ҳамчун омилҳои калидӣ барои таъмини адолат, озодӣ ва баробарӣ дар фалсафаи калом;
- муайян намудани таъсири ҷаҳонбинии фалсафӣ ва назариявӣ ба ҳуқуқ ва сиёсати иҷтимоӣ дар таърихи афкори мардуми Шарқ;
- муайян намудани моҳияти ғояи баробарӣ дар таълимоти намояндагони аҳли тасаввуф ва мактабҳои ахлоқӣ.

**Объекти таҳқиқот** моҳияти баробарии иҷтимоӣ ҳамчун категорияи иҷтимоию сиёсӣ дар таърихи фалсафа мебошад.

**Предмети таҳқиқотро** андешаҳои файласуфони аҳди бостон ва асримиёнагии тоҷик доир ба масъалаҳои баробарии иҷтимоӣ ташкил медиҳанд.

**Фарзияи таҳқиқот.** Раванди ташаккули муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоие, ки дар ҷаҳони имрӯз сурат мегиранд, инчунин бозтоби ҳодисаҳои глобалӣ, минтақавӣ ва баъзе равандҳои дигари диалектикӣ эҳтимолияти тағйиротро дар соҳаҳои мухталиф ба бор меоваранд. Агар инсоният бо сулҳ ва осоиштагӣ зиста натавонад, ҳатман ҷои онро низоъҳои давомдор ишғол мекунанд. Дар натиҷаи нобаробариҳои иҷтимоӣ ва набудани адолат муносибатҳои ҷомеа тезутунд гардида, худи ҷомеа ба рукуд мерасад. Аз ин рӯ, зарурат ва муҳиммияти таҳияи консепсияи фарогири баробарии иҷтимоӣ ба миён омада, дар ин замина вазифаи давлат ва идоракунандагони он беш аз ҳарвақта мураккаб мегардад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти илмӣ дар кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз соли 2014 то инҷониб сурат гирифта, объекти он давраҳои бостонӣ ва асримиёнагии фарҳанги тоҷикро фаро мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, муаллиф бештар ба муқаррарот ва хулосаҳои назариётчиёни илмҳои фалсафӣ, аз ҷумла, фалсафаи иҷтимоӣ, фалсафаи сиёсӣ, фалсафаи ҳуқуқ, осори муҳаққиқон ва мутафаккирони барҷастаи Ғарб, рус, тоҷик ва ғайра, ки бевосита ба мавзуи таҳқиқот рӯ овардаанд, такя намудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** методҳои соҳавӣ, ташхис, таҳлил ва синтез, муқоиса ва методҳои дигари фалсафӣ, таърихӣ ва диалектикӣ ташкил медиҳанд.

**Сарчашмаи маълумот.** Маъхазҳои асосиро таълимоти мутафаккирони бузурги даврони қадим ва асримиёнагӣ, ба монанди намояндагони зардуштия, Маздак, Афлотун, Форобӣ, Ибни Сино, Ҷомӣ ва дигарон, инчунин

Т. Мор, Сен Симон, Маркс ва дигар файласуфон, монографияҳо, мақолаҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар мавзуи матраҳшуда ташкил медиҳанд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро** далелҳои илман асоснокшуда, натиҷаҳои таҳқиқи илмии назарияҳои гуногун перомуни баробарии иҷтимоӣ ва адолат дар таърихи фалсафа ташкил додаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқот дар заминаи кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, инчунин кафедраҳои равияи фалсафии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон сурат гирифтааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки бори аввал ба таври комплексӣ ақидаҳои мутафаккирони тоҷик дар бораи баробарии иҷтимоӣ ва нақши он дар ҳаёти ҷамъиятӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар ин росто:

- собит карда шуд, ки нуқтаҳои назари мутафаккирон перомуни баробарӣ мухталиф буда, “баробарии сиёсӣ”, “баробарии иқтисодӣ” ва “баробарӣ дар имконият” шарҳҳои гуногун дошта метавонанд;

- тасдиқ гардид, ки дар таълимоти маздакия “баробарии иқтисодӣ” асоси баробарии воқеӣ дониста шуда, инсонҳо дар имконият ва натиҷаҳои иқтисодӣ бояд баробар бошанд;

- муайян карда шудааст, ки идеяи баробарии иҷтимоӣ дар таълимоти намояндагони машшоияи шарқӣ аз ақидаҳои мутафаккирони Юнон ва Рими қадим сарчашма гирифта, хусусиятҳои хос дорад. Мутафаккирони тоҷик муътақиданд, ки “ҳокими одил” таъминкунандаи адолат ва баробарии иҷтимоӣ мебошад;

- исбот карда шуд, ки фазилат ва арзишҳои ахлоқии умумиинсонӣ, ки дар осори мутафаккирони асримиёнагии тоҷик ҷудо карда шудаанд, заминаи баробарии иҷтимоӣ ва адолат эътироф карда мешаванд;

- натиҷагирӣ шуд, ки идеяи баробарии иқтисодӣ, сиёсӣ, баробарӣ дар имконият ҳамчун асоси ҷомеаи боадолат дар таълимоти Маздак, Форобӣ ва Ҷомӣ дар шакли утопиявӣ таҳлил, баррасӣ ва хулосабарорӣ карда шудааст;

- муайян карда шуд, ки хушахлоқӣ ва муқаррароти динӣ меъёрҳое буданд, ки онҳоро мутафаккирони тоҷик заминаи баробарии иҷтимоӣ меҳисобиданд. Ба ақидаи онҳо “ахлоқи ҷамъиятӣ”, “худшиносӣ”, ”гузаштан аз худ”, “маҳкум кардани эгоизм” баробарии иҷтимоиро таъмин менамоянд;

- тасдиқ карда шуд, ки барои мутафаккирони тоҷику форс дин дараҷаи пойдорӣ, устуворӣ, хушбахтӣ, саодатмандии сокинон, соҳибмаърифатӣ, ҳисси адолатпарварӣ ва эҳсосоти баробариро дар руҳи инсонҳо бедор месозад;

- хулосабарорӣ карда шуд, ки як қатор мутафаккирон, аз ҷумла, Ғаззолӣ, Мотуридӣ ва Ҳамадонӣ новобаста аз нобаробариҳои сиёсии замонаашон тавонистаанд, ки идеяҳои диниро аз нигоҳи адолат, ақл, фаросат, хирад, баробариву бародарӣ ва ахлоқи ҳамидаи инсонӣ шарҳ диҳанд;

- исбот карда шуд, ки идеяи баробарии иҷтимоӣ дар таълимоти мутафаккирони тоҷик, гарчанде бо сабаби норасоиҳои муҳити иҷтимоӣ дар шакли ормонӣ зуҳур кардааст, аммо заминаи воқеӣ ва аҳаммияти башардӯстона дошта, метавонад инсонҳоро ба сӯи адолат, ҳақиқат, маърифат, худшиносӣ ва баробарӣ ҳидоят намояд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Аз нуқтаи назари мутафаккирони тоҷик, инсонҳо пеш аз он, ки дар ҷомеа баробар, озод, адолатхоҳона ва тибқи талаботи ахлоқӣ зиндагӣ кунанд, бояд аввал идеяи ҳамин падидаҳоро дошта бошанд. Дар таълимоти зардуштия ноил шудан ба “ҷамъияти адолатхоҳ” ва баробарӣ дар мавриди ғалабаи қувваҳои некӣ бар зидди нерӯҳои бадӣ ва бартараф намудани монеаҳои дар ин роҳ ба амаломада имконпазир мегардад. Идеяҳои баробарҳуқуқӣ, баробарии моликият ва маҳкум кардани моликияти хусусӣ бошанд, дар таърихи афкори фалсафии тоҷик бори нахуст дар таълимоти маздакия  ба вуҷуд омадаанд.

2. Проблемаи баробарии иқтисодӣ, сиёсӣ ва аз байн бурдани моликияти хусусӣ ҳамчун зинаи олии адолат дар таълимоти Маздак, Форобӣ ва Ҷомӣ коркард шудааст. Барои ин мутафаккирони тоҷику форс баробарии сиёсӣ,

баробарӣ дар муносибатҳои иқтисодӣ, баробарии мард ва зан дар оила, баробарии халқиятҳо ва мазҳабҳо аз муҳимтарин проблемаҳои таъмини адолат ва баробарии иҷтимоӣ маҳсуб меёбанд.

3. Муҳокимарониҳои бештари мутафаккирони тоҷик дар атрофи баробарии сиёсӣ, иқтисодӣ ва дигар шаклҳои баробарӣ утопияи хушку холӣ набуда, идеяҳои онҳо оид ба дарки моҳияти "баробарӣ", "адолат", "эгоизм" ва "гуманизм" характери амалӣ доранд. Дарк, баҳогузорӣ, таҳлил, муқоиса ва хулосабарориҳо оид ба идеали баробарии иҷтимоӣ дар таърихи фалсафаи тоҷик дар ду шакл зуҳур кардаанд: таъмини баробарии инсонҳо дар имконият ва баробарӣ ҳам дар имконият ва ҳам дар натиҷа.

4. Дин аз назари мутафаккирони асримиёнагии тоҷик на танҳо имон, эътиқод ва василаи оромии дил, балки воситаи ба низом даровардани ҳаёти амалӣ, таъмини баробарҳуқуқӣ ва муҳити ахлоқию адолатпарварона маҳсуб меёбад. Ақлонӣ будани идеяҳо оид ба адолати иҷтимоӣ ва баробарӣ шарти куллии ҳаёти инсонҳо буда, он заминаи ташаккули плюрализми сиёсӣ, таҳаммулпазирии ақидавӣ, истеҳсолоти ҷамъиятӣ, шуур ва равони ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад.

5. Аз нигоҳи исмоилиён дар рушд ва таъмини адолат нақш ва мақоми имоми замон бесобиқа буда, онҳо парҳезкорӣ, шикастани нафс, ғалаба бар хислатҳои эгоистӣ, дӯст доштани меҳан, такя бар илму хирад ва риояи принсипҳои дигари ахлоқи ҳамидаро яке аз омилҳои асосӣ дар бунёди ҷомеаи боадолат меҳисобанд. Аммо, аз нигоҳи Носири Хусрав, инсон принсипҳои ахлоқро наметавонад ба таври мутлақ риоя намояд. Аз ҷониби дигар, бо сабаби маҳдудиятҳои мавҷуда дар муҳити иҷтимоии худ ин мутафаккир натавонистааст, ки андешаҳояшро перомуни баробарӣ ва адолат пурра ба таври ошкоро баён кунад.

6. Идеяи баробарии инсонҳо дар тасаввуф ва таълимоти мутафаккирони тоҷик, аз ҷумла, Абдураҳмони Ҷомӣ дар шаклҳои ормонӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ зуҳур карда, онҳо моҳияти нобаробарӣ ва баробарии иҷтимоӣ, адолат ва беадолатӣ, озодӣ ва ноозодиро аз ҳамин дигоҳ муайян

кардаанд. Мутафаккирони мутасаввиф ва намояндагони мактабҳои ахлоқӣ нишон додаанд, ки таҷрибаи интихоби роҳҳои татбиқи баробарии иҷтимоӣ дар ҳар як ҷомеа аз шароити гуногун вобаста аст. Аз ин рӯ, чунин интихоб дар саҳнаи омилҳои гуногун сурат гирифта, наметавон онро фақат бо майлу хоҳиши холисонаи системаҳои сиёсӣ иртибот дод. Бо ҳамин сабаб истифодаи ин таҷрибаи ниёгонро бо мақсади рушди шуури ҷамъиятӣ имрӯз тавассути баррасиҳо аз нигоҳи равоншиносии ҷамъиятӣ ва антропологияи сиёсӣ ба роҳ мондан зарур аст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Хулосабарориҳо аз кори илмӣ метавонанд ба ақидаҳои фалсафию иҷтимоии мутафаккирони тоҷику форс оид ба масъалаҳои баробарии иҷтимоӣ равшанӣ андохта, дар асоси онҳо муҳаққиқон имкон пайдо мекунанд, ки паҳлуҳои дигари ин мавзуъро минбаъд мавриди муҳокима  ва омӯзиш қарор диҳанд. Илова бар ин, маводи таҳқиқотӣ метавонад барои таҳқиқи ҷамъбастии масъала дар таърихи фалсафа, фалсафаи иҷтимоӣ ва сиёсатшиносӣ ва таҳияи маводи таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти  олии касбӣ истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** аз дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, раванди гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Интихоби мавзуъ, таҳияи ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаи фаъолияти чандинсолаи илмӣ-таҳқиқотии муаллиф мебошад. Тамоми давраҳои татбиқи нақшаи корҳои таҳқиқотӣ бо иштироки бевосита ва тавассути пешниҳодҳои муаллиф сурат гирифтааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конфренсияҳо ва семинарҳои гуногуни илмию амалии донишгоҳию ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла, дар конфренсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ "Ҳамкории иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Ӯзбекистон: таърих ва замони муосир"(Хуҷанд, 21-22 июни соли 2019) ироа шудаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия дода шудааст (протоколи № 8 аз 14 марти соли 2023). Инчунин, диссертатсия дар маҷлиси кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст (протоколи №10/1 аз 17 майи соли 2023).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, ки шаш зербоб доранд, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва руйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия ба 167 саҳифаи матни компютерӣ баробар аст.

# БОБИ 1. БАРОБАРӢ ВА АДОЛАТИ ИҶТИМОӢ ҲАМЧУН КАТЕГОРИЯҲОИ ФАЛСАФӢ-ИҶТИМОӢ ВА ИНЪИКОСИ ОНҲО ДАР ТАЪЛИМОТИ ДИНӢ ВА ФАЛСАФИИ ТОҶИКОНИ БОСТОН

## §1.1 Моҳияти “баробарӣ” ва “адолати иҷтимоӣ” ҳамчун категорияҳои фалсафӣ

Баробарии иҷтимоӣ дар таърихи афкори фалсафӣ-иҷтимоӣ умдатарин масъалаи назариявӣ буда, бо масъалаи адолати иҷтимоӣ робитаи қавӣ дорад. Дар ин мафҳум ормонҳо, орзуҳо ва саъю кӯшиши мутафаккирон ва сиёсатмадорон дар самти бунёди ҷомеаи идеалӣ аз давраҳои то пайдоиши давлат ва баъд аз пайдо шудани он гирд омадаанд. Баробарӣ ва адолат ҳаргиз натиҷаи чунон амалияе нестанд, ки бе идеяи нухбагон ва мутафаккирон ва ҳисси баробархоҳии инсонҳо имконпазир гардад, зеро ҳар як воқеият натиҷаи мушаххаси ягон идеяи муайян буда, дар шуури одамон ҳамчун зарурат зуҳур мекунад. Ҳамчунин, маълум аст, ки дар ҳамаи давраҳои таърихӣ инсонҳо ба нухбагону пешвоён такя мекарданд ва дар бунёди миллат ва давлат идеяи онҳоро омили калидӣ меҳисобиданд.

Барои дарк ва фаҳмиши мазмуни “баробарии иҷтимоӣ”, пеш аз ҳама, дар ин ҷо муҳим мешуморем, ки ба тобишҳои маъноӣ ва хусусияти мафкуравӣ доштани ин мафҳум назари кӯтоҳи таҳлилӣ андозем. Ҳамзамон, бояд ба эътибор гирифт, ки дар бораи баробарии иҷтимоӣ сухан гуфта, ҳатман оид ба адолат ва озодӣ низ мулоҳиза намудан зарур меояд, зеро, чунонки дар фалсафаи иҷтимоӣ қабул шудааст, адолат таносуби баробарӣ ва озодӣ буда, ҳар қадар, ки баробарии иҷтимоӣ таъмин гардад, ҳамон қадар озодӣ маҳдуд мегардад ва ҳар қадар, ки озодиҳо зиёд гарданд, то ҳамон андоза ба баробарии иҷтимоӣ халал ворид карда мешавад.

Аз нигоҳи муҳаққиқон адолат “категорияи ахлоқӣ буда, пеш аз ҳама, дар шуури инсон ҷой дорад ва, сониян, дар воқеияти объективӣ”[13]. Адолати иҷтимоӣ шарти куллии ҳаёти шахсии инсонӣ ва коллективии

[13] Назар, М.А. Адолати иҷтимоӣ дар назария ва амалишавии он дар ҳаёти ҷамъиятӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ): монография [Матн] / М.А.Назар. – Душанбе: ИЛМ, 2022. - С.-10.

одамон ба ҳисоб рафта, он натиҷаи дарбаргирии идеяҳои умумиинсонӣ маҳсуб меёбад. Он ҳамчун зинаи идеалии ҷомеа дар афкори инсонҳо бинобар маҳдудиятҳои иҷтимоӣ зуҳур кардааст. Эҳсосот ва тасаввурот дар бораи адолат ва баробарии иҷтимоӣ хулосаҳои ақлонӣ ва илмии инсонҳоро дар бораи муҳити иҷтимоиашон ифода месозанд. Дар баробари ин, адолати иҷтимоӣ “як навъ василa мобайни талошҳои дастаҷамъона ва фардиятӣ буда, фақат бо дарназардошти таносуби муайяни баробарӣ (нобаробарӣ) ва озодӣ шинохта мешавад”[14]. Ҳаёт барои ҳамаи одамон дар ҳамаи давру замон имконияти баробар зиндагӣ карданро дода наметавонад. Аксарияти инсонҳо фикр менамоянд, ки онҳо бештар аз дигарон дида лоиқи зиндагии шоиста мебошанд. Дар натиҷа зарурати баробарии иҷтимоӣ ба миён меояд, ки он маҳсули шуури ҷамъиятӣ мебошад. Чунин шакли муносибат ба рафтори иҷтимоии одамон наздикӣ дорад. Дар мавридҳои зиёд инсонҳо гумон мекунанд, ки одамро табиатан некхӯ гуфта, бо ҳамин фикри фавқулода амиқе баён карда бошанд, вале онҳо фаромӯш мекунанд, ки одам табиатан бадхӯ аст гуфтан, боз ҳам фикри хеле амиқтар ва дақиқтар аз он аст. Чунин вазъ, ба андешаи мо, дар он зуҳур меёбад, ки агар инсонҳо табиатан некхӯ мебуданд, идеяҳои адолат, ахлоқ ва баробариву бародарӣ тамоман пайдо намегардиданд. Ин идеяҳо барои он ба вуҷуд омаданд, ки худи инсонҳо нисбат ба ҳамдигар бадиро раво дидаанд. Чунин бадӣ нисбати ҳамдигар барои нобаробарии иҷтимоӣ сабаб мегардад.

Бояд хотирнишон гардад, ки нахустин дарки мафҳуми “баробарӣ” дар ҳаёти ҷомеа ба маънои як навъ “мусовишавӣ”, “якхелашавӣ” ва ё “якрангӣ” - ро байни кулли аъзои он ба даст овардан аст[15].

Аз нигоҳи мо, “баробарӣ” – ин категорияи фалсафӣ буда, аз овони наврасӣ ва аз вазъи муҳити иҷтимоӣ дар шуури инсонҳо шакл мегирад, эҳсосот ва тасаввуроти онҳоро дар бораи ҳуқуқ, сиёсат, иқтисод ва ахлоқ инъикос менамояд. Тасаввурот дар бораи “баробарии иҷтимоӣ” аз шуури

---

[14] Назар, М.А. Адолати иҷтимоӣ дар назария ва амалишавии он дар ҳаёти ҷамъиятӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ): монография [Матн] / М.А.Назар. - Душанбе: ИЛМ, 2022. - С.-18.
[15] Drabble, M. Case for Equalty. – London: The Febian Society, [Текст] /M. Drabble. - 1988. – P.452

ҷамъиятӣ вобаста аст, аз ин рӯ, муҳтавои он барои инсоният якранг ва якмақом нест ва шуда ҳам наметавонад.

Мафҳумҳои "баробарии иҷтимоӣ" ва "адолати иҷтимоӣ" характери сиёсӣ, иқтисодӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ, динӣ дошта, ҳамзамон дар кадом сатҳ қарор доштани мазмун ва моҳияти ҳаёти амалиро ифода мекунанд. Мафҳуми "баробарии иҷтимоӣ", аз нигоҳи Назар М.А., се ҷанбаи муҳимро дар бар мегирад:

1) баробарии субъектҳои иҷтимоӣ дар назди қонун;
2) баробарӣ аз ҷиҳати моддӣ, ки яке аз ҷанбаҳои баҳсноки баробарии иҷтимоӣ ба шумор меравад;
3) баробарии сиёсӣ.[16]

Ин се ҷанбаи муҳими баробарии иҷтимоӣ раванди амалишавии адолати иҷтимоӣ ва воқеияти онро дар ҳаёти амалӣ нишон медиҳанд. Мафҳуми "адолати иҷтимоӣ" бошад, "ҳамчун андозаи муайяни баробарӣ ва нобаробарӣ баромад мекунад, ки барои таъмини пешрафти иҷтимоӣ дар марҳалаи муайяни таърихи инсоният ба ҷамъият кифоя ва дастрас аст"[17].

Мафҳуми "баробарии иҷтимоӣ" кӯшиши инсонҳоро дар бораи муҳити иҷтимоияшон дар бар мегирад. Инсонҳо ба он хотир ба мафҳуми "баробарии иҷтимоӣ", "адолати иҷтимоӣ" ва идеяи "озодӣ" рӯ овардаанд, ки дар раванди ҳаёти амалӣ "нобаробарӣ", "беадолатӣ", "ноозодӣ" ва истисмори инсон аз тарафи инсонро мушоҳида кардаанд. Дар заминаи чунин беҳуқуқиҳо, зиддиятҳо ва рақобатҳои носолим ғояи "баробарии иҷтимоӣ" ҳамчун ифодакунандаи "баробарҳуқуқӣ" баромад мекунад. Аз ин рӯ, инсонҳо кӯшиш менамоянд, ки тамоми паҳлӯҳои зиндагии худро тағйир диҳанд, хушбахтиро соҳиб гарданд, некӯкорӣ намоянд ва ба ҳар он чизе, ки ба худ сазовор медонанд, бирасанд.

Мафҳуми "баробарии иҷтимоӣ" ба маънои "баробарии иқтисодӣ" низ вомехӯрад, ки дар мавридҳои зиёд сабаби баҳсҳо ва норозигиҳо мегардад. Аксарияти инсонҳо идеяи асосии сарватмандӣ ва камбизоатиро дар маънои

[16] Назар, М.А. Адолати иҷтимоӣ дар назария ва амалишавии он дар ҳаёти ҷамъиятӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ): монография [Матн] / М.А.Назар. – Душанбе: ИЛМ, 2022.- С.20.
[17] Ҳамон ҷо. - С. 21.

моликият (пул) мефаҳманд. Дар бештари идеяҳои иҷтимоӣ баробарии инсонҳо ба ҳамин маънӣ таъкид шудааст, вале нобаробароии моликият ба нобаробарии арзишҳои инсонӣ ҳаммаъно намебошад.

“Баробарии сиёсӣ” яке аз ҷанбаҳои асоситарин ва мушкилтарини “баробарии иҷтимоӣ” ба шумор меравад. Мавҷудияти озодии сухан, имконияти иштироки баробар дар интихобот ва идоракунии корҳои давлатӣ, баробарҳукуқии миллату нажодҳо ва дар амал татбиқ кардани принсипҳои демократия аз мавзуъҳои баробарии сиёсӣ мебошанд.

Чунонки маълум аст, “нахустин андешаҳо оид ба озодӣ, баробарӣ, адолат ҳанӯз дар тамаддунҳои қадима ба миён омада, барои ташаккули назарияи ҳуқуқи инсон заминаи асосӣ гардидаанд”[18]. Ҳаракати таърих дар шинохти фалсафии сиёсат натиҷаи дарки озодӣ ва муносибатҳои иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи умумиҷаҳонӣ ва, хусусан, дар Ғарб, аз як ҷиҳат, ба таври объективӣ ва, аз ҷиҳати дигар, ба таври субъективӣ маънидод гардидааст. Яке аз муҳаққиқони маъруф Милтон Фридмен дар шинохти проблемаи баробарӣ дар афкори фалсафаи сиёсии Ғарб се консепсияи махсусро аз ҳамдигар ҷудо кардааст: 1) консепсияи баробарии шахсӣ ва ё баробарӣ дар назди Худованд; 2) консепсияи баробарии имкониятҳо, ки он аслан мушаххасгардонии баробарии намуди якумӣ мебошад; 3) консепсияи баробарии натиҷаҳо, ки дар сеяки охирини асри ХХ мавқеи асосиро ишғол мекард[19].

Инҷо саволе пайдо мешавад, ки баробариро дар фаҳмиши умумӣ чӣ гуна баррасӣ бояд намуд? Оё баробарӣ ба инсонҳо дар имконият дода мешавад ва ё дар натиҷа? Кадом модели баробарии иҷтимоӣ ба воқеият наздик мебошад ва амалӣ шудани он дар ҳаёт имконпазир аст? Аз ин рӯ, моҳияти баҳс дар рисола он аст, ки чӣ гуна идеяҳо метавонанд баробарии умумро таъмин кунанд ва кадом зинаи хиради ҷамъиятӣ метавонад адолати иҷтимоиро эҳё намояд. Ҳамзамон, муҳим он аст, ки муайян карда шавад, ки

---

[18] Диноршоев, А.М.Саъдизода Ҷ.Имомова, З.Б. Андешаи ҳуқуқи инсон: нигоҳе ба сарчашма, дин ва афкори донишмандон [Матн] / А.М. Диноршоев, Ҷ.Саъдизода, З.Б.Имомова. – Душанбе, ЭР-граф, 2016.- С. 6.

[19] Фридмен, М. Свобода, равенство и эгалитаризм [Текст] / М.Фридмен. – Челябинск: Социум, 2003. - С. 82.

кадоме аз андешаҳои файласуфони гузашта оид ба “баробарӣ” барои тамоми давраҳои таърихии инсоният корбаст шуда метавонад.

Бояд таъкид намуд, ки Афлотун (427-347) мафҳумҳои адолат ва баробарро бо ҳам алоқаманд шинохтааст. Идеяҳои ӯ дар ин мавзуъ дар фалсафаи сиёсиаш дар асари “Давлат” ифода гардидаанд. Дар “ҷомеаи Афлотун низоми мардумгароӣ барқарор аст. Афлотун ба баробарии зану мард ва ширкати занон дар ҳамаи корҳои ҷамъиятӣ эътиқод дошт”.[20] Дар ин гуна ҷомеа нақши асосиро на ягонагии табақавӣ ё динӣ, балки ягонагии арзишҳои умумиинсонӣ иҷро мекунад. Афлотун мехоҳад, ки ҷомеаро файласуфон сарварӣ кунанд, зеро ба ақидаи ӯ, файласуфон ба мафҳумҳои баробарӣ, озодӣ ва ахлоқ аз дигарон дида хубтар сарфаҳм меравtotal. Методи Афлотун дар шинохти баробарии иҷтимоӣ аз нигоҳи идеализм аст, аммо он бо дарки моҳияти инсон ифода шудааст. Хушбахтии башарият барои ӯ ҳамон вақт имкон дорад, ки тамоми идоракунандагон файласуф бошанд. Маҳз чунин андеша барои ҳамаи замонҳо, барои ҳамаи халқҳо, барои ҳамаи ҳолатҳо нигаронида шуда ва маҳз барои ҳамин он дар ҳама гӯшаву канори олам татбиқ гардида, дар натиҷа худи ин идеяи Афлотун ба як чизи ормонӣ ва ғайривоқеӣ табдил ёфтааст, зеро таҷрибаи башар ғайриимкон будани ин андешаро собит сохт. Ба андешаи Афлотун “беадолатӣ кардан маъмулан хуб, аммо таҳаммул кардани он бад аст. Аммо ҳангоме беадолатиро таҳаммул мекунӣ, дар ин бештар бадист, назар ба он ки хуб бошад, ҳангоме ки беадолати мекунӣ. Барои ҳамин, вақте ки одамон ҳам ин ва ҳам онро аз сар гузаронидаанд, яъне ноодилона рафтор карданд ва аз беадолатӣ азият кашиданд, он гоҳ онҳо, модом ки нерӯи гурехтан аз якеву ҷонибдорӣ кардан аз дигаре нест, бо ҳамдигар аҳд бастанро мувофиқи мақсад донистанд, то ки беадолатӣ накунанд ва ҳам аз он азият набинанд. Аз ҳамин ҷо қонунгузорӣ ва шартномаи тарафайн маншаъ гирифт. Ва муқаррароти қонун низ номи

[20] Идиев, Х.У. Фалсафаи иҷтимоӣ [Матн] / Х.У.Идиев. - Душанбе, 2013. - С.21.

қонунӣ ва одилона гирифтанд - ана чӣ гуна аст пайдоиш ва моҳияти адолат"[21].

Аз ин суханон бармеояд, ки мутафаккир сабаби асосии ҳодисаҳои таърихро дар хислатҳои ботинии одамон меҷӯяд, зеро танҳо он гоҳе, ки ҷаҳони ботинии инсонҳо ошкор мешавад, сабаби бештари ҳодисаҳо маълум мегардад.

Барои пойдорӣ ва таъмини баробарӣ Афлотун нақши давлатро калидӣ меҳисобад, зеро мо "дар тахайюли хеш давлатро ба вуҷуд меорем, чуноне, ки тахмин мекунем. Давлати саодатманд, аммо на дар қисмати ҷудогона гирифташудаи он, на онгуна ки фақат ким-кадом касе дар он хушбахт бошад, балки онгунае, ки ҳама дар он саодатманд бошанд..."[22].

Ба ҳамин тариқ, Афлотун идеяи ҷомеаи боадолатро вобаста аз давлат ва сарварони он дониста, баробарии иҷтимоиро маҳсули амалкарди онҳо мефаҳмад. Давлат баробарии иҷтимоиро бояд таъмин намояд, то ҳама имконият ба хушбахтшавиро дошта бошанд.

Консепсияи дигар дар фаҳмиши баробарии иҷтимоӣ таълимоти Арасту (384-322) мебошад, ки дар асари машҳураш "Сиёсат" баён шудааст. Арасту бештари андешаҳои Афлотунро оид ба ҳаракати таърих ва инкишофи ҷомеа инкор менамояд. Ҳар он чизе, ки барои Афлотун табиӣ аст, барои ӯ маҳсули ҷомеа маънидод мешавад. Фикр дар бораи он, ки одамон табиатан сарватманд ё камбизоат офарида мешаванд, на дар таълимоти абадии Афлотун, балки дар заковати диалектикии Арасту ба ҳақиқат наздиктар баён гардидааст. Аммо ӯ ба фикри "ҳама бо якдигар бародар ва хоҳар бошанд"-и Афлотун шубҳа дошт.

Ба андешаи Арасту дар ҷомеа бештари одамон майлҳои коҳилӣ доранд. Ин ақида ва дигар андешаҳои Арастуро таҳлил намуда, ба хулосае мерасем, ки натиҷаи меҳнат бояд аз рӯи иқтидори ақлонӣ ва қобилият баробар бошад. Набояд баробарии иқтисодӣ арзи вуҷуд намояд. Ин гуна баробарӣ ба коҳилӣ ва ақибмондагии одамон сабаб мешавад. Баробарӣ бояд

[21] Платон. Государство // Антология мировой политической мысли. Т.1. [Текст] / Платон. – М.: Мысль, 1977. - С.86.
[22] Ҳамон ҷо. - С. 90.

дар имконият бошад, на ин ки дар натиҷа. Маҳз заковатмандии Арасту нисбат ба Афлотун дар фаҳмиши ҳамин принсипҳои адолат зуҳур мекунад. Бояд маҳдудиятҳои хаёлии Афлотун аз дохили идеяҳояш гирифта шуда, ҷиҳатҳои тамоман утопиявии он аз байн бурда шавад. Арасту чунин маҳдудиятҳоро дарёфт, онҳоро барканор сохта, самти ҳаракати таърихро дарк кард.

Арасту мегӯяд: “зеро ҳар яке агар дар сояи ҳуши худ қудрати пешбиниро дошта бошад, табиатан ҳоким ва корфармо хоҳад буд ва ҳар ки ҷуз кори ҷисмонӣ амале натавонад анҷом диҳад, табиатан барда ва банда хоҳад гардид”[23]. Мутафаккир қобилият ва идеяи ташаббус доштанро нишони инсони соҳибфикр ва сарвар маънидод мекунад, аммо маҳдудияти ин андеша дар он аст, ки ин хосиятҳоро табиӣ дониста, Арасту ба тағйирёбии чунин одамон на он қадар эътимод дорад. Ташаккулёбии муҳити иҷтимоиро бошад, ӯ бар дӯши давлат мегузорад. Оид ба ин мавзуъ мутафаккир менависад: “давлат бояд умури тарбияи табиати инсонро ба уҳдаи худ гирад ва ин боиси дарозумрии он мегардад, зеро зимни он одамон итоат ва қонунро ёд мегиранд”[24].

Вазифаи сиёсатро Арасту аз идоракунии оқилонаи ҷомеа иборат медонад. Талаботи инсонҳоро идора кардан барои таъмини баробарии иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Бояд моликияти хусусӣ мутобиқи қобилият ва зеҳнияти инсонҳо тақсим гардад. Агар ҳамаи одамон баробар ба моликият дастрасӣ ёбанд, ҳеҷ кас каси дигареро аз ҳеҷ чиз ҳимоят нахоҳад кард. Дар натиҷа худи чунин баробар кардани моликият беадолатӣ маънидод мешавад. Имконияти зист ба ҳамагон баробар аст. Давлати боадолат неруи худро ба иҷрои вазифаи тарбия кардани инсонҳо сарф мекунад. Аз ин рӯ, дар ҷаҳонбинии файласуфони юнонзамин ҷустуҷӯи ғояи ҷомеаи идеалӣ мақоми баландро соҳиб буда, назарияи сиёсии онҳо, ҳам хусусияти воқеӣ ва ҳам хусусияти ормонӣ дорад. Давлат бояд тавонад дар нисбати ҳар он чизе, ки ба идеяи адолат бархӯрд мекунад, ҳукмҳои сахт ва ҳақиқӣ барорад. Арасту дар

---

[23] Идиев, Х.У. Фалсафаи иҷтимоӣ [Матн] / Х.У.Идиев. - Душанбе, 2013. - С.24.
[24] Ҳамон ҷо. – С.25.

асари худ “Сиёсат” проблемаи нобаробарии иҷтимоиро дақиқтар дида баромада, таъкид мекунад, ки “алҳол дар давлатҳо се унсур вуҷуд доранд: як синф басо сарватманд аст, дигараш хеле қашшоқ аст, сеюмаш миёнаҳол аст. Дар ин маҷмуъ синфи сеюм беҳтар аст, чунки аъзоёни он аз рӯйи шароити зиндагӣ барои пайравӣ ба принсипи оқилона (ратсионалӣ) омода ҳастанд”[25].

Дар маҷмуъ, андешаҳои Афлотун ва Арасту ҳамчун намояндагони фалсафаи Юнони қадим дар шинохти баробарии иҷтимоӣ боиси таваҷҷуҳи махсус мебошанд, зеро бо такя ба ақидаҳои онҳо масъалаҳои баробарии иҷтимоӣ минбаъд дар таълимоти дигар мутафаккирони юнонзамин, асрҳои миёна (Фомаи Аквинӣ), замони Эҳё (Т.Мор, Томмазо Кампанелла) ба таври мухталиф арзи ҳастӣ намуданд, ки идеяҳои онҳо дар ин мавзуъ асосан аз Афлотун ва Арасту сарчашма мегиранд.

Дар бораи баробарии иҷтимоӣ диққати махсусро идеяҳои намояндагони сотсиализми хаёлӣ ба худ ҷалб менамоянд. Моҳияти таълимоти онҳоро баробарии сиёсӣ, моликияти хусусӣ ва маҳкум кардани истисмори одам аз тарафи одам ташкил медиҳад. Тамоми зиддиятҳо ва нобарориҳои иҷтимоӣ аз нигоҳи сотсиалистони хаёлӣ ҳамчун натиҷаи мавҷудияти моликияти хусусӣ арзёбӣ мегардад. Яке аз намояндагони маъруфи сотсиализми хаёлӣ Томас Мор (1478-1535) дар китоби худ “Утопия” менависад: “Ман пурра боварӣ дорам, ки ҳама чизро баробар тақсим намудан ва бе мушкилӣ идора намудани ҷамъият номумкин аст ва ё худ, ... моликияти хусусиро низ аз байн бурда намешавад ”[26].

Чӣ тавре, ки мебинем, мавқеи Томас Мор ва дигар утопистон дар масъалаи баробарӣ хислати якҷониба ва тундравона дошта, онҳо ҷамъиятро дар вазъияте мебинанд, ки ҳама баробар зиндагӣ мекунанд, дар он дорову нодор нест ва табиати инсониро чунин тасвир мекунанд, ки фишор ба он номумкин аст.

---

[25] Назар, М.А. Адолати иҷтимоӣ дар назария ва амалишавии он дар ҳаёти ҷамъиятӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ): монография [Матн] / М.А.Назар. – Душанбе: ИЛМ, 2022. – С.46.

[26] Иқтибос аз:Смирнов Г.Л., Андреев Э.М. Баграмов Э.А. Очерки теории социализма. – М.: 1989. – С. 33.

Бояд зикр намуд, ки ақидаҳои сотсиализми хаёлӣ дар даврони минбаъда баъзе дигаргуниҳоро аз сар гузарониданд, ки вобаста аз пайдоиши муносибатҳои капиталистӣ мебошанд. Ин дигаргуншавии ҷомеа дар ақидаҳои утопистӣ идеяҳоеро ҷой дод, ки онҳо шакли утопияи танқидии сотсиалистиро гирифтанд. Яке аз намояндагони утопияи танқидии сотсиалистӣ дар давраи Эҳё Анри Сен Симон (1760-1825) буд, ки дар тафовут аз дигарон давраи Эҳёро давраи нобуд шудани моликияти шахсӣ ҳисоб намекард. Ба ақидаи ӯ, моликияти хусусӣ бо тараққиёти истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба вуҷуд омадааст ва қашшоқию нодорӣ низ фақат дар давраи баробарии иҷтимоӣ аз байн мераванд. Ҳамфикри Сен-Симон мутафаккири дигар - Шарл Фурйе мебошад, ки дар назарияи худ сотсиализм ва баробарии сотсиалистиро дар табиати одам, дар ҳамкории одамон медид, вале танҳо дар ҳоле, ки ин ҳамкорӣ ба фишороварӣ ё истисмор оварда нарасонад. Аввалин бор чунин  ақидае низ аз ҷониби Фурйе баён шудааст, ки "дар ҳар як ҷамъияти мавҷудбуда дараҷаи эмансипатсияи занҳо ба таркиби эмансипатсияи табиии умумӣ медарояд" .[27]

Чунонки маълум мегардад, моҳияти андешаҳои мутафаккирони сотсиализми хаёлиро оид ба баробарии иҷтимоӣ барҳам додани моликияти хусусӣ, мубориза бар зидди истисмори инсон аз тарафи инсон ташкил медиҳад. Бо вуҷуди норасоиҳо ва хаёлӣ будани ин идеяҳо онҳо минбаъд ҳамчун заминаи сотсиализми илмӣ хизмат намуданд.

Аз таърихи фалсафаи сиёсӣ бармеояд, ки нақши андешаҳои донишмандони Замони нав низ дар таҳқиқи баробарии иҷтимоӣ хеле арзишманд мебошад. Аз ҷумла, дар шинохти воқеияти баробарии иҷтимоӣ мавқеи муҳимро андешаҳои Жан Жак Руссо (1712-1778) ишғол мекунанд. Идеяҳои асосии ӯ перомуни ҷомеаи боадолат дар асари машҳураш "Дар бораи шартномаи ҷамъиятӣ ё принсипҳои ҳуқуқи сиёсӣ" ва очерки таърихие бо номи "Муҳокимаҳо дар бораи пайдоиш ва асосҳои нобаробарии байни одамон" баён гардидаанд.

[27] Энгельс, Ф. Развитие социализма от утопии к науке [Текст] / Ф.Энгельс – М.: 1983. – С.  43.

Аз назари мутафаккир меҳнат манбаи ҳар гуна сарват ва ҳар гуна маданият аст ва азбаски меҳнати нафъовар танҳо дар ҷомеа ва ба воситаи ҷомеа мумкин аст, бинобар ин даромади меҳнат дар шакли нокоста ва бо ҳуқуқҳои баробар ба ҳама аъзоёни ҷамъият тааллуқ дорад.

Моҳияти баробарии иҷтимоӣ дар андешаҳои Руссо дар доираи фалсафаи ҳуқуқ ифода ёфтааст. Ақидаҳои ӯ дар бораи шинохти ҷомеаи идеалӣ аз принсипҳои ҳуқуқ, сиёсат ва иқтисод вобаста мебошанд. Ҳамагуна меҳнати ҷамъиятӣ бояд ба худи ҳамон ҷомеа натиҷаи баробар диҳад ва ин баробарӣ аз рӯи принсипҳои ҳуқуқ идора карда шавад. Дар ин назарияи баробарӣ имконияти меҳнат барои ҳамагон яксон аст, аммо натиҷа низ ба ҳуқуқҳои баробар ба даст оварда мешавад. Ин идеяи иҷтимоии Руссо ҳамагуна меҳнати ҷамъиятиро манбаи сарвати ҷамъиятӣ маънидод мекунад. Аммо на ҳар гуна меҳнат ба сарват мубаддал мегардад. Дар идеяҳои Руссо озодӣ ва баробарӣ таъминкунандаи адолат маҳсуб меёбанд, зеро "бо ин ки инсон озод ба дунё меояд, ҳама ҷо дар банди асорат ва занҷир аст. Чӣ басо касоне, ки худро фармонравои дигарон мепиндоранд, дар ҳоле ки худ ба маротиб аз онҳо заифтару маҳдудтаранд"[28].

Аз нигоҳи мо, баробарии иҷтимоӣ аз озодии фаъолияти ҷамъиятӣ вобаста аст. Озодӣ барои инсонҳо зарурат мебошад, аммо баробарӣ натиҷаи ҳамин озодӣ аст. Агар озодӣ набошад, баробарӣ аз байн меравад, зеро одамон табиатан хоҳиши озодӣ доранд. Одамон бо вуҷуди маҳдудияти қобилияташон орзуҳои бузургро мепарваранд ва барои онҳо мубориза мебаранд. Дар ҳақиқат "Руссо ду асл - "озодӣ" ва "баробарӣ" - ро аз қоидаҳои табиии зиндагии иҷтимоӣ медонад. Аммо ӯ, ба ҷои ин ки ҳукмҳои хусусиро пуштибони ин ҳуқуқи табиӣ созад, мехоҳад давлатро чунон созмон диҳад, ки аз дарун ҷуз ба озодӣ ва баробарӣ наяндешад"[29]. Инҷо дар маркази таваҷҷуҳи Руссо бунёди иттиҳодияи абарқудрат ниҳон аст. Дар асари мазкури Руссо модели ҷомеаи баробарҳуқуқ тасвир ёфтааст. Заковатмандии Руссо дар он аст, ки бунёди ҷомеаи боадолатро дар заминаи ахлоқ ва озодӣ

---

[28] Руссо, Ж.Ж. Об общественном договоре [Текст] / Ж.Ж.Руссо. – М.: 1998. – С.198.
[29] Комилов, Р.Фалсафаи ҳуқуқ [Матн] / Р.Комилов. - Душанбе, 2005.- С.210.

имконпазир медонад. Ӯ дар андешаи он буд, ки инсонҳо бояд дар ҳамбастагӣ ширкатеро таъсис диҳанд, то он тавонад молу ҷони онҳоро баробар ҳифз кунад.

Таҳлилҳо дар маҷмуъ нишон медиҳанд, ки баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи сиёсии Руссо дар доираи ҳуқуқ ва ахлоқ баён ёфта, таълимоти ӯ роҷеъ ба баробарӣ, озодӣ, ахлоқ ва адолат қадами ҷиддие ба пеш дар афкори башарӣ дар ин самт ба ҳисоб меравад.

Минбаъд дар бунёди назарияи адолат ва шинохти баробарии иҷтимоӣ мутафаккирони фалсафаи классикии Олмон, аз ҷумла, Г.Гегел (1770-1831) саҳми бағоят бузург гузоштаанд. Бузургии Гегел дар он аст, ки ӯ тавонист, ки тамоми умдатарин проблемаҳои инсониятро ба миён гузорад ва роҳи ҳалли онҳоро низ пешниҳод созад. Гегел, пеш аз ҳама ва беш аз ҳама, самти ҳаракати таърихи умумиҷаҳониро муайян кард ва сабаби пешрафт ва таназзули миллатҳоро баён сохт. Аз нигоҳи ӯ, рушди халқҳо ба дарки озодӣ ва ақл вобастагии зич дорад. Андешаҳои ин мутафаккир перомуни озодӣ, ахлоқ, баробарӣ, нобаробарӣ ва адолат бошад, аз назари фалсафаи ҳуқуқ баён карда шудаанд. Идеяҳои асосии Гегелро дар бораи назарияи адолат, озодӣ ва баробарӣ метавон дар асари маъруфи ӯ "Фалсафаи ҳуқуқ" мушоҳида намуд. Барои Гегел асоси ҳама гуна баробарии иҷтимоиро давлат таъмин мекунад. Давлат, менависад ӯ, "ин мавҷудияти Худо дар рӯи замин мебошад"[30]. Давлат аз одамоне иборат мебошад, ки онҳо як иттиҳоди муайянро ташкил намуда, манфиатҳои худро дошта бошанд. Давлат барои он сохта мешавад, ки инсонҳоро аз азияти руҳонӣ ва ҷисмонӣ наҷот диҳад, аз бадбахтиҳои бузург нигоҳ дорад, барои тамоми ҳуқуқ ва озодиҳои табиии онҳо мубориза барад. Озодӣ бояд асоси ҳама чиз бошад, дар ҷомеа одамон бо иродаи озод фаъолият баранд ва агар давлат барои озодӣ бунёд шавад, он гоҳ баробарии иҷтимоӣ зуҳур мекунад. Ба ақидаи ӯ, "Ҷамъият берун аз давлат майдони муборизаи хусусии байни афрод аст ва тасаввури ҳеҷ ҳақро дар он наметавон кард. Давлат манфиати умумро аз нафъи фард боло

[30] Гегель, Г.В.Ф. Философия права [Текст] / Г.В.Ф.Гегель. М., 1990. С.22.

мегузорад ва метавонад, агар лозим шавад, фардро фидои кулл кунад"[31]. Давлат, вақте ки ҳимояи манфиатҳои шаҳрвандонро бар уҳда мегирад, баробарии иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд. Баробарии иҷтимоӣ барои Гегел ҳамон вақт ба дараҷаи баланд мерасад, ки инсонҳо иродаашонро озод тасаввур намоянд. Озодии ирода ин тобеъ набудани инсон ба ягон чиз ва фикри озод доштан аст. Озодии инсонҳо мавҷудияти онҳоро исбот мекунад. Гегел чунин меҳисобад, ки идеяи озодӣ ба одамон имконияти баробар зиндагӣ карданро медиҳад.

Дар баробари ин, маҳдудият дар фалсафаи сиёсии Гегел низ мушоҳида мегардад - ӯ асоси хушбахтии инсонҳоро дар озодии беохири онҳо мебинад. Ин озодӣ барои ҳамаи замонҳо, барои ҳамаи халқҳо, барои ҳамаи ҳолатҳо ба вуҷуд оварда шудааст ва маҳз барои ҳамин он дар ҳама гӯшаву канори олам татбиқ гардида, дар натиҷа худи идеяи озодӣ ба бадахлоқии умум сабаб мешавад. Вақте ки шуури муқаррарии инсонҳо ба фаҳмиши дурусти озодӣ нарасидааст, он гоҳ озодӣ ба бадахлоқӣ мубаддал мегардад. Аз нигоҳи ӯ, "инсон мавҷуди озод аст".[32] Дар инҷо саволи оддӣ пайдо мешавад, яъне мо озодиро барои чӣ медиҳем ва барои кӣ медиҳем?

Аз таълимоти Гегел бармеояд, ки дар он мавҷудияти моликияти хусусӣ ва имконият барои моликият доштан ҳамчун озодии инсонҳо эътироф гардидааст. Инсон барои ҳар гуна фаъолият иродаи озод дорад. Чунин идеяҳои Гегел барои назарияи баробарии иҷтимоӣ аз ҷиҳати илмӣ ва фалсафаи сиёсӣ нақши калидиро ба иҷро расониданд.

Дар таърихи фалсафаи Олмон ва ҳамчунин, дар таърихи умумиҷаҳонӣ яке аз мутафаккирони забардаст дар шинохти баробарии иҷтимоӣ Карл Маркс (1818-1883) ба ҳисоб меравад. Маркс аз аввалинҳо шуда навишта буд: "Мутафаккирон оламро фақат ба тарзи гуногун маънидод мекарданд, аммо гап дар он аст, ки олам дигаргун сохта шавад"[33].

---

[31] Комилов, Р. Фалсафаи ҳуқуқ [Текст] / Р.Комилов. - Душанбе, 2005. – С.232.
[32] Гегел, Г. Работы разных лет [Текст] / Г.Гегел. Сост., В двух томах. Т 2. – М., Мысль, 1971. – С. 31.
[33] Маркс, К, Энгелс, Ф. Асарҳои мунтахаб. Ҷ 2. [Матн] / Маркс К, Энгелс Ф. - Душанбе,1965. – С.441.

Аз нигоҳи мо, ин идеяи “дигаргунсозии олам” маънои онро дорад, ки дар он инсонҳо дар имконият ва ҳам дар натиҷа баробар мебошанд. Баробарии идеалӣ дар зинаи коммунизм воқеӣ мешавад. Маркс тамоми таърихи гузаштаи инсониятро таърихи нокомиҳо ва нобаробариҳо маънидод мекунад. Капитализм бояд аз байн равад, зеро он озодӣ, баробарӣ ва адолатро аз байн мебарад. Маркс ва Энгелс дар якҷоягӣ таълимотеро ба вуҷуд оварданд, ки он бо номи “марксизм” дар ҷаҳон шуҳрат дорад. Оид ба баробарии иҷтимоӣ асарҳои асосии онҳо “Капитал” (К.Маркс) ва “Инкишофи сотсиализм аз утопия ба илм” (Ф.Энгелс) ба ҳисоб мераванд. Барои ин мутафаккирон иқтисод ҳамчун муҳаррики таърих шинохта мешавад. Тамоми хушбахтӣ ва бадбахтии инсоният бошад, маҳсули муносибатҳои иқтисодӣ мебошад. Тамоми кӯшишҳои ин мутафаккиронро бошад, пешниҳоди роҳҳои бунёди ҷомеаи бесинф ташкил медиҳад.

Дар марксизм идеяҳои “интернатсионализм” ва “Пролетарҳои ҳама мамлакатҳо як шавед!” ва дигар андешаҳое вуҷуд доштанд, ки баробарии миллатҳо ва нажодҳоро эълон мекарданд. Баробарии иқтисодӣ дар марксизм охирин нуқтаи адолати иҷтимоӣ мебошад. Марксистон ақида доштанд, ки озодии як синф сабаби истисмори синфӣ дигар, озодии як гурӯҳ сабаби маҳдудияти гурӯҳи дигари одамон ва хушбахтии як гурӯҳи одамон боиси бадбахтии як гурӯҳи дигари одамон мешавад. Дар натиҷа бояд капитализм ҷои худро ба сотсиализм ва коммунизм диҳад, зеро капитализм истисмори инсоният мебошад. Аз ин бармеояд, ки “фаъолияти ҳаётии коргар барояш фақат воситае аст, ки ба ӯ барои вуҷуд доштан имконият медиҳад. Ӯ барои он кор мекунад, ки зиндагӣ кунад. Ӯ ҳатто меҳнатро як қисми зиндагии худ ҳисоб намекунад; баръакс меҳнат кардан барои ӯ умри худро қурбон кардан аст. Меҳнат молест, ки ӯ ба каси дигар фурӯхтааст”[34]. Ба таъбири дигар, коргарон меҳнат мекунанд ва зуҳуроти қувваи коргарии худро мефурӯшанд, аз ин рӯ, маҳсули амали онҳо ба манфиати дигарон хизмат мекунад.

[34] Маркс, К, Энгелс, Ф. Асарҳои мунтахаб. Ҷ.1. [Матн] / К.Маркс, Ф.Энгелс. - Душанбе,1965. – С. 63.

Агар мо одамонро аз ҷиҳати натиҷаҳои иқтисодӣ баробар намоем, пас ҳамзамон мо озодии онҳоро маҳдуд мекунем. Баробарии иқтисодӣ наметавонад охирин нуқтаи ахлоқ, озодӣ ва адолат бошад. Албатта, ҳамаи ин ҳамчун як назарияи адолат аз ҷониби Маркс пешниҳод гардидааст, агарчи марксизм бо вуҷуди маҳдудиятҳои таърихӣ идеяҳои бузурге низ дорад, ки ахлоқ ва принсипҳои гуманизмро ба сатҳи баланд бардоштааст.

Маркс чунин меҳисобид, ки одамон пеш аз он ки ба сиёсат, илм, санъат, дин ва ҳоказо машғул шуда тавонанд, дар навбати аввал бояд хӯранд, нӯшанд, хонаю ҷой ва сару либос дошта бошанд. Одамон маҳсули муҳит мебошанд, на истеъдод ва на қобилият. Онҳо худ эҷодгари таърихашон ҳастанд ва новобаста аз хоҳишашон онро бунёд кардаанд. Назарияи муҳити Маркс бар пояҳои иқтисодии ҷамъият такя мекунад. Ин муҳит дар асоси истеҳсолот тайғир меёбад. Дар ҳамин замина Маркс менависад: “Дар марҳалаи олии ҷамъяти комунистӣ, баъди аз байн рафтани тобеъияти ғуломгардонандаи инсон бо тақсимоти меҳнат, вақте ки зиддияти меҳнати фикрӣ ва ҷисмонӣ якҷоя бо ин аз байн меравад, вақте ки меҳнат танҳо василаи зиндагӣ буданро қатъ карда, худаш аввалин талаботи зиндагӣ мешавад... дар он сурат ҳуқуқи буржуазиро пурра бартараф кардан имконпазир мегардад ва ҷомеа метавонад дар парчами худ нависад: Аз ҳар кас мувофиқи қобилияташ, ба ҳар кас мувофиқи талаботаш!”[35].

Дар маҷмуъ, дар чунин фаҳмиш баробарии иҷтимоӣ тибқи назарияи марксизм ин баробарӣ ҳам дар имконият ва ҳам дар натиҷа мебошад, чунки ҳуқуқи машғул шудан ба меҳнати ҷамъиятӣ барои ҳамаи аъзоёни ҷамъият баробар тааллуқ дорад.

Баъд аз марксизм дар шинохти баробарии иҷтимоӣ назарияи машҳур ва муосир ба Ҷон Роулз мансуб аст, ки он дар асари “Назарияи адолат” рӯи кор омадааст. Барои Роулз ҷомеа маҷмуи одамоне мебошад, ки дар равобити байниҳамдигарии қонунҳои муайяни одоб ва рафтор зиндагӣ мекунанд. Дар ҷомеа нуқтаи назари ҳар фард якхела буда наметавонад, баъзан онҳо мувофиқат мекунанд, баъзан ин ғайриимкон мегардад. Ҳамкорӣ бо ҳамфикрӣ

[35] Маркс, К. Критика Готской програмы [Текст] / Маркс К, Энгельс Ф. Соч., 2 изд., т.19. – С.20.

дар он ҳолат пайдо мешавад, ки кооператсияи иҷтимоӣ тамоми кӯшишашро ба харҷ диҳад ва ҳамаи одамон шароити хуби зист дошта бошанд. Сабаби нобаробарӣ натиҷаи тақсимоти нодурусти меҳнат мебошад ва он метавонад ба зиддият мубаддал гардад. Роулз принсипҳои муайянеро коркард намудааст, ки тибқи он фоидаи ба даст омада дар байни аъзоёни ҷомеа баробар тақсим карда мешавад. Ин принсипҳо нигоҳдорандаи ҳуқуқ ва озодиҳои иҷтимоӣ ба шумор мераванд. Роулз оид ба ин мавзуъ менависад: «Агар ҷомеа боадолат бошад, дар он ҳама баробаранд ва аз рӯйи принсипҳои адолат зиндагӣ мекунанд. Гарчанде, ки одамон ба якдигар талаботи баланд пешниҳод кунанд, аммо ба ин нигоҳ накарда, нуқтаи назари ягонаро тарафдорӣ мекунанд. Ин ҳиссиёти ҳақиқатпарастӣ, якдилӣ ва ҳамфикриро ба миён меорад»[36].

Роулз чунин меҳисобид, ки на ҳама ҷамъияти вуҷуддошта дар доираи адолат зиндагӣ мекунад, чунки ин масъала баҳснок аст. Вақте ки зиддиятҳо ба миён меоянд, бояд қувваҳои барқароркунанда ба амал дароянд, то ки зиддиятҳоро аз байн бурда, тартиботро дуруст кунанд. Ҳалли ин мушкилот ба консепсияи адолат дахл дорад. Дар набудани меъёри муайяни адолат ва беадолатӣ, мушкил аст, ки мардумон барои фоидаи байниҳамдигарӣ амал кунанд. Бинобар ин, нақши консепсияи адолат дар он аст, ки ҳама фоидае, ки ба даст оварда мешавад, он бояд чӣ тарз байни ҳама аъзоёни ҷомеа баробар тақсим карда шавад. Роулз бовиҷдониро асоси принсипи адолат мефаҳмад, зеро моҳияти виҷдонро дарк кардани инсонҳо метавонад онҳоро дар ҳолати баробарӣ нигоҳ дорад. Ӯ адолату бовиҷдониро бо роҳҳои гуногун - аз дидгоҳи интуитивизм, перфексионизм ва утилитаризм муқоиса карда мебарояд, то ки фарқияти байни онҳоро маълум созад.

Аз диди Роулз, дар ҷамъият тамоми шароит ҳамон тавре сохта шудаанд, ки ҳамаи шахсони ҷомеа баробар бошанд. Барои Роулз консепсияи муҳимми баробарии иҷтимоӣ дар назарияи утилитаристӣ (манфиатпарастӣ) вуҷуд дорад. Аз нигоҳи ӯ, ҳар як шахс дар татбиқи шавқу ҳавасҳои худ озод аст, аз

---

[36] Роулз, Дж. Теория справедливости [Текст] / Дж.Роулз. Новосибирск, Изд-во Новосибирского университета, 1995. - 45 с.

ҷумла, дар муайянкунии манфиатҳои ба даст оварда ва аз даст рафта. Ин дуруст аст, ки инсонҳо барои дастрас кардани манфиатҳои зиёд дар назди худ максадҳои оқилона мегузоранд. Аз ин рӯ, Роулз савол мегузорад, ки барои чӣ дар ҷомеа аз принсипҳои оқилона истифода намебаранд? Дар ин росто Роулз ду принсипи адолатро муайян кардааст: принсипи аввал - ҳар як шахс бояд ҳуқуқҳои баробар дошта бошад; принсипи дуюм - нобаробариҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бояд ба тарзи зерин сохта шаванд: а) аз онҳо бояд ба ҳама фоида расад; б) даромадан ба ҳама вазифаҳо барои ҳама кушода бошад.

Дар назарияи Роулз озодиҳои асосӣ аз озодии сиёсӣ ва озодии сухан, озодии виҷдон ва озодии фикр, озодии шахсият ва ҳуқуқи доштани моликияти шахсӣ иборат мебошанд. Ин озодиҳо бояд барои ҳама баробар тааллуқ дошта бошанд.

Дар маҷмуъ, Роулз дар фаҳмиши идеяи баробарӣ модели муосиртаринро эҷод кардааст. Андешаҳои ӯ перомуни баробарӣ, озодӣ ва адолат идеяҳои муҳим барои замони мо мебошанд, зеро ҳар як шахс ҳуқуқи баробар ва бо адолат ҳифз буданро дорад, аммо ягон монеаи иҷтимоӣ набояд садди роҳи баробар будани одамон гардад.

Ба ҳамин тариқ, проблемаи баробарии иҷтимоӣ дар таълимоти гуногуни фалсафӣ дар доираи принсипҳои мухталиф арзёбӣ, муқоиса, таҳлил, баррасӣ ва хулосабарорӣ гардидааст. Дар таълимоти мутафаккирон баробарии натиҷаҳо комилан манфӣ баҳогузорӣ карда мешавад ва баробарии иҷтимоӣ моҳиятан характери либералӣ мегирад. Аз нигоҳи аксари файласуфон баробарии имкониятҳо ва баробарии шахсӣ ба озодӣ монеа эҷод намекунанд. Баробарии иқтисодӣ бошад, танҳо дар таълимоти марксизм эътироф гардидааст. Дар таълимоте, ки характери либералӣ доранд, баробарӣ дар доираи имконият баррасӣ гашта, дар доираи натиҷа бошад, он бо тарзҳои гуногун арзёбӣ мегардад.

## §1.2 Масъалаҳои баробарӣ ва адолат дар таълимоти динӣ-фалсафии бостонии тоҷик

Дар таърихи фалсафаи тоҷику форс масъалаҳои баробарӣ ва адолат мавқеи хоса доранд. Умдатарин принсипҳои баробарӣ ва адолат дар таълимоти мутафаккирони тоҷик ба баробарии сиёсӣ, баробарии иқтисодӣ, баробарии нажодӣ, мазҳабӣ, озодии фикр, озодии шахсият, ҳуқуқи доштани моликияти шахсӣ ва ғайраҳо дахл доранд, зеро ингуна озодиҳо ва баробарии инсонҳо сарчашмаи ҷомеаи боадолат мебошанд. Албатта, ин масъалаҳо на дар фаҳмиши фалсафаи муосир ё бо истифода аз категорияҳо ва мафҳумҳои он баррасӣ шудаанд, вале ҳамчун идея онҳо, чи дар фалсафаи бостонӣ, чи дар фалсафаи асримиёнагӣ, ба таври хоса ифодаи худро ёфтаанд. Инчунин, мо инҷо набояд фаромӯш кунем, ки аввалин идеяҳои иҷтимоӣ принсипҳои тахайюлӣ доштанд ва дар шаклҳои ормонӣ зуҳур мекарданд. Дар чунин таълимот ҷомеаи мукаммал, давлати мукаммал ва инсони комил имконпазир тасаввур мешаванд, агарчи таҷрибаи инсоният нишон медиҳад, ки ҷомеаи мукаммал ва давлати мукаммал дар асл вуҷуд дошта наметавонанд.

Дар таърихи фалсафаи тоҷик таълимоти зардуштия, монавия ва маздакияро дар шинохти воқеияти иҷтимоӣ метавон ҳамчун нишондиҳандаи рушди руҳияи одамони ҳамон давра баҳогузорӣ намуд. Чунонки маълум аст, зардуштия ду идеяи бузургеро тарғиб менамуд, ки онҳо идеяи Некӣ ва идеяи Худо буданд. Ин идеяҳо на танҳо барои оромии башар хидмат мекарданд, балки болотар аз он, як навъ мубориза барои адолати иҷтимоӣ буданд. Аз ин рӯ, таълимоти зардуштия оид ба масъалаҳои баробарии иҷтимоӣ на бевосита, балки тавассути ҳамин ду мафҳум ва баррасии дигар мушкилоти ахлоқӣ зоҳир мегардад. Дар таълимоти маздакия бошад, идеяи баробарии иқтисодӣ бори нахуст зуҳур мекунад. Дар маҷмуъ, дар таълимоти дар боло зикршуда чунин проблемаҳои иҷтимоӣ гузошта шудаанд:

1. Одамон баробар офарида шудаанд ва бояд баробар зиндагӣ кунанд.
2. Баробарии иқтисодӣ бояд асоси муносибатҳои иҷтимоиро ташкил диҳад.

Баробарии иҷтимоӣ ва назарияҳои адолат дар таърихи фалсафаи тоҷику форс бештар дар шаклҳои динӣ ва фалсафӣ зуҳур менамоянд. Ба вуҷуд омадани идеяи баробарӣ бошад, натиҷаи нобаробарӣ, беҳуқуқӣ, камбизоатӣ ва, хосатан мавҷуд набудани адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа мебошад. Ин идеяҳо дар шакли идеалҳо, ормонҳо ва орзуҳо зуҳур карда, ифодагари ҳуқуқи халқи заҳматкаш мебошанд. Аммо барои бартараф кардани беадолатӣ, қабл аз ҳама, бояд идеяи худи адолат ба миён ояд. Адолат, чунонки дар фасли гузашта дидем, дар таърихи фалсафа мафҳуме мебошад, ки назарияи ягона оид ба моҳияти он вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, таҳқиқи баробарии иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки бештари шахсиятҳои таърихӣ назарияи адолатро асосан бо маънои баробарӣ тафсир намудаанд. Баробарӣ дар назди қонун, баробарии сиёсӣ, баробарии зан ва мард, баробарии иқтисодӣ ва ҳамаи андешаҳо перомуни ин мавзуъ дар шакли назариявӣ маънидод шуда, ғояи баробарии иҷтимоӣ дар таълимоти фалсафӣ ва динии бостонии тоҷик қадим дар робита бо мафҳумҳои ахлоқ, некӣ, ирода, маърифат, шинохт, шоҳи одил, поквиҷдонӣ, имон, эътиқод, инсонгароӣ ва ғайра маънидод мешавад.

Гегел навишта буд: «Усули инкишоф (диалектика) бори нахуст дар таърихи форсҳо ба мушоҳида расида ва, аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки таърихи умумиҷаҳонӣ аз таърихи онҳо шуруъ мешавад»[37]. Ин ҳаракати таърихӣ маҳсули фалсафаи Зардушт аст, ки «Иродаи инсонро озод» эълон карда буд. Ин нигоҳи ҷасуронаест ба ҳақиқат, ки ба иқтидори руҳи инсонӣ бовар дошта, тафаккурро вобаста ба озодии субъект маънидод мекунад.

Зардуштия, чуноки маълум аст, ақоиди динӣ-фалсафиест, ки асосгузори он Зардушт мебошад. Китоби муқаддаси ин дин Авесто буда, иборат аз панҷ китоб мебошад. “Ясно” роҷеъ ба масълаи шаръия ва давраҳо буда, “готҳо”(сурудҳо) – ро дар бар гирифтааст. “Виспарад”- маҷмуаи намозҳо ва матнҳои маросимӣ, “Яштҳо”- ситоишу ниёиши Аҳурамаздо, “Вандидод”

[37] Гегел, Г.В.Ф. Философия истории. Соч. Т.VIII. [Текст] / Г.В.Ф.Гегел. -М-Л., 1935. – С.163-164.

қонуни зидди девҳо, ки дар хусуси масъалаҳои беҳдошт ва аҳкоми ҳуқуқӣ баҳс мекунад ва "Хурд-Авесто" маҷмуи дуоҳову намозҳо мебошанд.

Таърихи тамаддуни умумибашарӣ собит месозад, ки дар сарзамини Аҷам таълимоту назарияҳое пайдо шудаанд, ки мақому мартабаашон дар рӯзгори одамизод беназир аст. Гузашта аз ин, китоби Авесто худ на танҳо китоби динӣ, балки нахустин қомуси фарҳангии мардуми тоҷик дар масири таърих аст, ки фарогири ҷомеи улум буда, чун ганҷинаи беҳамто ба хазинаи башарӣ ворид гардидааст. Аз назари олими тоҷик Акбар Турсунов, ки андешаҳои инсонсозиву милатсозии тоҷиконро дар асрҳои гузашта нишон доданӣ мешавад, «дар воқеъ, Аҷам фақат майдони муҳорибаи системаҳои «бегонанажод» - и фалсафӣ (аз қабили афлотуния, машшоъ ва қисман материализми атомистӣ) ва динию асотирӣ (буддоия, настурия) набуд; маҳз дар муҳити маънавии Аҷам зардуштия, монавия ва маздакия барин ҷараёнҳои бонуфузи ғоявӣ ташаккул ёфтанд, ки дар таърихи маънавиёти на фақат тоҷикону форсиён, балки инчунин арабҳо, туркон ва дигар халқу кишварҳо, алалхусус юнониён (маздопарастӣ) ва румиён (монавия), нақши равшан гузоштанд»[38].

Идеалҳои баробарӣ, ахлоқӣ ва идеяҳои адолатхоҳонаи Зардушт дар китоби Авесто ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар ин китоб Зардушт мегӯяд: "Ҳар кас, ки бо андешаву гуфтор бо ҳарду дасти хеш бо дурванд биситезад ва ё пайравони ӯро ба нек раҳнамун шавад, ба дӯсткомӣ хости Маздо-Аҳурàро бармеоварад"[39]. Чунин андеша бешубҳа ба тавлиди инсони адолатпарвар сабабгор мешавад.

Аз нигоҳи мо, ҳар як таълимот фақат дар сурате пазируфта мешавад, ки на танҳо ба дархостҳои маънавӣ-мафкуравии замон, балки ба ниёзҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа низ ҷавобгӯ бошад. Яке аз сабабҳои интишори васеъ ёфтани таълимоти зардуштия шояд он бошад, ки моҳияти асосии онро идеяи «ахлоқ», «баробарихоҳӣ», «поквиҷдонӣ», «ҷомеаи иҷтимоӣ» ва дигар арзишҳои умумиинсонӣ ташкил медиҳанд.  Агар аз лиҳози назариявӣ

---

[38] Турсунов, А. Эҳёи Аҷам [Матн] / А.Турсунов. - Душанбе, 1984. – С.16-17.
[39] Авесто. «Ясна», Ҳоти 33.  [Матн] /  Авесто. - Душанбе, 2001. – С.71.

“масъалаи рушди умумиинсонӣ, ки қаблан дар ин бора изҳори назар намудем, баррасӣ гардад, пас аз он баҳси такомули шахсият ба миён меояд”[40].

Аломати асосии шахсияти боадолатро тафаккуру тасаввур ва андешаи қавии фардӣ ташкил медиҳад. Дар таълимоти зардуштӣ нақши инсон новобаста аз ҷинсу нажод баробар донista мешавад. Инчунин, дар таърихи афкори маънавии форсиён зуҳур доштани як зумра устураҳои мансуб ба зиндагӣ ва асолати зан, дар алоқамандӣ бо зебоӣ муқаррар намудани худоёни занона гувоҳи он аст, ки эътибори зан аз ибтидо дар мақоми волои инсонӣ қарор дорад. Мавҷудияти эзадони Аноҳита, Чистӣ, равонҳои поки Ҳеруток, Спандурамз ва дигарон аз арҷи бузурги руҳонӣ ва эътибори зан дарак медиҳанд. Баробарии инсоние, ки дар идеяи зардуштӣ ниҳон аст, аз ҷумла, баробарии зану мард, барои таъмини адолати иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ хизмат карда, ин идеалҳо барои як нав мубориза дар роҳи озодӣ дар ҳаёт заруранд.

Зардушт таълим медиҳад, ки бояд мардумони бовиҷдон ва дурандеш ба дигар пайравон ва муътақидони худ биомӯзонанд, ки довару додгар, ҳодии ростиву поккорӣ Аҳурамаздост. Дар “Ясно”, ҳоти чиҳилу панҷ, банди нӯҳ чунин зикр шудааст: “Хирадманд касе аст, ки ба дигарон биомӯзонад, Аҳурамаздо аз ҳама бештару беҳтар сазовори парастиш аст. Ӯст довару додгари корҳои ҳама ва ӯст ба ростӣ сарвару офаридгори ҳамаи ҳастиҳо. Бошад, ҳамаи мо бо кӯшиш ва анҷоми корҳои нек ба ӯ наздик шавем ”. Таваҷҷуҳи донишмандони Шарқу Ғарб ба ҷавҳари таълимоти Зардушт нишон медиҳад, ки идеалҳои ахлоқии ин таълимотро эътироф намуда, онҳо ҳамаи инро ба ҳайси ҷанбаи қавӣ ва ибтидоии оғози назарияи рушди маънавии башарият дар таърихи афкори иҷтимоӣ донистаанд. Аз зумраи онон нависандаи барҷастаи Ҳинд Робиндранат Тагор дар мақолаи худ “Зардушт ва Эрон” навиштаст, ки Зардушт дар таърихи олам аввалин касе аст, ки мазҳабро ба як шакли ахлоқӣ даровард ва дар он даврон ҳақиқати ваҳдатро бештар таълим доду ростиву некиро ҳақиқати комил ва камоли

[40] Нуров, Н. Авасто ва мероси фарҳангии тоҷикон. [Матн] / Н.Нуров. – Душанбе, - С.60.

ҳақиқӣ муаррифӣ намуд.[41] Дар заминаи ин хулоса кардан мумкин аст, ки зардуштия некӯкориро идеали ахлоқӣ маънидод намуда, одамонро ба асли моҳияташон ҳидоят мекунад. Некӯкорӣ завол надорад ва инсон набояд онро тарк кунад. Барои он, ки одамон некӯкор, боандеша ва бо тафаккур бошанд, бояд пеш аз ҳама нерӯи хобрафта дар ҷавҳари онон бедор карда шавад. Некӯкорӣ ахлокро таъмин менамояд ва одамонро ба сӯи адолату баробарӣ мебарад. Одамон ҳамон вақт боахлоқ маҳсуб меёбанд, ки ҳисси баробар будан бо дигаронро дошта бошанд.

Иттиҳоди одамон, ки аз маҷмуи фардҳои алоҳида ба вуқуъ меояд, хамчун иттиҳоди том дар худ манфиату табиати хоса дорад ва чун фаъолияти мустақил талаботи умумро инъикос мекунад. Аз ин лиҳоз, манфиати иттиҳодиро набояд бо талаботи фардҳои алоҳида, аъзоён ва ҳатто ба маҷмуи талаботи кулли аъзоёни он (дастаҷамъӣ) омезиш дод. Зардуштия дар баррасии манфиату талаботи одамон андешаи адолати иҷтимоӣ ва инкишофи муттасили ахлоқи фардиро зарур меҳисобад. Фард бояд дорои тафаккури озод ва равшан бошад, он гоҳ ӯ метавонад арзишҳои умумиинсониро риоя намояд. Зардушт мегӯяд: “Эй Маздо, бегумон ин подоши ормониро ба тану ҷони касоне арзонӣ медорӣ, ки бо маниши нек кор мекунанд ва дар партави Аша омӯзиши хиради некӣ туро ба дурустӣ ба пеш мебаранд ва хости туро бармеоваранд ва барои пешрафти ҷаҳон мекӯшанд”.[42]

Ҳамзамон, нуктаҳои дигари баёнкардаи Зардушт гувоҳи онанд, ки инсонро метавон бо андешаҳои фаровони ахлоқӣ ба роҳи некӯкӯкорона ҳидоят намуд. Инсон метавонад такя ба иродаи созандаи худ намуда, ба волотарин орзуҳояш бирасад. Саодати зиндагӣ дар некӯкорӣ зуҳур мекунад. Зардушт дар ин бора мефармояд: “Эй Маздо! Маро аз беҳтарин гуфторҳо ва кирдорҳо биогоҳон, то ба ростӣ дар партави Аша бо маниши нек ва озодкомӣ туро биситоям”.[43] Ин андешаро мо метавонем ба таҷрибаи рӯзгори

[41] Робиндранат, Тагор, Зардушт ва Эрон. Аз китоби демокрасӣ ва озодӣ дар Ҳинд [Матн] / Тагор Робиндранат. - Теҳрон. 1350.- С.505- 512.
[42] Авесто. «Ясна», Ҳоти 34 [Матн] / Авесто. - Душанбе, 2001. – С.75.
[43] Ҳамон ҷо. – С.75.

гузаштаи одамизод назар андохта, ба наздик будани он ба воқеият бовар ҳосил намоем. Беҳрӯзӣ аз они касест, ки дигаронро ба беҳрӯзӣ бирасонад ва талаботҳои ичтимоии дигаронро низ бояд ба назар гирад. Манфиату талабот ва таклифот дар ҷомеа дар ҳолати рушд ва косташавӣ қарор мегиранд. Одамон дар ҳама ҳодисаҳои ҳаёт ниёзманди таълимоти ахлоқӣ ва идеяи адолату баробарӣ буда, ба онҳо рӯ меоранд. Аз ин рӯ, фалсафа ва андешаҳои зардуштиён на танҳо воситаи шинохти арзишҳои суннатӣ ва фикрӣ, балки аз ҷиҳати таҳаввулоти ақидаи рӯзгор пайвандгари аслҳо ва наслҳо мебошанд.

Дарвоқеъ, бахши муҳимме аз навиштаҳои зардуштӣ, ки бо ҳақоиқи мазҳабӣ ва мавзуъҳои марбут ба ботини инсон рабт доранд, барои тамоми одамони он замон навишта шудаанд. Тафаккури интиқодиву таҳлилиро ҳамчунон Зардушт хуб истифода мебарад ва бо андеша ба қалби одамон умед мебахшад. Таҳлили фалсафии қалби олам будани инсон ба асли таълимоти зардуштия дар бораи ба амал татбиқ шудани андешаи баробарӣ дар ҷомеа ва болотарин нуқтаи табиати ҳастӣ будани нафс зикр шуда, роҳҳои расидан ба маънавиёту поквиҷдонӣ барҷаста инъикос меёбанд. Агар инсон натавонад бо қувваи бадӣ мубориза барад, он гоҳ ӯ ба ҳуқуқҳои табиии одамон халал мерасонад. Инсон илму ҳунарро бояд бо ҷон ба даст орад, зеро ба ақл вай дар ҷаҳони чун дарё равон ва монанди шаҷар соҳиби гавҳару мева шудан метавонад. Зиёдии ҷоҳилон дар ҷаҳон метавонад ба руҳияи кулли одамон таъсири манфӣ расонад ва онҳоро аз парастиши баробарҳуқуқӣ маҳрум намояд.

Зардушт нақши ҳокимонро низ дар ҷомеа ва таъмини адолат хеле бузург медонад ва дар китоби ӯ чунин андеша баён шудааст: “Бишавад, ки фармонравоёни хубу донишвар (дар партави) Армаитӣ бар мо фармон биронанд. Мабодо, ки фармонравоёни бад (бар мо) фармон биронанд. Покӣ аз ҳангоми зодан беҳтарин (кор дар зиндагӣ) аст. Бояд барои ободонии ҷаҳон кӯшид ва онро ба дурустӣ нигаҳбонӣ кард ва ба сӯи рӯшноӣ бурд”.[44]

---

[44] Авесто. «Ясна», Ҳоти 47 [Матн] / Авесто. - Душанбе, 2001. – С.88.

Ба ин маънӣ, андешаи Зардушт натиҷаи зуҳуроти хирад буда, шарти асосии ҳастию суботи инсон ва олами мафкуравии он мебошад, ки дар заминаи фаҳму дарки фардӣ ташаккул ёфта, қудрати беназири инсонро муайян менамояд. Ҷавҳари андешаи Зардушт, чи тавре, ки дар боло гуфта шуд, танҳо дар фарҳанги он таҷассум ёфта, барои самаранок истифода намудани арзишҳои моддию маънавӣ кӯмак мерасонад. Идеяи баробарии зардуштия ифодакунандаи фарҳанг ва тамаддуни он мебошад. Ташаккули ахлоқи олӣ дар набард бар алайҳи нерӯҳои бадӣ, муборизаи ду нерӯи ба ҳам оштинопазири некиву бадӣ ошкор мегардад.

Таҳлили фалсафаи иҷтимоии зардуштӣ, ки рисолати онро Спитамон ба зимма дошт, нишон медиҳад, ки он асрҳо ба инкишофи илмҳо хидмати барҷаста намудааст. Ин дин таълимоти ростӣ ва хирадгароист, ки идеали ахлоқии он "Андешаи нек, гуфтори нек ва рафтори нек" буда, ҳадафаш пирӯзии ногузири некӣ бар бадӣ, хайр бар шар буда, натиҷааш инсонро ба адолатпешагӣ мебарад ва фард комилан дар зиндагӣ саодату хушбахтии воқеиро бо камоли ҳайрат эҳсос менамояд. Хушбахтӣ ва саодати ин ҷаҳон ба некиродагии инсон вобастааст. Агар инсон иродаи сусту фикри фарсудашударо соҳиб бошад, ҳеҷ гоҳ дар зиндагӣ ба мақсадҳои олии хеш намерасад. Мақсадҳои олиро ҳис карда, шахс метавонад онҳоро дар амал татбиқ намояд ва барои расидан ба чунин комёбиҳо мубориза барад. Пас дар ҷомеа одамон дар ин гуна донишҳо манфиатҳои ҳаётан муҳими худро мебинанд ва дар асоси онҳо ба амалкардҳои бузург мегузаранд. Мушоҳида намудан мумкин аст, ки одамон дар ҷараёни ҳаёт асосан ба шарофати таълими махсус ба рӯзгори саодатманд мерасанд. Моҳиятан Зардушт ҳам мавҷудияти баробариву бародариро дар ҷомеа ҳамон вақт эътироф менамояд, ки мардумон дорои тафаккур ва андешаи солим бошанд.

Дар мавриди эҳсоси накӯии саодатмандона Зардушт мефармояд: "Касе, ки марди дарвешу зани дарвешро пас аз вурӯ рафтани Хуршед, хонае устувор бахшад. Касе ки бо размафзоре корсоз (деви) Хашмро захме хунин занад;

ончунон, ки тавоное, нотавонро”.[45] Мувофиқи ин нуқтаи назар, агар одамон хоҳанд, ки адолат дар манзилашон ҷилва диҳад, бояд аз рӯи принсипҳои баробарӣ зиндагӣ намоянд. Гарчанде, ки одамон ба якдигар талаботи баланд пешниҳод намоянд ҳам, аммо ба ин нигоҳ накарда, нуқтаи назари ягонаро дар мавриди адолати фарогир тарафдорӣ менамоянд. Ин некӯкорӣ дар ниҳоди одамон ҳисси ҳақиқатпарастӣ, якдилӣ, ҳамфикрӣ ва адолатро ба миён меорад.

Мо муътақид ҳастем, ки одамон дар ҳаёт баробар офарида мешаванд, вале қобилиятҳои мухталиф доранд. Одамоне, ки аз ҷиҳати қудрат нисбати дигарон бартарии зиёд доранд, бояд барои ба мақсадҳои муайян расидани дигарон кӯмак расонанд, то адолати умум ба вуҷуд ояд. Ҳадафи охирин аз баробарии инсонҳо дар таълимоти динҳои бостонии тоҷик гузашт намудан аз ҳастии ҷисмонии дунявӣ маҳз ба сӯи офаринандаи худ, дар ҷустуҷӯи расидан ба як мукофоти маънавӣ дар зиндагии пас аз марги абадӣ аст.

Ҳамзамон, аз нигоҳи мо, идеалҳо дар ташаккули шахсияти одамон мавқеи калидиро доранд. Идеали ахлоқӣ дар заминаи назариявӣ ташаккул ёфта, асоси худинкишофдиҳӣ ва адолатхоҳӣ мегардад. Зардуштия ҳамчун таълимоти динӣ тимсоли эҳсоси арзишҳои маънавии инсонӣ буда, дар қалби одамон раҳму шафқат, меҳру муҳаббат, эҳтирому хоксориро бедор месозад. Афзун намудани неъматҳои моддӣ дар ҳаёти осоишта ҳамчун рафтори нек маънидод шуда, роҳи наҷоту фаҳмишҳои фикрии фалсафаи динӣ дар тасаввуроти таърихии одамон гоҳо ба шакли нодуруст ҳам инъикос меёфтанд, ки боиси нобаробариҳои иҷтимоӣ мегаштанд. Аз нигоҳи пажӯҳишгарон моҳияти адолат дар таълимоти зардуштия ҳангоми тасвири симои ҳоким, ҳукмронии одилонаи ӯ низ ошкор мегардад: «Ҳокими Ориёӣ, дорои давлат аст, бояд бовиҷдон бошад, дорои қувваи беназир бошад, лаҷоми ҳукуматдориро дар даст гирад, нияти хуб дошта бошад, вобаста ба

---

[45] Авесто. «Ясна», Ҳоти 57 [Матн] / Авесто. - Душанбе, 2001. – С.172.

ин дар раванди ҳукмронии худ, ба халқ хизмат намояд, ба ӯ меҳрубон бошад, некӯаҳволии халқро ба зимма гираду ҳимоя карда тавонад»[46].

Дар оини зардуштӣ инчунин муҳит ба шакли объективӣ намоён мешавад. Накши ҳоким, идоракунандагони ҷамъият ва идеяҳои баробарҳуқуқӣ ва меъёри озодиҳои инсон бошад, дар фалсафаи ҳуқуқии зардуштия баръало намоён мегарданд. Инсон новобаста аз ҷинсият, қавмият ҳуқуқҳои табииро соҳиб аст. Дар ин масъала дар таълимоти зардуштия моҳиятан зикр мешавад: “Агар марде бо духтари дӯшиза ё бонуи ҷавон - хоҳ он духтар ё бону вобаста ба солори хонавода бошад ё на, хоҳ ба шавҳар дода шуда бошад ё на, ҳамхобагӣ кунад ва он духтар ё бону аз ӯ обистан шавад, набояд аз шарми мардум бо обу гиёҳ дар даштони нобаҳинҷор падид оварад”.[47] Ин андеша ҳатто ҳуқуқҳои азалии инсони ҳоло ба ҳаёт чашм накушодаро ифода мекунад. Ба ибораи дигар, Зардушт бо низоми фалсафаи ҳуқуқии худ мардумро аз нодурустиҳои рӯзгор, мақсадҳои ғайримантиқӣ огоҳ сохта, андешаи нек ва хирадро ҷавҳари амали инсон қарор дод ва бо мақсади таъмини адолат дар ҷомеа афкори ғайриинсонии коҳинону мутаваллиёни замони хешро инкор намуд.

Ҳаёти хонаводагиро Зардушт ҳамчун нахустин ниҳоди ҷомеа мефаҳмад, ки хушбахтии инсон аз он сарманша мегирад. Дар оини зардуштӣ оила маҳалли муносибату муоширати волидайн ва фарзанд мебошад ва нахустин хислатҳои инсонӣ ва мақсадҳои олии зиндагӣ аз оила шуруъ мешаванд. Мақоми баробарӣ дар оила миёни марду зан дар зардуштия аз эътиқодҳои қадимаи ориёии ниёгони мо сарчашма мегирад. Ҳусайни Воҳидӣ дар “Пояҳои ормони порсоӣ дар Эрон” аз назари таълимоти зардуштия ба мард муроҷиат намуда, гуфтааст: “Агар занеро бигирёнӣ рӯзгор гирёнат мекунад. Занро хор макун то ба хорӣ маяфтӣ, паймонатро бо зан машикан, то паймонат шикаста нашавад, дили занро машикан, то дилат шикаста нашавад. Ба зан ҷавр макун, то рӯзгор ба ту пушт макунад... Эй мард, бо зан бо хубию

---

[46] Ҳазратқулов, М. Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ [Матн] / М.Ҳазратқулов. - Душанбе, 2006. – С.501.
[47] Авесто. Фаргарди понздаҳум [Матн] / Авесто. - Душанбе, 2001. – С.512.

нармӣ рафтор кун, вале фармонбару бардаи зан машав, то сабук нашавӣ. Эй зан, бо мард бор бардор ва бизо, бо мард дар ҳама корҳо анбозӣ бикун”.[48]

Зардуштия бо моҳияти назариявии худ инсонро ба муъҷизакори ҳаёт, яъне муҳаббат пайванд намудан мехоҳад. Баробарии одамон, тибқи таълимоти он, аввалан аз хонавода оғоз меёбад, бинобар ин одамон бояд ҳисси баланди поквиҷдониро соҳиб шаванд, то орзуҳо, ормонҳо ва арзишҳои дигаронро дар баробари хостаҳои худ гузоранд. Аз нигоҳи мо, инсоне, ки дар оила фақат идеяҳои худро асосӣ мешуморад, дар ҷомеа низ чунин амал менамояд. Дар ҳар фард ҳисси ба як ҳисоб ҳақ донистани худ хос аст. Зардуштия талаб менамояд, ки ҳамсарон бояд дар фикру андеша, эҳсосот, ахлоқ ва эътиқод мувофиқат дошта бошанд. Дар зиндагии заношӯӣ пояи муҳим баробарӣ аст. Марде, ки ҳамсари худро баробарҳуқуқ бо худ медонад, бо Худову зиндагӣ ва зебоӣ меҳр меварзад.

Ба одамон эҳтиром гузоштанро низ зардуштия маҳаки асосии баробарӣ медонад. Ин таълимот эътироф мекунад, ки одамон бояд дар имконият баробариро соҳиб бошанд, то нарасидани имтиёзҳо боиси норозигиҳо дар ҷомеа нагардад. Дар ин оини пуршараф ҳар гоҳ писаре бо духтаре издивоҷ мекард, аввал анҷумане бо номи “Гавоҳгирон” барпо мешуд, дар он мубад чунин хитоб ба домод менамуд: “Бидон, эй писар, ки духтар чун дар хонаи падар буд, парасторию парвариши ӯ ба уҳдаи падару модар буд ва акнун, ки ба шумо мепайвандад, Парвардигори меҳрубон нигаҳбонии ӯро ба некӣ ба шумо супурдааст. Шумо, ки имрӯз бо ин духтар паймони пайванд мебандед, бояд то поёни зиндагӣ дил ба бегона надиҳед, дар шодию андӯҳ ва тавонгарию дарвешӣ бо ҳам якдилу ягона ва дар ҳама ҳолат бо ҳам анбоз бошед. Бояд аз зишткорию нодурустӣ канора ҷӯед, ба ростию покдилӣ гароед, то назди офаридгор сутуда бошед”.[49]

Чунин андешаҳои пок аз ҳақиқатҳои инкорнопазири зиндагианд, ки онҳоро Зардушт кайҳо дарк намуда ба ҷаҳониён муаррифӣ намуда буд.

---

[48] Воҳидӣ, Ҳусайн. Пажӯҳише дар ормони порсоӣ дар Эрон [Матн] / Ҳ.Воҳидӣ. – Теҳрон, 1353.- С.111.
[49] Шакибо, Парвин. Зан дар Эрони бостон ва дар кишварҳои бостонии дигар [Матн] // Маҷаллаи Эронзамин. Канада, 2002. №10. – С.3.

Зардушт масъалаҳои асосии ҷомеаро тавонистааст хирадмандона гузорад. Маълум аст, ки дар оини зардуштӣ илму фарҳанг, расму оин, кешу мазҳабу забон, иқтисод, марзу бум, сулҳу ҳамдилӣ ва дигар арзишҳои муқаддас ҷавҳар ва бақои халқ маҳсуб мешаванд ва ҳар як халқият бо ҳамин арзишҳо ба тамаддун ва таърихи умумиҷаҳонӣ ворид шудааст. Дар ҷавҳари ин андешаҳои оини зардуштӣ ҳадафу мароми бузурге нуҳуфта аст, ки ба натиҷаи дарёфти моҳияти ҳаёт ва маънои психологии он мебаранд. Ин дастурамал на танҳо ҳаёти динии мардуми ҳамондавраро дар бар мегирифт, балки тамоми паҳлӯҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии одамонро, ки бояд дар иттиҳоди боадолатона зиндагӣ кунанд, дар худ ғунҷонида буд.

Маъниҳои баланди ботинӣ доштани фалсафаи зардуштиёнро дарк намуда, мутафаккири олмонӣ Г.Гегел навишта буд: "Вақте, ки мо ба ҷаҳони тамсил ва эҷодиёти форсҳои қадим... ворид мешавем, дар он худамонро ноҷӯр эҳсос мекунем; ҳис менамоем, ки миёни кадом як гиреҳҳо сайр дорем. Худ аз худ ин асарҳо таваҷҷуҳи моро ҷалб намекунанд, дидани бевоситаи онҳо моро фараҳ намебахшанд; ин чизҳо гӯё худашон мехоҳанд, ки мо аз болои онҳо биҷаҳему ба сӯи дигар маъниҳои нуҳуфтаи онон, ки дар қиёс бо ин падидаҳо васеътару амиқтаранд, қадам занем".[50] Маънои пасипардаи фалсафӣ, ки на ба ҳамаи одамони давраҳои таърихӣ ба таври идеалӣ намудор мешуданд, Гегелро ба ҳайрат меовард ва ӯро водор менамуд, ки илҳоми безаволи форсиёнро оид ба ҷомеа, адолат дар он ва ғайраро омӯзад ва дарк намояд.

Қобили зикр аст, ки маҳз ҳамин таълимоти беназири зардуштия оид ба некӣ буд, ки ҳанӯз дар асри шашуми томелодӣ Куруши Кабир эъломияе қабул намуд, ки тибқи он баробарии динию мазҳабии сокинони империяи Ҳахоманишинҳо таъмин гардида буд. Ҳамаи ин аз андешаҳое ибтидо мегирад, ки дар "Хурда Авасто" оид ба инсони пайрави зардуштия дар чунин шакл омадаанд: "Ман маздаясноиям. Худро ҳамчун маздаясноӣ, зардуштӣ, қасам хӯрда ва интихоб намуда, омурзиш мекунам. Ба Пиндори нек бо

[50] Гегел, Г. Эстетика. В 4-х т.,т.2. [Матн] / Г.Гегел - М.:Искуство. 1969.-С.19.

пиндор, ба Гуфтори нек бо гуфтор ва ба Рафтори нек бо рафтор қасам мехӯрам[51]”.

Ба ҳамин тариқ, дар фалсафаи сиёсии зардуштия озодӣ, адолат, баробарӣ дар шакли фаҳмиши ахлоқӣ-иҷтимоӣ инъикос гаштаанд. Мантиқу психологияи оини зардуштӣ фаъолияти эҷодӣ буда, он дорои сарватҳои нотакрори маънавию амалӣ ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим аст, ки дар асоси онҳо дигаргунсозии олами ботинии инсон дар тамоми самтҳо, аз ҷумла, дар дарки баробарию адолат дар ҷомеа сурат мегиранд.

Ғояи баробарӣ ва адолат дар таълимоти дигари фалсафӣ-динии тоҷикони бостонӣ - монавия низ дар шакли хоса вуҷуд дорад. Монавия аз оғози хеш ҳамчун дини дорои арзишҳои ахлоқӣ ва маърифатӣ зуҳур намудааст. Асосгузори ин дин Монӣ буд, ки дар Мишон соли 216 ба дунё омада, дар руҳияи гностикӣ тарбия меёбад ва ҳанӯз дар 25-солагӣ худро ҳамчун навовар ва як муслеҳ (рефарматор)-и иҷтимоӣ ва мазҳабӣ муаррифӣ намуд. Ӯ баъди ошноӣ бо зардуштия ва зарвония мақсад гузошт, ки таълимоти наверо ба вуҷуд орад. Метавон гуфт, ки “Ӯ аз Зардушт ақидаи руҳи неку бад, аз Буддо интиқоли руҳ, аз дини насронии ибтидоӣ гностисизм ва аз зарвония худои олӣ - Зарвонро қабул кард”.[52]

Агар ба таърихи башарият назар афканем, мебинем, ки сабаби бештари норозигии умум аз чунин навъи беадолатӣ - нарасидани дастовардҳои моддӣ ва маънавӣ ба миён меояд. Нобаробарӣ бошад, асосан аз табақабандии ҷомеа ва тақсимоти ноодилонаи моликият сар мезанад. Халқиятҳо дар гузашта аз чунин нобаробарие, ки боиси бадбахтиашон мешуд, ҳеҷ гоҳ ба таври пурра ибрат нагирифтанд ва онро ба таври мукаммал дарк накарданд. Аз ҷумла, ба табақа ҷудо намудани ҷомеаи сосонӣ сабаби муайяни таърихии худро дошта, ба ҳаёти иҷтимоии он замон таъсири ҷиддӣ мерасонд. Дар “Ардавирофнома” ҷомеаи сосонӣ ба чаҳор табақа тақсимбандӣ шудааст: “Дар ҷои аввал коҳинон меистанд; баъд табақаи ҷанговарон, ки шоҳ низ ба онҳо мансуб дониста шудааст, табақаи заминдорон - вастриошан табақаи сеюм хонда

[51] Авеста. Хурд Авеста (Младшая Авеста) [Матн] / Авеста. – Спб., 2005. – С. 43.
[52] Қодиров, К. Таърихи фалсафаи тоҷик [Матн] / К.Қодиров. - Душанбе, 1998. – С.13.

шудааст. Ва ниҳоят косибон – хутухшагон омаданд, ки дар зиндагӣ ба соҳибони худ хизмат мекунанд”[53].

Аз чаҳор табақаи мавҷудбуда фақат сетоашон соҳиби оташи худ буданд. Бо инкишофи ҳаёти табиии ҷомеа ҳамаи табақаҳо вобаста аз хусусиятҳои худ ба пеш мерафтанд. Ҳар як табақаҳои иҷтимоӣ дар назди ҷомеа нақши барҷастаи худро дошт ва дар идоракунии халқ ҳисса мегузошт. Аз ин рӯ “Вазифаи руҳониён динро хуб нигоҳ доштан ва парастиш ва ситоиши Яздонро хуб ва бодиққат кардан ва фатво ва ҳукм ва оин ва расмро ҳамчунон, ки аз бединии поки маздаясно ошкор аст ва мардумонро аз кори хуб ва некӣ огоҳидан ва роҳ ба сӯи биҳишт ва биму парҳез аз дӯзахро нишон додааст. Вазифаи низомиён душман задан ва шаҳру буми хешро эмин ва осуда доштан аст. Вазифаи кишоварзон кишоварзӣ ва ободонӣ кардан ва то ҳадди имкон ҷаҳонро роҳате бахшидан ва ободон нигоҳ доштан аст. Вазифаи муздурон ин аст, ки он корро, ки надонанд, даст бад-он назананд ва он чӣ донанд, хуб ва бодиққат анҷом диҳанд ва музди одилона хоҳанд”.[54]

Халқҳо, чунонки Маркс таъкид доштааст, худ таърихашонро эҷод мекунанд ва ҳарчанд хоҳиши натиҷаҳои бади онро надошта бошанд ҳам, имконияту имтиёз ва хушбахтиву сарват ба як гурӯҳ мегузашт, маҳдудият ва нокомиву бадбахтӣ насиби гурӯҳи дигар мешуд. Чунин амалҳои ғайриинсонии сарватмандон, ки адолату баробариро дар ҷомеа вайрон месохт, боиси ба шӯриш даст задани камбағалон мегардид.

Аз нигоҳи мо, мавҷудияти баробарии сиёсӣ сабаби рушди адолати иҷтимоӣ гардида, он муҳофизи ҳуқуқҳои фитрӣ мебошад, ки аз табиати инсон чун мавҷуди биологӣ зуҳур кардааст. Низоъҳои иҷтимоӣ натиҷаи риоя накардани ҳуқуқҳои фитрӣ мебошанд. Риоя кардани ҳуқуқҳои фитрӣ дар ҷомеа аз фаҳмишу ҷаҳонбинии одамон оид ба адолат сар мезанад. Ҳар қадар шуури ҳуқуқӣ инкишоф ёбад, ҳамон қадар беадолатиҳо бартараф шуда, роҳи мубориза бо амалҳои номатлуб пайдо мешавад. Азбаски талаботи инсон беохиранд, ҳисси қонеъшавӣ аз неъматҳои ҳаёт кам ба назар мерасад. Дар

---

[53] Таърихи фалсафаи тоҷик. Дар панҷ ҷилд. Ҷ.1. [Матн] / (Муҳаррирони масъул К.Олимов, А.Шамолов). – Душанбе: Дониш, 2011. – С. 429.

[54] Минуи храд. Тарҷумаи Аҳмад Тафаззулӣ [Матн] Теҳрон, 1354. - С. 48.

даврони бостонии инкишофи ҷомеа, ашрофон, ки қувваи бузурги муносибатҳои истеҳсолиро соҳиб буданд, ба зердастон додани имкониятҳои ҳуқуқиро фаромӯш карда буданд. Натиҷаи хиёнати онҳо ба халқ сабаби сар задани низоъҳо шуданд, ки барҷастатарини онҳо бо сарварии Монӣ (216-276) ва Маздак (с.в. 529) сурат гирифтанд.

Таълимоти иҷтимоии монавия дар замони подшоҳии Шопури I паҳн гардид. Монавиён китобе бо номи “Кафолоё” иншо намуданд. Ба қавли худи Монӣ бошад, “Ман пеши шоҳ Шопур рафтам ва ӯ маро бо эҳтироми тамом пазируфт ва ба ман иҷозат дод, ки дар мамлакат мусофират карда ва каломи зиндагиро таблиғ намоям. Ва ман дар ҷузви ӯ чандин сол ва солҳои мутамодӣ дар Эрон ва мамолики Порт то ба Идиб ва иёлоти муҷовири императории Рум ба сар бурдам”[55].

Монӣ андешаи худро оид ба ҷомеаи инсонӣ, баробарию адолат барои як халқ не, балки ба кулли инсоният баён доштан мехостааст, аз ин рӯ гуфтааст: “Ман аз сарзамини Бобил омадаам, барои манъ кардани нидое дар тамоми дунё”. Ба андешаи М. Рашшод Монӣ худро мансуб ба “Ҷаҳон медонист, лизо бо вуҷуде, ки забонаш сурёнӣ буд, мааззолик луғоту истилоҳоту тамоми забонҳои зиндаи дунёи он давра, аз қабили порсӣ, суғдӣ, чинӣ, румӣ, юнонӣ, қибтӣ, буддоӣ, арабиро дар муҳовароту навиштаҷоташ истифода мебурдаст, то ҳама оламро шомил шавад”[56].

Амалҳои Монӣ нишони инсондӯстӣ ва барои тамоми халқ ҳамчун муайянкунандаи сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ дониста мешуданд. Ӯ ҳар фард ва кулли мардумро ба сӯи ҳақиқату адолатпарастӣ ҳидоят менамуд. Ин маърифати хосаи ӯ донишҳои оддӣ набуданд. Монавиён дар баробари аҷдодони мозӣ, масъулияти хешро дар назди халқ ҳис мекарданд. Монӣ дар идоракунӣ ва танзими ҷомеа аз таҷрибаи Масеҳ истифода мекард ва ба онҳо эътимод дошт. Маҳз вуҷуд доштани озодандешӣ дар мазҳаби монавия боиси он гардид, ки дар ин таълимот ба иродаи хеш эътимод кардани инсон чизи

[55] Муҳаммад, Р. Фалсафа аз оғози таърих. Ҷ.1 [Матн] / Р.Муҳаммад. - Душанбе, 1990. – С.127.
[56] Ҳамон ҷо. – С.127.

муҳим ҳисобида шуда, натиҷа ва оқибати амалкардҳои инсон ба ӯ нишон дода шавад.

Ақидаи асосие, ки дар бунёди таълимоти монавиён қарор гирифтаст ва онро моҳияти иҷтимоӣ мебахшад, ин ақида дар хусуси зиндагии хуб карда тавонистани одам дар олам ва дар муҳити адолат аст, ки андешаи азалии фалсафӣ ба ҳисоб меравад. Бештари назарияҳои таърихӣ дар асоси ба вуҷуд овардани идеяи адолат нақши баробарӣ ва нобаробариро дида мебароянд, ки он худ кӯшишҳои одамонро барои расидан ба ҳадафҳои ниҳоӣ муайян менамояд. Ормоният симои чеҳраҳои ахлоқиро дар образҳои идеалӣ нишон медиҳад ва ҳар як лаҳза онро дар тафаккури мардум бо паҳлӯҳои мухталиф инъикос менамояд. Бинобар ин, монавия ҳаракати халқ, инкишофи руҳияи ҷамъиятиро дар маърифат ва хирад мекобад, зеро "Ақли солими инсонӣ, ки дар миёни чор девори хона як ҳамдами соҳибэътибор мебошад, ба майдони фарохи таҳқиқот баромадан замон ҳодисаҳои хеле хеле аҷоиброаз сар мегузаронад".[57]

Дар афкори монавиён тасаввури дуруст оид ба инкишоф ёфтани олам ва одам вуҷуд дошт. Аз ин нуқтаи назар, хиради инсон дар робитаи эҳсос намудани ҳаёт ба сабзиш даромада, ҷараёни маърифатро тағйир медиҳад. Бидуни ҳаракати хирад, инкишофи диалектикии ҷомеа ва адолат дар он ғайриимкон мебошад. Монӣ чунин меандешид, ки "Одам асосан тасвире аст аз як ҳастии бартару болотар. Ӯ олате аст дар дасти падари рӯшноӣ, ки тавассути ӯ нури зиндонишударо менамояд. Ӯ олами асғар ва оинаи куллияи қудратҳои замин ва осмон аст. Дар ӯ руҳ маҳзари рӯшноӣ аст ва тан мазҳари торикӣ. Вақто ки куллияи равонҳо аз куллияи танҳо озод шуданд, ҷаҳон ба поён мерасад".[58]

Рисолати таърихӣ ва вазифаи иҷтимоии монавиён ормонияти инсонро аз илме ҷустан буд, ки дар ҷавҳари он беҳдошти ҳаёти инсон ва адолат дар ҷомеаи инсонӣ меистад. Онҳо на фақат ба раванди ҳаёт бо идеяҳои динӣ нигоҳ мекарданд, балки идеяҳо дар руҳияи ақлгароӣ, хирадгароӣ ва

[57] Маркс, К, Энгелс Ф. Асарҳои мунтахаб. Ҷ-2. [Матн] / К.Маркс, Ф.Энгелс. - Душанбе, 1965.- С.139.
[58] Абдуллозода, Ш. Муқаддимаи фалсафа [Матн] / Ш.Абдуллозода. Душанбе, 2004. – С.43.

илмпарастӣ баён менамуданд. Нуре, ки ба он монавиён эътиқод меварзиданд, сарчашмаи маънавие буд, ки ба ҳаёти одамон дигаргунӣ меовард, хислатҳои бадахлоқиву беҳунариро шикаст медод ва роҳи ҷустуҷӯро муайян сохта, халкро ба истифода аз нерӯи созандагии хеш даъват мекард. Ин ҳама андешаҳо аз талаботи иқтисодӣ ва рафтори субъектҳои иҷтимоӣ сарчашма мегиранд. Адолати иҷтимоӣ талаб менамояд, ки ҳар гуна таълимот ҷавҳари зиндагиро хуб инъикос намояд, то одамон роҳу тариқи мантиқи ҳаётро моҳиятан дарк кунанд. Монавиён бо тафаккури саҳеҳ ба паҳн намудани андешаҳояшон ҷаҳд мекарданд ва дар ин роҳ натиҷаҳои бузургро соҳиб шуданд. Аммо ин ҷунбишҳои равонӣ дар он даврон гоҳо мусбат ва гоҳо манфӣ анҷом меёфтанд. Аз ҷумла, маҳрум будан аз озодиҳои дар имкон буда, аз нигоҳи монавиён, ҷомеаи беадолатро ба вуҷуд меорад, ки дар он касе бо амру амали нури ахлоқӣ пайванд нест.

Қобили зикр аст, ки эҳсоси дурнамои таърихиро дар бунёди маърифати ҷомеа пешгӯӣ намудан кори басо мушкил бошад ҳам, дар бештари таълимоти бостонии мо чунин кӯшишҳо дар асосӣ хирадгароӣ анҷом ёфтаанд. Иродаи умум қодир аст, ки баробарии неъматҳоро фароҳам созад, вале на фақат дар натиҷаи умумӣ, балки ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятӣ бояд дар имкон баробариро муайян созанд. Офариниши беҳтарин тасвирҳои тахайюлӣ дар шакли худоҳо, қаҳрамонҳо хоси ин давраҳои таърихӣ буд. Ин андешаҳо тамоман тахайюл ё утопия набуданд, балки сароғози беҳсозии ҳаёти инсониятро доштанд.  Ин ҳаракатҳо ҳақиқати арзишманд буданд, зеро дар онҳо ҳикмати зиндагии халқи заҳматкаш ниҳон буд. Бешубҳа, дар ин таълимот муҳокимарониҳо, мушоҳидаҳо ва муқоисаҳои идеалҳои таърихӣ ба миён гузошта шуда буданд. Ҳосил шудани чунин мақсад бошад, аз як тараф, ба дурустии баҳодиҳии онҳо ба ҳаёт, ба дурустии андешаҳояшон ва, аз тарафи дигар, аз ин идеяҳоро тарафдорӣ намудани қувваи халқ ҳам вобастагӣ дошт. Баробарии иҷтимоӣ дар маънои муосираш васеътар ва паҳлӯҳои зиёди зиндагиро дар бар мегирад. Имкониятҳои баробарӣ дар замони мо моҳияти ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва сиёсиро доранд. Аммо дар андешаву

тафаккури олами бостон дарёфт намудани ҳамаи он баробариҳои имрӯза ғайриимкон аст.

Баробарии даврони бостонӣ дар маънои пайравӣ аз андешаҳои динии ҳоло ташаккулнаёфта сурат мегирифт. Одамон баъзан ба хурдтарин арзишҳои баробарӣ сарфаҳм намерафтанд. Албатта, барои пешвоёни он замон, хоса монавиён тартиботи умумиро ҳамчун шартномаи ҷамъиятӣ ҷорӣ намудан кори имконнопазир буд. Барои инкишофи шуури ҷамъиятӣ солҳо мебоист, ки андешаҳои солим тарғиб карда шавад. Бо вуҷуди ранҷишҳо ва озорҳои замон эҷодкунандагони чунин таълимот, аз ҷумла, дар мисоли Монӣ, ҳаргиз одамони оддӣ набуданд ва онҳоро маъруфтарин мутафаккирони бостон унвон намоем ҳам хато намешавад. Зимнан, дар тафаккуру андешаи онҳ адолат образи воқеиро гирифта, тасаввуроти дар амал татбиқшавии он ба вуҷуд омадааст.

Дар маҷмуъ, монавия дар аҳди бостон сарнахуст ҳуқуқи инсонро бо таъмини адолат вобаста донистааст. Моҳияти ин таълимот аз он иборат аст, ки дар он барои расидан ба зинаи баробарии иҷтимоӣ нахуст арзишҳои иҷтимоӣ ва озодии фардӣ аз омилҳои муҳимтарин маънидод мешаванд.

Идеяҳо оид ба ҷомеаи ормонӣ, қонунҳои хирадмандона ва адолат дар он дар таълимоти маздакия ҳам гузошта шудаанд. Асосгузори ин равия Маздаки Бомдод мебошад. Ба андешаи баъзе олимон, дар таърихи башар "Маздак бунёдгузори як фалсафаи сиёсию иҷтимоӣ-иқтисодии навин аст, ки қаблан дар таърихи инсон собиқа надоштааст. Даъвати маздакия баробарии ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро талаб мекард. Маздакия таълим медод, ки офаридгор замин, об, гиёҳҳо ва дигар мавҷудотро барои ҳама офаридааст, ки баробар тақсим шаванд. Офтоб, таълим медиҳад Маздак, сарватманду камбағал, оқилу беақл, зану мард, озоду ғуломро фарқ намекунад, инчунин, ҳеҷ махлуқи безабон аз ин зиён намебинад. Офтоб аз боло ба ҳама ҷонзоду наботот нур пошида, адолатро собит месозад, ҳеҷ кас наметавонад ҳиссаи

бештареро молик шавад ва аз муқаррабон, одамони дигар кашида гирад, то нури насиби дигареро низ соҳибӣ кунад”.[59]

Фаҳмиши мусбати баробарӣ ва муносибати махсус ба онро, ки як арзиши иҷтимоӣ аст, дар таърихи фалсафаи тоҷику форс маздакия ба миён овард. Баробарӣ, пеш аз ҳама, ин тарзи муносибати боадабона бо дигарон ҳамчун бо одамони ба худ баробар, яъне аз рӯи виҷдон, бидуни маҳдудият ва поймол кардани ҳуқуқҳои фитрӣ мебошад. Андешаи ормонии он замон дар натиҷаи дарёфти фалсафӣ, сиёсӣ, маънавию ахлоқии фард ҳосил шуда, онро барои дар амал татбиқ намудан водор месозад. Албатта, ташаккул додани ғояҳои баробарҳуқуқӣ дар замони инкишофи маздакия душвор ва сангин буд, зеро ҳар як назария, то он вақте, ки дар ҳаёт амалан истифода нашавад, фаҳмидани он аз ҷониби одамон душвор мебошад. Дар асл, маздакия инсонҳоро, ки яке барҷаставу қодир ва зиндагиаш дар шодмонию хушгузаронӣ ва дигаре нотавону ҳақир ва умраш дар ғаму андӯҳ мебошанд, натиҷаи нобаробарии иҷтимоӣ ва омилҳои норасоии ҳуқуқҳои табиӣ медонад. Ҳар як инсон фараҳмандона эътироф менамояд, ки “Офтоб ғизои умумӣ барои ҳама мавҷудоти зинда меофарад, адолати умумӣ барои ҳама пешбинӣ шудааст. Холиқ барои дидан ба ҳама баробар чашм дод, мувофиқи адолати хеш қонунҳои умумӣ ҷорӣ намуда, байни зану мард, безабон, ҳеҷ касу ҳеҷ чиз фарқ нагузоштааст”.[60]

Аз ҳамаи ақидаҳое, ки оини маздакия нисбат ба инсон аз замони ба вуҷуд омадани хеш ба миён гузоштааст, ин ҳидоят намудани мардум дар роҳи баробарҳуқуқӣ мебошад. Ин баҳс ҳар замон бо идеяҳои ормонии худ ба таври тоза шуъла мезанад ва эътиқодмандони худро дар масири рӯзгор ба даст меорад. Яке аз хусусиятҳои муҳими таълимоти маздакия ин дарки ҳодисаҳои ҳаёт, гузоштани проблемаҳои иҷтимоӣ мебошад. Аз ин рӯ, умдатарин масълаҳои маздакияро идеалҳои баробарӣ ва расидан ба он ҷомеае, ки одамон орзуи онро доранд, ташкил медиҳанд. Ба ақидаи муҳаққиқон “Мувофиқи таълимоти маздакия неъматҳои моддиро

---

[59] Пегулевская, Н.В. Маздакитское движение. [Текст] // Известия АН СССР. Сер.Ист. философии. 1994. № 4. – С.171.
[60] Ҳамон ҷо. – С.181.

Аҳурамаздо якнавохт дастраси мардум қарор додааст ва нобаробарӣ аз он бархост, ки касоне аз тариқи қаҳру ҷабр хостаанд амволи дигаронро ба тасарруфи худ дароваранд”.[61]

Маздакия ҳамеша таъкид месозад, ки маънии рӯзгори гузарон ин ҳис карда тавонистани баробар будани ҳамаи одамон дар ҳаёт аст. Талаботи олии инсонӣ, яъне қонеъшавии маънавӣ ва моддӣ дар тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ мавҷуд аст. Таълимоти маздакия, дар ҳақиқат, таъкид мекунад, ки инсон дар ҳаёт ба таври баробарҳуқуқ ба роҳи куллан саодатмандиву хушбахтии зиндагӣ мерасад. Эҳсоси баробарҳуқуқӣ дар натиҷаи ҷараёни дуру дарози такмили низоми афкор ва амалкардҳои ақли инсонӣ омода шуда, зина ба зина дар ҳаёт татбиқ мешавад. Ҳар гуна бадбахтиҳо, нокомиҳо, нооромиҳо ва норасоиҳо, аз нигоҳи таълимоти маздакия, маҳз натиҷаи нобаробарӣ мебошанд. Дар олам одамони ба некӣ муҳтоҷ зиёданд, вале аксари эшон аз ҳиссаи ҳуқуқии худ маҳрум мебошанд. Хислати бадтарини инсон ин аст, ки ғуломи манфиатҳои фардӣ шуда, ба ҳазорон шахсони нокомгашта бепарвоӣ зоҳир намояд. Ин даҳшат аст, ки одамон фаҳмишу дарки андешаи баробариро надошта бошанд.

Мақсадҳои умумии одамонро таълимоти маздакия ба роҳи пурнишеби “муборизаи озодихоҳӣ” ва дарки “ҳуқуқи инсон” равона намудан мехоҳад. Дар баробари ин, “ҷунбиши иҷтимоии маздакия бо тавофут аз монавия бештар ҷанбаи амалӣ ва баробарию адолати иҷтимоиро тарғиб мекард”[62]. Дар аксари замонҳо идеяи одамон, ҳатто хаёлан ба худ иҷозати баробариро намедоданд. Ҳар қадар одамон соҳиби воситаҳои истеҳсолот гарданд, ҳамон қадар воситаҳои зарурии ҷамъиятиро соҳибӣ мекарданд ва оқибати ин амалиётҳо боиси шӯришҳои халқӣ мегардид. Аз назари маздакия “Хусусияти фардии қонуниятҳо, ифодаи манфиати баъзеи дигар ва сарфи назар намудани манфиати умумияти қонуни илоҳиро таҳрифу халалдор месозад. Моликият,

[61] Комилов, Р. Назарияи ҷомеаи ормонӣ дар таърихи фарҳанги форсу тоҷик [Матн] / Р.Комилов Душанбе, 1997. – С. 57.
[62] Таърихи фалсафаи тоҷик. Дар панҷ ҷилд. Ҷ.1. [Матн] / (Муҳаррирони масъул К.Олимов, А.Шамолов). – Душанбе: Дониш, 2011 – С.23.

никоҳу издивоҷи номатлуб адолатро, ки умумият ва мусовоту баробариро дорад, халалдор месозад”.[63]

Таълимоти маздакия дар натиҷаи таҳлилҳои психологӣ, маънавӣ ва иқтисодии ҷомеа ба хулосаҳои ақлониву ирфонӣ меоварад ва андешаҳои он давронро дар тарозуи хирад баркашида, ба халқ пешниҳод сохтааст. Болоравии хусумату ситеза, нотавонбинии ҳамдигарӣ ҳамеша боиси халалёбии ҳуқуқҳои табиии одамон мегардиданд, ки онҳоро таълимоти маздакия афюн барои халқ медонист. Дар таълимоти маздакия аз он сабаб одамонро баробар мехонданд, ки онҳо бо ҳамдигар бародаранд ва бояд нисбат ба якдигар хиёнат накунанд ва фарҳанги ҳамзистиро омӯзанд.

Решаҳои маърифатии муаммоҳои замона дар таълимоти маздакия бо як иқтидори бузурги масъулиятшиносӣ ифода ёфтаанд. Ҳеҷ кас чунин ҳуқуқи маънавие надорад, ки бо сӯистифода аз мавқеъ ва қудраташ халқро дар азоб гузорад, аз ин рӯ, бо чунин муносибатҳои манфиатхоҳӣ таълимоти маздакия муборизаи қотеъона мебарад. Идеали баробарӣ дар таълимоти маздакия аз лиҳози назариявӣ ба таълимоти зардуштия ва монавия хеле шабоҳати зиёд дошта, аз идеалҳои баланди ахлоқии онон сарчашма мегирад. Чунонки муҳаққиқон қайд намудаанд, “Маздакия ба ҷиҳати соф абстрактии пешгузаштагони худ, ки хислати пассивона доранд, либоси амалӣ пӯшонда, бо руҳияи нави фаъолонаю инқилобӣ онро ғанӣ гардонидааст”.[64] Хусусияти инқилобиро доро гаштани ин таълимот бо ҷунбиши неруҳои хобрафта дар ҷомеаи суннатӣ алоқаманд мебошад.

Бояд таъкид намуд, ки ғояҳои асили инсонӣ ва дорои руҳияи интиқодиву таҳлилӣ дар ҳамаи давраҳо мардумро аз буҳрони фикриву ақлӣ наҷот медоданд. Маздак низ яке аз аввалинҳо шуда иллати харобиовари таърихро дар нобаробарии иҷтимоӣ маънидод намудааст. То он замоне, ки нобаробарӣ вуҷуд дорад, ба андешаи ӯ, адолат буда наметавонад. Аз ин рӯ, Маздак аҳаммияти омилҳои иқтисодиро дар дигаргунсозии ҳаёти ҷомеа дарк

---

[63] Пигулевская, Н.В. Маздакитское движение [Текст] // Известия АН СССР. Сер.ист.филсофии. 1994. №4. –С.171-181.

[64] Комилов, Р. Назарияи ҷомеаи ормонӣ дар таърихи фарҳанги форсу тоҷик [Матн] / Р.Комилов Душанбе.,1997.- С. 57.

намуда бошад ҳам, масъалаи мавқеи истеҳсолоти моддӣ ва барпо сохтани сохтори ҷомеаро сарфи назар карда ва то дараҷаи ташкили муносибатҳои авлодию қабилавӣ паст намуда, дар ҳамин доира маҳдуд сохтааст. Мутобиқи ин таълимот худро бартар донистан аз дигарон беадолатист, арзишҳои худро муқаддас ҳисобида, дагаронро дида натавонистан, кори нобахшиданист. Агар одамон нисбати ҳамдигар пурзӯр, хирадманд бошанд, бояд кӯшиш намоянд, ки чизи зиёдатии дар қиёси дигарон доштаашонро ба хидмати якдигар гузоранд. Баробарӣ дар ҷомеа онро ифода менамояд, ки олами инсонӣ танҳо бо таъйиноту тартиботи ҳуқуқӣ оқилона шуда метавонад. Фалсафаи баробарӣ паҳлӯҳои ахлоқие дорад, ки мавҷудияти онҳоро дар имконият таълимоти маздакия зарур мешуморад. Сабаби асосии дар майдони зиндагӣ пайдо шудани масъалаҳои баробарӣ аз ноадолатиҳо ва бедодиҳои ҳамон замон вобаста будааст. Қонунҳои баробарӣ монанди дигар қонунҳои табиӣ умумиву пойдоранд. Тибқи назари иддае аз муаррихон (Э. Табарӣ, М. Рашшод ва диг.), Маздак гӯё шиори “Иштироки занонро ба миён ниҳода бошад. Масоили заношӯӣ дар даврони Маздак яке аз масъалаҳои рӯзмарра будааст. Бисёрзанӣ ва дорои шабистонҳои бузурги ашрофону давлатмандон чандон ҳақиқӣ набудааст. Дар ҳарамсарои ашроф илова бар подшоҳзан, ки кадбону ё сарвари ҳарам ҳисоб меёфт, миқдори зиёди чокарзанон ё занони хидматгори дар таҳти тасарруфи ӯ қарордошта буданд”.[65] Аммо дар назди чунин муносибатҳои нобаробарии хонаводагӣ таълимоти маздакия ҳаргиз сари таъзим фуруд наёвардааст.

Дар таълимоти маздакия адолат ҳамчун меъёри ҳуқуқӣ ба кор меравад. Дар он замон фақат ҳамон ақида ба ҳайси идеяи баробарӣ қабул карда мешуд, ки ба адолати илоҳӣ наздикӣ дошта бошад. Баробарие, ки бо адолат айният дошт, зимнан дар шуури одамон зина-зина шакл мегирифт. Офаридгорони чунин баробарие, ки зодаи тафаккури қавӣ аст, бовар менамуданд, ки он рӯзе бар андешаи одамон монанди баргҳои дарахтон сабзиш ёфта, оламро аз зулмоти нобаробариҳо ба нури адолат пайваст хоҳад

---

[65] Рафеъ, Ҳақиқат. Таърихи улум ва фалсафаи Эронӣ: Аз Ҷомосби Ҳаким то Ҳакими Сабзаворӣ [Матн] / Ҳ.Рофеъ.- Теҳрон, 1372. – С.101.

кард. Агар ба моҳияти маздакия амиқан назар афканем, дарёфт хоҳем намуд, ки воқеан он ба ҳаёти иҷтимоӣ рӯ меорад ва барои ба қуллаи хушбахтӣ расидани инсон кӯмак менамояд. Қонунҳои баробарӣ дар таълимоти маздакия ба шароити иқтисодӣ алоқамандӣ доранд. Дар ин таълимот баробарӣ шакли эътимодбахши ҳуқуқ аст. Назари иқтисодии Маздак ин аст, ки шароитҳои иҷтимоӣ бояд чунон бошанд, ки ҳамаи одамон тавонанд арзишҳои худро дар ҷомеа соҳиб шаванд. Ӯ ҳамон қонунҳоеро нафратовар медонад, ки як гурӯҳи одамонро соҳиби имтиёзҳо мегардониданд ва дигаронро ба як бурда нон муҳтоҷ месохтанд. Сарватҳои ҷамъиятӣ бояд дар роҳи манфиатҳои умум ба кор раванд, ин мувофиқи мақсад аст, зеро сарвате, ки ҷамъи одамон бо заҳмат ба вуҷуд овардаанд, набояд танҳо ба иддае аз онҳо хидмат кунад.

Чунонки аз таърих маълум аст, тартиботи мавҷудаи сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеаи сосонӣ ба дасти ҳафт хонадони бузурги онҳо идора мешудааст. "Ин ҳафт хонадон тамоми манотиқи кишварро зери дасти худ гирифта, ба воситаи муъбадон ва руҳониёни дигар зулму ситамро дар ҷомеа нигоҳ медоштанд".[66]

Дар заминаи таҳлили ҷомеаи сарбаста, ки дар он даврон вуҷуд дошт, метавон имкони озодии одамонро муайян кард. Руҳониёну коҳинон дар таърихи одамизод басо монеаҳои ҷиддиеро ба вуҷуд оварда ва қонунҳои илоҳиро пеш гузошта, молу амволи халқи мазлумро дар парешонӣ сарф менамуданд. Халқи заҳматкаш ҳамеша ба шахсиятҳои нобиғае эҳтиёҷ дошт, ки онҳоро тавонанд аз дасти ситамгорон бо қудрати наҷотбахши худ озод намоянд. Барои ин танҳо бунёди андешаҳои мантиқӣ, таълимоти фалсафие самара дода метавонист, ки реша дар идеалҳои баробарӣ дошта бошад, зеро "Усули ақоиди маздакия бар ин асос буд, ки Худованд ризқро дар рӯи замин офарида, ки мардум онҳоро миёни худ тақсим намоянд. Вале мардум нисбат ба якдигар беадолатӣ мекунанд ва тавофуқи фузунӣ меҷӯянд. Мо мехоҳем дар ин кор назорат дошта бошем ва моли фуқароро аз аъёну ашроф ва

---

[66] Таърихи фалсафаи тоҷик. Дар панҷ ҷилд. Ҷ.1. [Матн] / (Муҳаррирони масъул К.Олимов, А.Шамолов). – Душанбе: Дониш, 2011.- С. 464.

тавонгирон бигирем ва ба фуқаро бидиҳем. Аз ҳар ки амвол беш аз ҳад дошта бошад, аз вай гирифта ба нодорон медиҳем, то мусовот барқарор шавад”.[67]

Моликияти фардӣ, аз назари Маздак, вуҷуд надорад ва ҳамаи он чизе, ки инсон истифода мебарад, офаридаи Худованд мебошад ва онҳо барои заминиён бояд баробар тақсим карда шаванд. Аз неъматҳои ҷамъиятӣ як кас наметавонад соҳиби арзишҳои бемайлони он шаваду дигарон ба нокомӣ гирифтор бошанд. Чунин идеяҳои баробарӣ аз он ҷиҳат асоснок мебошанд, ки сарватдорони он замон қувваи истеҳсолии дигаронро истисмор менамуданд. Дар натиҷа, ҳар қадар аз тарафи халқ меҳнат зиёд шавад, ҳамон қадар барои ашрофон неъматҳои моддӣ афзун мегашт. Сӯистифода аз иродаву қудрати худ намудан он давраро ба таври даҳшатангез фаро гирифта буд. Ин гуна золимиро таърих наметавонист бе идеяҳои бузург оид ба адолату баробарӣ бартараф созад.

Дар он даврон маҳз идеяҳои маздакия, ки сарчашма аз таълимоти зардуштияву монавия гирифтаанд, ба таври инқилобӣ зуҳур намуданд. Аз диди маздакиён, модоме, ки оламро Худованд эҷод карда, дар он инсонро офарид ва ҳар чизи ин ҷаҳон моли ӯ мебошад, пас одамон бояд дар шароити душвори ҳаёт ба якдигар кӯмак намоянд, то хушбахтии ҷовидонаро дар қалби хеш эҳсос намоянд. Вазифаи аввалини инсонро маздакиён дар даст кашидан аз худхоҳӣ мебинанд. Моҳияти чунин таълимот дар он аст, ки инсон бо руҳ зинда аст ва бояд дар ҳифзи руҳ бошад. Агар одамон муҳиммият ва зарурати баробариро дарк накунанд, ҳеҷ вақт оташи низоъ ва душманӣ аз замин маҳв нахоҳад шуд. Аз ин рӯ, дар таълимоти маздакия барои таъмини адолату баробарӣ одамон, пеш аз ҳама, ба дӯстона зиндагӣ карда тавонистан даъват карда мешаванд.

Муҳаққиқон чунин ақида доранд, ки андешаи маздакиён “барои дар амал ҷорӣ шудан, ба ҳаракати оммавии деҳқонон бар зидди ашрофи динию дунявӣ ва заминдорони сарватманд нигаронида шуда буд. Мардум ба хонаю қасрҳои пурҳашамати сарватмандон даромада молу мулк ва занҳоро

---

[67] Петрушевский, И.П. Ислом дар Эрон [Матн] / И.П. Петрушевский. - Теҳрон, 1970. – С.149.

мегирифтанд. Ҳамин тавр ақидаи мусовоту баробарӣ ба баробаргузорӣ аз роҳи зӯроварӣ табдил меёфт”.[68]

Маздакро метавон мунодии адолат ва сарсупурдаи роҳи ҳақиқат унвон кард. Зиёда аз ин “Маздак аз нахустин мутафаккиронест, ки дар таърих бори аввал ақидаи дар ҷомеа муқаррар кардани моликияти ҷамъиятӣ ва истиқрори баробарии иҷтимоиро ба миён гузоштааст”.[69]

Аз сабаби он, ки дар замони Маздак буҳрони иқтисодӣ, хушксолӣ ва қаҳтӣ фаро расида буд, хулосаи мантиқӣ баровардан имкон дорад, ки дар он замони ҳассос танҳо идеали баробарӣ сабабгори наҷоти одамон шуда метавонист. Баробарӣ дар таълимоти маздакия аз дигар ҷараёнҳои фалсафӣ бо он фарқ мекунад, ки имкони баробарӣ на танҳо дар сиёсат, дин, ахлоқ, ҳуқуқ, балки дар муносибатҳои иқтисодӣ низ эътироф мегардад. Баробарӣ барои маздакиён, инчунин, на фақат дар имкон, балки дар натиҷа ҳам мебошад. Ба ибораи дигар, мазмуни ҳамагонии баробариро дар маздакия ду тамоюл мушаххас мекунад: яке инсонгароию дигаре хирадпарастӣ. Ҳамин хусусиятҳои адолатхоҳонаи баробариро Ф. Энгелс дар назар дошта, навишта буд, ки он “Аксулҷавоби стихиявиест ба муқобили нобаробариҳои тоқатгузори иҷтимоӣ, ба муқобили тазоди байни боёну камбағалон, байни хоҷаҳо ва крепостнойҳо, шикампарастон ва гуруснагон...”.[70].

Чунонки маълум мегардад, ормонияти таълимоти маздакияро баробарии иқтисодӣ, сиёсӣ ва табақавӣ ташкил медиҳад. Инсон, ба андешаи ӯ, бояд ҳамеша баробар будан бо дигаронро омӯзад, ба чашми баробар нигоҳ карданро фаромӯш накунад, дар зиндагӣ аз ҳеҷ кас болотар набошад ва дар роҳи баробарӣ худфидоӣ кунад, чунин аст нуқтаи олии адолату баробарӣ дар фалсафаи сиёсии маздакия.

Ба ҳамин тариқ, фаҳмиши проблемаи иҷтимоӣ ва мафҳуми “баробарӣ” дар фалсафа ва таълимоти динии бостонии тоҷик дар шаклҳои гуманистӣ, ахлоқӣ, ормонӣ ва амсоли он зуҳур намуда, ҳадаф аз он ноилшавӣ ба

[68] Таърихи фалсафаи тоҷик. Дар панҷ ҷилд. Ҷ.1. [Матн] / (Муҳаррирони масъул К.Олимов, А.Шамолов). – Душанбе: Дониш, 2011 - С.465.
[69] Комилов, Р. Фалсафаи ҳуқуқ [Матн] / Р.Комилов. - Душанбе, 2004. – С.83.
[70] Энгелс, Ф. Анти-Дюринг. Табаддулоти Ҷаноби Евгений Дюринг дар илм [Матн] / Ф.Энгелс. – Душанбе,1975. – С.107.

баробарии иҷтимоӣ мебошад. Мазмуни асосии таълимоти бостонии тоҷик дар бораи баробарии иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, дар шакли тақсимоти одилонаи меҳнат, баробар тақсим намудани моликият ва дар маънои адолат, некӣ ва дигар арзишҳои умумиинсонӣ баён шудааст. Ба ибораи дигар, танҳо дар ҷомеаи боадолате баробарию бародарӣ рушд мекунад, ки афрод бо рафоқат якҷоя зиндагию ҳамкорӣ мекунанд. Аз ин рӯ, бо эътимоди комил метавон хулоса намуд, ки дар рушди назарияҳои фалсафаи сиёсӣ, аз ҷумла, дар инкишофи фаҳмиши моҳияти "баробарӣ" саҳми мутафаккирони бостонӣ хеле арзишманд мебошад.

## БОБИ 2. МАСЪАЛАҲОИ БАРОБАРИИ ИҶТИМОӢ ВА АДОЛАТ ДАР ТАЪЛИМОТИ ФАЛСАФИЮ ДИНИИ МУТАФАККИРОНИ АСРИМИЁНАГИИ ТОҶИК

### §2.1 Озодӣ, башардустӣ, баробарҳуқуқӣ ва идея дар бораи ҳокими одил ҳамчун асоси таълимоти машшоия оид ба баробарии иҷтимоӣ

Проблемаи озодӣ, башардӯстӣ, баробарии инсонҳо аз муракабтарин ва муҳимтарин масъалаҳо дар тамоми таърихи инсоният ба шумор меравад. Бояд зикр намуд, ки чунин мафҳумҳои умумибашарӣ ҳеҷ гоҳ барои ҳамаи одамон дар ҳамаи замонҳо якмаъно набудаанд. Дар ин маврид, инчунин, набояд фаромӯш кард, ки дар ҷомеаи идеалии мутафаккирони тоҷик мафҳумҳои "ахлоқ", "озодӣ" ва "инсондӯстӣ" ҳамчун кафили баробарии иҷтимоӣ баромад мекунанд. Таъминкунандаи падидаҳои мазкур бошад, аз идоракунандагони давлат (дар гузашта Ҳокими Одил) вобастагӣ дорад. Дар ин самт "давлат аввалин қувваи идеологиест, ки одамонро ба худаш итоат мекунонад"[71].

Яке аз барҷастатарин мунодии баробарӣ ва адолат дар таърихи асримиёнагии фалсафаи тоҷику форс файласуф ва алломаи замони Сомониён Абунасри Форобӣ мебошад. Ӯ дар осори илмии худ масъалаҳои ташаккули иттиҳодияҳои одамон, пайдоиш ва вазифаҳои давлат, шаклҳои давлатдорӣ, тарзи идораи ҳукумат, хусусияти зисти шаҳрӣ, нақши инсон дар ҷомеаро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Мутафаккир дар асари хеш "Эҳсо-ул-улум" ҳукуматро ба ду навъ ҷудо мекунад: ҳукумате, ки битавонад афъол ва сунан ва малакоти иродиро, ки дар партави онҳо метавон ба саодати ҳақиқӣ расид, дар мардум ҷойгузин кунад. Чунин ҳукуматеро ҳукумат ё раёсати фозила гӯянд. Шаҳрҳо ва мардуме, ки тобеи чунин ҳукумате бошанд, "Мадинаҳои фозила" ва "Уматҳои фозила" номида мешаванд; ҳукумате, ки дар шаҳрҳо ва миёни мардум афъол ва ахлоқеро ривоҷ медиҳад, ки мояи саодати пиндорӣ

[71] Маркс, К, Энгелс, Ф. Асарҳои мунтахаб. Дар ду ҷилд. Ҷ.2. [Матн] / К.Маркс, Ф.Энгелс. – Душанбе: Ирфон, 1965. – С.432.

аст, яъне дар ҳақиқат саодат нест. Номи ин навъ ҳукумат, раёсати ҷоҳилӣ ё ҳукумати ҷоҳилият аст[72].

Аз омӯзиши осори фалсафии Форобӣ ва таҳқиқот оид ба ҳаёт ва осори ӯ бармеояд, ки мутафаккир на танҳо муассиси фалсафаи машшоия дар олами исломӣ, балки, инчунин, яке аз аввалин бунёдгузорони фалсафаи сиёсии шарқӣ низ будааст. Форобӣ чунин меҳисобид, ки ҷомеаҳо ба навъи комилу ноқис ҷудо мешаванд: «Ҷомеаи бузург ҷомеаест, ки дар он сокинони рӯи замин ҳаёт ба сар мебаранд. Ҷомеаи хурд ҷомеаест, ки дар он як халқи алоҳида маскунанд. Ҷомеаи ноқисро бошад, мардумони деҳкада, хиёбон, ҷамоа, ягон кӯча ва оилаи алоҳида ташкил медиҳанд».[73]

Ҷомеаи комил ин ҷомеаи боадолат аст, ки дар он баробарии имкониятҳо дар роҳи рушди муносибатҳои иқтисодӣ вуҷуд дорад. Ҷомеаи ноқис ин чунин ҷомеаи сарбаста аст, ки дар он ягон хел имкониятҳои баробар на дар муносибатҳои иқтисодӣ ва на дар роҳи озодӣ мавҷуд нестанд. Аз ин рӯ, Форобӣ ба вуҷуд овардани имкониятҳои хуби ҳаётро дар зиндагӣ барои ҳамаи одамон якранг маънидод мекунад ва ҳуқуқҳои фитрии инсонро ҳимоя менамояд. Дар баробари ин, Форобӣ «мушкилоти зиндагии мардумро эҳсос карда, дар асарҳояш ҷомеаи ормониро тасвир карда, орзу мекард, ки дар ҷомеа баробарии иҷтимоӣ, баробарҳуқуқӣ, адлу адолатпарварӣ ҳамеша ҳукмрон бошад»[74].

Тасвири ҷомеаи боадолатро дар мадинаи фозилаи мутафаккир дида метавонем. Мадинае, ки дар он иттиҳодияи одамон ба мақсади ба даст даровардани бахти ҳақиқӣ дар фаъолияташон ба ҳамдигар кӯмак мекунанд, аз нигоҳи Форобӣ, мадинаи (шаҳри) фозила номида мешавад. Ва ҷамъияте, ки ҳамкории одамон бо мақсади ба даст овардани хушбахтӣ нигаронида мешавад, иҷтимои фозила номида мешавад. Мутафаккир дар ин бора дар асараш «Оро аҳли-л-мадинати-л-фозила» менависад: «Инсон мувофиқи табиаташ мавҷудоти иҷтимоӣ мебошад ва танҳо дар иттиҳоду муштаракона

[72] Форобӣ, А. Эҳсо-ул-улум [Матн] /А.Форобӣ. – Душанбе: Олами дониш, 2023. - С .133.
[73] Комилов, Р. Аз таърихи афкори иҷтимоию сиёсии аҳди сомониён [Матн] / Р.Комилов. - Душанбе, 1998. – С.52.
[74] Назар, М.А. Адолати иҷтимоӣ дар назария ва амалишавии он дар ҳаёти ҷамъиятӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ): монография [Матн] / М.А.Назар. – Душанбе: ИЛМ, 2022. – С.57.

бо дигар одамон зиндагиашро сомон дода метавонад. Чунки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти моддии зиндагӣ ба ӯ масъулияти муштаракият ва тақозояшро ба муомилот падид меоварад».[75]

Аз ақидаҳои Форобӣ чунин хулоса бармеояд, ки меҳнат дар баробарии коллективона сурат мегирад. Ҷомеа бояд тақсимоти баробари муносибатҳои меҳнатиро аз худ намояд. Дар меҳнати баробар натиҷаи даромадҳо низ баробар мешавад. Хусусияти баробархоҳӣ дар таълимоти Форобӣ дар он зуҳур мекунад, ки дар он меёрҳои ахлоқии умумиинсонӣ ба назар гирифта мешаванд. Дар асари болозикри ӯ шаҳр ба маънои макони ба тартибот наздикбуда шарҳ дода мешавад. Умуман, мафҳуми ахлоқи ҷамъиятӣ дар таълимоти Форобӣ ба маънои тақсимоти дурусти молҳои ниёзи мардум ва низоми муайяни муқаррар кардани имтиёзот ва муҷозот дар миёни сокинони мадина истифода мешавад.

Адолат, аз назари Форобӣ, «ин пеш аз ҳама тақсимоти одилонаи тамоми неъматҳои моддӣ миёни сокинони мадина ва инчунин маҳфуз доштани онон аст, ки тақсим шавад. Ин неъматҳои моддӣ офиятмандӣ, дороӣ, эҳтиром ва дигар неъматҳоанд»[76]. Форобӣ ҳамчун инсони адолатпарвар рӯй додани ҳодисоти беинсофию сӯистеъмолкунии гурӯҳи муайяни намояндагони ашроф ё худи онҳоро мушоҳида карда, бо эътироз қатъиян бартараф кардани ин амалҳоро талаб менамояд.

Форобӣ ба он бовар дошт, ки фақат дар он ҳолат ҷомеа солим шуда метавонад, ки дар он баробарии иҷтимоӣ, саодати ҳақиқӣ, раёсати оқилонаю одилона пойдор ва инчунин низому сохтори он мувофиқи матлаб сурат гирад. Мувофиқи таълимоти ӯ, дар маснади олии низоми маъмурии мадинаи фозила ҳоким-раис қарор дорад. Тамоми кӯшиши инсон дар ҳаёт бо мақсади ба даст овардани зиндагии хуб ва дарёфти хушбахтии абадӣ аст, инро олим хуб дарк мекунад, аммо маҳдуд будани чунин имкониятҳоро низ ба назар мегирад. Форобӣ мехоҳад барои расидан ба орзуҳои бузурги одамон идеяи баробарии имкониятҳоро ба вуҷуд орад. Барои он, ки дар ҷомеа адолат

---

[75] ал-Фараби. Философские трактати. [Текст] / ал-Фараби. - Алма-Ата: Наука, 1972. - С. 303-307.
[76] Ал-Фараби. Афоризмы государственного деятеля. [Текст] / ал-Фараби. Социально этические трактаты. – Алма-ата, 1973.- С.224.

пойдор бошад, бояд системаҳои идоракунанда бо ҳисси адолатхоҳӣ амал намоянд. Онҳоеро, ки дар бунёди адолат нақши калидӣ доранд, олим хеле мушоҳидакорона қайд менамояд:

1. Ҳокимон, олимон, бонуфузон, яъне ашхоси шоиста, касони корҳои муҳимро иҷрокунанда.
2. Суханварон-носеҳон, нотиқон, шоирон, ромишгарон ва котибон.
3. Муқтадирон – сипоҳиён ва муҳофизон.
4. Сарватмандон - заминдорон, тоҷирон, чорводорон ва ғ.[77]

Дар маҷмуъ, дар ақидаҳои Форобӣ оид ба баробарии иҷтимоӣ чандин ғояҳо оид ба манфиату талаботи ҷомеа арзи ҳастӣ мекунанд. Ӯ идеяҳои сиёсатмадорон ва олимонро дар рушди ҷомеа муҳимтарин омил меҳисобад, зеро иродаву афкори онҳо тавонмандии дигаргун сохтани ҳаёти иҷтимоиву маънавиро доранд. Бояд ин табақаи идоракунандаи халқ ҳамеша тавонад дар назди ҷомеа заҳмати соф ва беғаразона кашад. Агар ин гурӯҳи ҷомеа адолатро барқарор карда натавонад, он гоҳ норозигии умум аз ҳаёти иҷтимоӣ сар мешавад.

Форобӣ нишон медиҳад, ки неъматҳои чамъиятӣ ифодагари талаботи ҷомеа буда, дар шакли ашёгардида баромад мекунанд. Талаботи маънавии ҷомеа бошад, чунин талаботе ҳастанд, ки фардҳои ҷомеа, аъзоёни он бояд онро мазмунан дарк намоянд ва новобаста аз хоҳишу интихоби озоди худ ба он шомил бошанд. Одамон бояд эҳсос намоянд, ки бидуни бунёди арзишҳои маънавӣ ва қонеъгардӣ аз онҳо ҳамзистии ҷомеа, иттиҳод, алоқаҳои тарафайни иҷтимоӣ-иқтисодии фардҳои бо ҳам баробар имконнопазир аст.

Агар ба мантиқи фалсафаи сиёсии Форобӣ назар андозем, аз он бармеояд, ки талаботи маънавию моддии ҷомеа дар ботини ҳар як фарди ҷомеа ҷой дорад ва ҳамаи одамон вобаста ба имконият амал менамоянд. Вақте ки усули фикрронии одамонро дар ҷомеа мушоҳида намоем, ба назар мерасад, ки манфиати ҷомеа ва зарурати истеҳсоли неъматҳои чамъиятиро аксари онҳо дарк кунанд ҳам, аммо дар таркиби амалу фаъолияти худ чандон

[77] Ал-Фараби. Афоризмы государственного деятеля [Текст] // ал-Фараби. Социально этические трактаты. – Алма-ата: Наука, 1973.- С.217.

ҷой намедиҳанд, зеро барои он, ки идораи дурусти молу мулкро соҳиб шавад, мардум, пеш аз ҳама бояд тафаккури идоракунии иқтисодиро дошта бошад.

Сарватмандон гуфта, Форобӣ онҳоеро мефаҳмад, ки соҳиби заминанд ва ба тиҷорат машғул мебошанд. Сарватмандон бояд аз имкониятҳояшон самимӣ истифода бурда, набояд баробарӣ ва имкониятҳои дигаронро маҳдуд намоянд. Тақсимоти навъҳои шуғлро бошад, мутафаккир аз ҷаҳонбинӣ ва инсоншиносии сокинон вобаста медонад. Онҳое, ки аз лиҳози маънавӣ камбизоат ҳастанд, набояд соҳиби мартабаи баланд шаванд.

Масъалаи истифодаи имкониятҳои худ дар ҳамаи давру замон проблемаи муҳимтарин будааст, ки Форобӣ низ онро аз ҳар ҷиҳат дарк намудааст. Хоҳиши бепоён доштан барои комёбӣ, ҳиссиёти инсондӯстӣ, эҳсоси адолат ва тасаввуроти ҷомеасозии мардум имкон медиҳад, ки баробарии иҷтимоӣ таъмин гардад. Файласуф «чунин мешуморад, ки шарҳванди ҷомеаи фозила ҳамзамон бояд дорои маърифати сиёсӣ низ бошад. Аз ҳамин сабаб, роҳбари давлат бояд ба баланд бардоштани илму маориф мароқ дошта бошад, зеро ҳаёту фаъолияти низоми ҷомеаи фозила мувофиқан ба дараҷаи маърифати халқи он иртиботи қавӣ пайдо мекунад».[78]

Баробарии асосӣ, аз нигоҳи Форобӣ, бояд аввалан дар имконияти сиёсӣ фароҳам оварда шавад ва барои ин шуури сиёсиро тақвият додан зарур аст. Агар шуури сиёсӣ рушд намояд, он гоҳ замина барои иштирок дар муносибатҳои идоракунии ҷомеа барои мардум пайдо мегардад ва ҳама мувофиқ ба истеъдодашон амал мекунанд. Танзими устувору ҳаёти муътадили кулли табақаҳо ва ҳар як шарҳванди ҷомеаи фозиларо бошад, Форобӣ ба фаъолияти сарвари он вобаста медонад. Идораи ҷомеаро Форобӣ мехоҳад, ки имом ба уҳда гирад, зеро имоме, ки ӯ тасвир менамояд, шахсияти комилтар аз афроди дигар мебошад. Имом фарди аз ҷиҳати ҷисмониву руҳонӣ ташаккулёфтаест, ки ба он мутафаккир дувоздаҳ хислати ҳамидаи инсониро зарур донистааст. Агар ба ин хислатҳои имом барои раиси ҳақиқии ҷомеа шудан дар фаҳмиши умум нигарем, мебинем, ки онҳо аз узвҳои

[78] Андешаи миллии тоҷикон: Марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушд [Матн] / (Муҳаррири масъул: Олимов К.О., Сайфуллоев А.С.). – Хуҷанд: Ношир, 2011.- С.214.

мукаммал доштан, дарк кардани ваъзи мавҷуда, хотираи қавӣ, зеҳни тез, доштани нутқи возеҳ, эҳтиром ба ростӣ, поквиҷдонӣ, ҳазар аз симу зар, ҷасоратмандӣ ва ғайра иборатанд, ки бояд ба мақсади таъмини адолат дар ҷомеа ва таъминии баробарии аъзои он истифода шаванд.

Ҳаёти инсониро мутафаккир бидуни андешаҳои боадолатона ғайриимкон медонад. Худхоҳӣ ва шаҳватпарастии инсон, менависад Форобӣ, «бо ёрии тарбияи маънавӣ ва ахлоқи пок бартараф карда мешавад. Форобӣ омӯхтани илмро барои он зарур медонист, ки ба туфайли он одам рафтору кирдори оқилонаро меомӯзад».[79]

Мутафаккир қувваи ақлониро чунин қудрате медонад, ки тавассути он инсон фикр менамояд, илм ва санъатро аз бар намуда, онҳоро рушд медиҳад. Агар инсон хулқу нафси худро ба даст нагирад, ҳатман ӯро тақдири талх интизор аст, зеро ин гуна фард ҷараёни озодии умум ва адолатро ҳамеша халалдор месозад. Агар озодии умум аз тарафи фардиятҳои бадахлоқ поймол гардад, дар ин ҳолат раванди таъмини баробарии иҷтимоӣ низ маҳдуд мегардад.

Форобӣ менависад, ки «инсон ба бисёр чизҳо эҳтиёҷманд аст ва онҳоро як кас ба даст оварда наметавонад ва ҳар фард ба ёрии фарди дигар муҳтоҷ аст, бинобар ин ногузир иттиҳоди одамон ба вуҷуд меояд ва мутафаккир сабаби мутаҳидшавии одамонро нишон дода, ду ҳолатро қайд менамояд: 1. Азбаски ҳар кас муҳтоҷи каси дигар аст, мавқеи онҳо баробаранд. 2. Ҳамаи одамон дар ҷамъият бо ҳам алоқаманд буда, талаботи якдигарро қонеъ мегардонанд ва барои ба камол расидани ҳамдигар хизмат мекунанд».[80] Орзуи бузурги мутафаккир иттиҳоди кулли мардум будааст, ки бо ҳамин сабаб метавон ӯро гуманисти бузург хонд.

Форобӣ танҳо меҳнати ҷамъиятиро сабабгори комёбии ҷамъиятӣ медонад. Аз ин рӯ, ӯ комёбии мадинаи фозиларо дар некӯкорӣ, қадршиносӣ, адолат, дӯстӣ мебинад. Аз нигоҳи мутафаккир, «роҳбари шаҳри фозила танҳо шахсе шуда метавонад, ки ақли ӯ ва қувваи тасаввуроташ ба дараҷаи

---

[79] Содиқов, А. Ақидаҳои мутафаккирони Шарқ [Матн] / А.Содиқов. - Душанбе, 1989. – С.26.
[80] Ҳамон ҷо. - С.42.

камолоти маънавӣ расида, бо ақли фаъол пайваст мегардад ва дар он тамоми ашёи маъқуларо равшан гардонида, ҳаким, файласуф ва комил мегардад»[81]. Нокомии мадинаи ҷоҳиларо бошад, Форобӣ аз мавҷудияти мардуми нокомил, табиатан нафси ҳайвонидошта ва хислатҳои тороҷгарӣ вобаста медонад. Мадинае, ки сокинонаш хушбахтанд, танҳо аз сабаби заҳматкашӣ ва ба ҳамдигар мадад расониданашон ба вуҷуд меояд. Бо ин роҳ, яъне бо гузоштани ғояи мадинаи фозила ва ҷоҳила Форобӣ моҳияти умдатарин масъалаҳои адолат, беадолатӣ ва баробарии иҷтимоиро мекушояд.

Форобӣ мадинаи ҷоҳиларо ба шаш навъ тақсим менамояд:

1. Мадинаи зарурӣ.
2. Мадинаи мубодила.
3. Мадинаи бадбахтӣ.
4. Мадинаи ҳақпараст.
5. Мадинаи мансабпараст.
6. Мадинаи шаҳватпараст.

Дар мадинаи зарурӣ одамон фақат ба арзишҳои зоҳирӣ эътибор медиҳанд. Чунин зоҳирпарастӣ ба нобаробарии умум дар ҳама самтҳо меоварад.

Дар мадинаи мубодила бошад, Форобӣ нишон медиҳад, ки одамон пулро дар зиндагӣ мақсад меҳисобанд, аммо ҳеҷ гоҳ пул ин нақшро намебозад. Дар ин ҷомеа истеъдод ва қобилият ҳеҷ нақше надоранд. Аз ин рӯ, дар бораи адолату баробарӣ дар чунин ҷоме сухан гуфтан амри муҳол аст.

Дар мадинаи бадбахтӣ он гурӯҳи одамон ҳаёт ба сар мебаранд, ки «фақат дар бораи лазатҳои шахсии худ фикр мекунанд, хурсандӣ ва хушвақтиҳои сабукро дӯст медоранд, чунки ғайр аз ин дигар ягон мақсадеро дар ҳаёташон намебинанд».[82] Чизе, ки мутафаккирро дар ин ҷомеа ба ташвиш меорад, мавҷудияти хислатҳои эгоистӣ дар ботини одамон аст, ки монеаи адолату баробарии одамон мегардад.

---

[81] Сулаймонов, Б.С. Назарияи мантиқӣ-маърифатии Абунасри Форобӣ [Матн] / Б.С.Сулаймонов. – Душанбе: Олами дониш, 2023. - С-176.

[82] Иқт аз кит. Содиқов А. Ақидаҳои мутафаккирони Шарқ [Матн] / А.Содиқов - Душанбе, 1989. – С. 44.

Дар мадинаи ҳақпараст бошад, ҳама чиз аз нуқтаи назари фоида баҳогузорӣ карда мешавад. Инсон барои шуҳрат ва манфиати худ тайёр аст, ки дигаронро нобуд созад. Инҷо сарвати моддӣ асосӣ буда, сарватмандии маънавӣ қадру қимате надорад. Ин ҳолат боис мешавад, ки мардум аз адолат даст кашида, барои ба даст овардани сарват ҳама корро иҷро мекунанд. Барои мардуми фикран камбизоат ва эгоист бо кадом роҳ омадани даромад аҳаммияте надорад.

Дар мадинаи мансабпараст идеяи зӯроварӣ ҳукмрон буда, ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятӣ аз рӯи принсипҳои нобаробарӣ сурат мегиранд. Дар чунин ҷомеа баробарии иҷтимоӣ ҳеҷ гоҳ наметавонад ҳукмрон бошад.

Дар мадинаи шаҳватпараст сокинонаш озодиро ба таври мутлақ қабул доранд. Ин ҷомеа худро дар содир кардани ҳама гуна амалҳо озод меҳисобад, ки боиси вайрон гаштани адолату баробарии одамон мегардад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Форобӣ принсипҳои баробарии иҷтимоӣ ва адолати иҷтимоиро бо меёрҳои объективӣ ва субъективӣ баррасӣ мекунад. Мутафаккир амиқан муътақид аст, ки баробарии иқтисодӣ муҳимтарин омили муайянкунандаи тақдири ҷомеа аст. Аз ин рӯ, аз диди ӯ, ба хотири баланд бардоштани ҳисси масъулияти ҷомеа эҳёи андешаҳои ахлоқӣ ва ақлонӣ муҳим мебошад, зеро адолату баробарӣ бе ин омилҳои калидӣ вуҷуд дошта наметавонанд. Аз нигоҳи Форобӣ, заминаи баробарии иҷтимоӣ ин тақсимоти одилонаи неъматҳои моддӣ мебошад, ки миёни сокинони мадина бахшу қисмат шудааст. Дар истеҳсоли ин неъматҳо ҳар як сокини мадина саҳми худро гузоштааст ва бояд баробар бо меҳнаташ ҳақ гирад.

Аз ҷумлаи мутафаккирони дигари адолатхоҳ дар таърихи фалсафаи тоҷикон Абуалӣ Ибни Сино мебошад. Ин мутафаккир дар асари машҳури худ «Тадбири манзил» ба масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти инсонӣ даст задааст. Ӯ тарҳи ҷомеаеро мекашад, ки аз се табақа таркиб ёфтааст: ҳокимон, заҳматкашон ва ҷанговарон. Ибни Сино нақши заҳматкашонро аз ҷанговарон боло мегузорад. Барои ӯ "сабаби пайдоиши ҷомеа зарурати таъмини шароит барои ҳаёти мардум, ҳифз ва идомати ҳастии насли инсонӣ мебошад. Ин зарурати бунёдӣ, ба фикри ӯ, одамонро маҷбур сохт, ки аз

тариқи ҳамкорӣ, ёрии ҳамдигарӣ ва табодули натиҷаҳои кор барои ҳаёти фардҳои инсонӣ ва ҷинси инсонӣ шароити мусоид ба вуҷуд биёваранд”[83].

Ба таҳқиқи масъалаҳои ҳокимияти сиёсӣ ва асоси ҳуқуқии он пардохта, Ибни Сино зикр менамояд, ки ҷомеа аз рӯйи тартиби махсус идора карда мешавад. Давлат унсури муҳимтарини ҷомеа ба ҳисоб рафта, қонун барои идоракунии он дар таъмини адолату баробарӣ нақши калидиро мебозад.

Дар асари мазкур идеяҳо оид ба назарияи адолат дар шакли хоса пешниҳод шудаанд. Имтиёзи инсон барои Ибни Сино масъалаи хеле муҳим аст, зеро инсон ҳамчун ашрафи махлуқот метавонад дар тамоми аҳволи иҷтимоии худ тағйироти азимеро ба вуҷуд орад. «Худованди қодири мутаол хасоисе аз неъматҳои худро ба бани навъи инсон ихтисос дода ва сабаби онҳо мақоми одамиро дар миёни коинот аз бисёре аз махлуқоташ бартару болотар намудааст»[84].

Аз нигоҳи таҳлилгарон, Ибни Сино «чун Арасту инсонро ҳайвони ҷамъиятӣ номидааст. Вале фарқи инсон аз ҳайвон ин аст, ки дар ҷараёни зиндагӣ обутоб ёфта, соҳиби ақлу хирад ва қувваи эҷодӣ мегардад. Инсон хайру шарро аз ҳам фарқ мекунад ва аз рӯи нақшаи муайян зиндагӣ ва ҳаракат менамояд».[85] Сино ба таълимоти Форобӣ такя намуда, ахлоқ, тарбия ва таълимро дар ҷомеа яке аз рукнҳои муҳими давлат меҳисобад. Вазифаи асосии инсон аз нигоҳ доштани тартибот ва таъмини адолат иборат мебошад.

Нуқтаи дигар дар асари «Тадбири манзил» ин тавофут байни афроди башар аст. Вобаста ба ин идеяи баробариро Сино аз нигоҳи фалсафаи дин маънидод мекунад. Ба андешаи мутафаккир, нобаробарӣ ва баробарӣ дар мансабу мартаба аз ҷониби иродаи Худованд барқарор мешаванд. Сино мегӯяд: «баробарӣ ва тасовии аҳвол ва наздикии андозаҳои афроди башар мунҷар ба фасодашон гашта, билохира сабаби фанову измиҳол ва инқирозашон мегардад. Хирадмандон медонанд, ки агар ҳамаи мардум

83 Диноршоев, М. Матолиби фалсафаи Ибни Сино [Матн] / М.Диноршоев. – Душанбе, 2011. – С.264.
84 Абалӣ, Ибни Сино. Осори мунтахаб [Матн] / Сино А.И. Душанбе, 1980. Ҷ.2. – С.13.
85 Султонов, У. Ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии Абӯалӣ Ибни Сино [Матн] / У.Султонов. - Душанбе, 1975. – С.88.

подшоҳу шаҳриёр бишаванд, ҳамагӣ аз байн мераванд. Ва агар ҳамаашон ранҷбару коргар ва тобею раият бишаванд, подшоҳу султоне дар байн набошад, ҷумлагӣ фонӣ ва ҳалок мешаванд»[86]. Аз ин суханон хулоса кардан мумкин аст, ки дар таълимоти Ибни Сино имконияти баробарӣ ба маънои табиии он фаҳмида мешавад.

Худованд нахуст имкониятҳоро дар истифодаи хиради фарзанди одам вогузоштааст. Аммо раванди нобаробарии иқтисодӣ табиӣ боқӣ мемонад. Оид ба ин масъала Сино менависад: «ҳамчунонки агар ҳамагӣ дар тавонгарӣ ва сарват мусовӣ ва баробар бо якдигар бишаванд, касе барои касе кор намекунад ва атову муованати дӯст аз дӯст мунқатеъ мегардад»[87]. Ин идеяро таҷрибаи инсоният собит сохтааст, ки баробарии иқтисодӣ сабабгори маҳдудияти озодии фардӣ мегардад. Ҳамаи одамон барои манфиатҳои фардӣ мубориза мебаранд ва баъзан ин манфиатпарастиҳо ба худпарастӣ (эгоизм) мебаранд. Мавҷудияти моликияти хусусӣ бошад, адолатро таъмин менамояд.

Зиндагии инсон дар асоси талаботаш ба ҳаракат меояд ва ҳамин талабот худи одамонро маҷбур месозад, ки рушд ёбанд. Онҳое, ки дар ҷомеа ба шинохт ва барқарории зиндагии худ кӯшиш наменамоянд, дар натиҷа ҳолати бади ҳаёт онҳоро дунболагир мешавад. Ба онҳое, ки мувофиқи истеъдод ва қобилият кор мекунанд, ҳамеша даромади иқтисодӣ муяссар мегардад. Аз ин рӯ, ҳар як инсон дар ҳаёт масъулият дорад, ки қобилияташро мувофиқи орзуҳояш ташаккул диҳад. Агар инсон пойбанди хаёлҳои беҳуда гардида, аз болои худ кор набарад, дар натиҷа ё мавриди истифодаи дигарон қарор мегирад ва ё худ дигаронро истифода кардан мехоҳад. Чунин муносибати коҳилона баробарию адолатро барои шахс халалдор месозад.

Сино сабаби гуногун офарида шудани инсонро аз Худованд вобаста медонад, аммо ӯ заҳмати инсонро дар роҳи орзуҳояш натиҷаи инкишофи камолоти худи ӯ меҳисобад. Аз нигоҳи мутафаккир, дар ҷомеа бояд ду хазинаи махсус вуҷуд дошта, барои нигоҳ доштани беморону корношоямҳо ва ҷанговарон истифода шавад. Андози шаҳрвандон ва хайрияи одамон, ба

---

[86] Абуалӣ, Ибни Сино. Осори мунтахаб [Матн] / Сино А.И. Душанбе, 1980. Ҷ.2. – С.13.
[87] Ҳамон ҷо. - Душанбе, 1980. Ҷ.2. – С.13.

андешаи мутафаккир, манбаи ин хазинаҳо аст. Сино таъкид менамояд, ки баъзе одамон аз сабаби нодонӣ бадбахт мешаванд, бинобар он хислати хуби одамони сарватманд ин аст, ки ба чунин одамони камбизоат ёрӣ расонанд, то онҳо низ бо дигарон баробар бошанд.

Мутафаккир «ба воситаи далелҳои қавӣ аз талаботи табиии одамон падидаи ҷамъиятро асоснок намудааст. Ҳунарҳои гуногун дар натиҷаи тараққиёти тадриҷии ҷамъият пайдо шудаанд. Вале ҷамъият дар якҷо наистода инкишоф меёбад».[88] Аз ин рӯ, инсон бояд хислати некӯкорӣ намудан ва раҳму шафқат доштанро дар худ ривоҷ диҳад, зеро ҳамин идеяи нексириштӣ метавонад ҳисси баробариро бедор намояд ва одамонро дар сулҳу субот нигоҳ дорад. Некӣ дар ҳамон вақт арзиши баландро соҳиб мешавад, ки он холисона буда, пайваста аз тарафи фард ба вуҷуд ояд.

Дар таълимоти Ибни Сино чунин масъалаи баробарии иҷтимоӣ низ гузошта шудааст, ки бо номи «ҳусни тадбир барои ҳама кас лозим аст» маънидод мешавад. Сино дар ин бора менависад: «дар тадбири умур ва ҳусни сиёсат сазовортарин мардум ба тафаккур подшоҳону шаҳриёронанд, ки Худо ононро зимомдори умури бандагони худ намуда ва барои танзими билод дорои тасаллут ва қудрат кардааст»[89].

Ибни Сино чунин меҳисобад, ки ақидаҳои сиёсатмадорон ва шаҳриёрон ҳарчанд онҳо ҳақ ҳастанд ва ё хато бошанд, барои ҷомеа аҳамияти бузург доранд, зеро онҳо дар ҳақиқат офарандаи адолат ва баробарӣ ҳастанд. Саҳви сиёсатмадорон ва бепарвоиву бемасъулиятиашон барои ҳаёт хеле зарарнок мебошад. Аз ин рӯ, аз назари Сино, сардори давлат (ҳоким) бояд дорои чаҳор сифат бошад: ҷасорат, адолат, ҳусни тадбир ва хирадмандӣ. Ҷасорат имкон медиҳад, ки шоҳ дар таъмини адолат барои халқ дар сахттарин ҳолатҳои ҳаёт худфидоӣ намояд, иродаи суст бошад, барои сарвари кишвар ҳамеша хатарнок аст.

Адолатпешагӣ ин ғояи асосии идоракунӣ мебошад. Агар дар ҷомеа беадолатӣ зиёд бошад, танҳо ҳоким метавонад, тартиботро дар он ба вуҷуд

---

[88] Султонов, У. Ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии Абӯалӣ Ибни Сино [Матн] / У.Султонов. Душанбе, 1975. – С.89.
[89] Абуалӣ, Ибни Сино. Осори мунтахаб [Матн] /Сино А.И. Душанбе, 1980. Ҷ.2. – С.14.

орад. Ин тартибот, пеш аз ҳама, ба вуҷуд овардани имконият дар баробарӣ мебошад. Агар аз тарафи идоракунандандагон адолатпешагӣ зуҳур намояд, ин зуҳурот ба афкори одамон таъсири мусбат мерасонад. Хислати адолатпешагӣ сабаби пешрафти муносибатҳои иқтисодӣ мегардад. Ҳокимро бе ҳисси адолатхоҳӣ тасаввур намудан ғайриимкон мебошад. Аз ин рӯ, ин гурӯҳи идоракунандагон ба мақоми худ сазоворанд ва аз ҳалли муҳимтарин муаммоҳои инсонӣ мебароянд.

Аз мантиқи фалсафаи Сино бармеояд, ки адолат дар ҳамон вақт ба маротиб боз пойдортар мегардад, ки ҳамаи одамон тасаввурот дар бораи он дошта бошанд ва ҳисси баробариро дар ботини худ нигоҳ доранд. Дар ин росто идораи нафси фардӣ метавонад адолатро дар ҷомеа густариш диҳад. Гузашта аз ин, нафс меъёри баробарӣ буда, ақлу хирад сарчашмаи адолат мебошад.

Ҳусни тадбир, аз нигоҳи Сино, амал карданро тавассути қобилият ва соҳибистеъдодӣ дар назар дорад. Сиёсатмадор наметавонад бе ягон ғояи ташаббус ҳукмронӣ намояд. Дар ҳаёти ҷомеа ҳодисаҳои нобаҳангоме рух медиҳанд, ки дар чунин лаҳзаҳо бевосита чораҷӯӣ ва ташаббускорӣ лозим мешаванд. Тадбир инчунин имконият медиҳад, ки шоҳ ғами бенавоён ва бечорагонро дар чаҳорчӯби ақлу адл баркашида, ба онҳо кӯмаки моддиву маънавӣ расонад.

Хислати хирадмандӣ низ дар таълимоти Сино шарти зарурии идоракунӣ дар таъмини адолат аст. Хирадмандон медонанд, ки дар кадом вақт бояд чӣ гуна амал намоянд. Ҳар як фаъолияти маънавӣ ва моддӣ маҳсули хирад мебошад. Инсон дар таърихи мавҷудияти худ маҳз тавассути ақлу заковаташ зинда мондааст. Аз ин рӯ, хирадмандӣ барои ҳар лаҳзаи ҳаёт ба мардум зарур мебошад.

Ақидаи дигари Сино дар асари зикршуда оид ба «сиёсати мард дар ислоҳи нафси худаш» мебошад. Оид ба ин масъала Сино менависад: «нахустин сиёсате, ки сазовор аст инсон бо он оғоз кунад, ҳамоно сиёсати нафси худи ӯст. Яъне аввал, бояд дар ислоҳи нафси худ бикӯшад, сиёсату тадбирашро дар он кору кӯшиш ба кор бурда, хештанро солеҳу некӯ

бинамояд»[90]. Мутафаккир чунин меҳисобад, ки инсон ҳамон вақт аз идораи ҷомеа мебарояд, ки нафси худро идора намояд. Идоранамоии худ бошад, метавонад баробариро дар имконият ба вуҷуд орад. Ҳисси баробариро инсон ҳамон вақт соҳиб мешавад, ки нафси худ ва эҳсосҳои нафсониро идора карда тавонад. Инсон қодир аст, ки худро идора намояд ва ба мардум кӯмак расонад. Идора накардани нафси худ инсонро ба худхоҳӣ мебарад ва ин сабаб мешавад, ки дар ҷомеа ноҳамоҳангӣ дар муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ пайдо шуда, адолату баробариро халадор месозад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки, аз нигоҳи Ибни Сино, ноҳамоҳангии рафтори субъектҳои ҷомеа куллан адолат ва баробарии иҷтимоиро вайрон месозад. Бинобар ин, Сино барои ислоҳоти куллӣ аввалан ислоҳ кардани фардҳои алоҳидаро зарур медонад. Ҳеҷ гоҳ инсон, аз нигоҳи ин аллома, наметавонад бо роҳи худхоҳӣ ба мақсадҳояш расад. Идора накардани нафс инсонро нобуд менамояд. Инсон аз он сабаб ба роҳи худхоҳӣ меравад, ки тасаввуроти нодуруст дар бораи ҳаёт ва арзишҳои он пайдо кардааст.

Дар барои рушд ва пойдории озодӣ, башардӯстӣ ва расидан ба ҷомеаи мукаммалу адолатхоҳ Ибни Сино мегӯяд: «маърифату шинохти инсон дар бораи нафси худ мавриди итминон нест, зеро ки одамӣ дар боби маърифати айбҳои худ зираку тезҳуш нест, балки кундӣ ва ғабоват ба харҷ медиҳад»[91]. Инсони худхоҳ ҳеҷ гоҳ қудрати фаҳмидани маҳдудиятҳои худро надорад ва онро донистан ҳам намехоҳад. Худро нафаҳмидан, худро эҳсос накардан ин мавҷудияти худро нашинохтан мебошад. Аз инҷост, ки агар мардум худро нашиносад, онгоҳ мавҷудияти баробарӣ дар ҷомеа ғайриимкон мегардад.

Ба ҳамин тариқ, аз нигоҳи таълимоти машшоия татбиқ шудани баробарии иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки принсипҳои олии «озодӣ», «башардӯстӣ» ва «баробарҳуқуқӣ» ва манфиатҳои одамон ба ҳам оварда шаванд. Роҳи расидан ба принсипҳои номбаршуда бо шикаст додани «рақобатҳои носолим», «ноадолатиҳо», «беҳуқуқӣ» ва мубориза барои ҳимояи манфиатҳои оммаи меҳнаткашон пайдо мегардад. Дар натиҷаи

[90] Абуалӣ, Ибни Сино. Осори мунтахаб [Матн] /Сино А.И. Душанбе, 1980. Ҷ.2. – С.16.
[91] Ҳамон ҷо . - Душанбе, 1980. Ҷ.2. – С.17.

рушди озодӣ ва баробарӣ бошад, қувваҳои истеҳсолӣ, шаклҳои тақсимоти неъматҳо дар ҷомеа ва шароити иқтисодии ҳаёти ҷамъиятӣ пешрафта мегарданд.

## §2.2 Масъалаҳои баробарӣ ва адолат дар фалсафаи калом

Агар мо ба таърихи фалсафаи тоҷикон нигарем, бешубҳа, андешаҳоеро вомехӯрем, ки аз ҳаёти ҷамъиятӣ ва амалӣ гирифта шудаанд. Бояд эътироф кард, ки шахсиятҳои зиёде дар роҳи адолат ҷоннисорӣ намуда, ҳамаи онҳо «ба ҳайси чароғҳое ҳастанд, ки охирин бақои рамақи худро мемаканд ва онро ба унвони армуғон дар гузаргоҳи раҳгузарон месӯзонанд ва нобуд месозанд ва ҳамчун шамъе, ки вопасин нишоне аз бенишониҳои худ ба дурахши интиҳои рамақи хешро бар торикии қалбҳо равшан сохта, худ нобуд мегарданд».[92]

Яке аз чунин сарсупурдагони роҳи адолатпарастӣ Абуҳомид Муҳаммад Ғаззолии Тӯсӣ, аз барҷастатарин илоҳиётшиносон ва орифону фақеҳони ҷаҳони ислом маҳсуб мешавад, ки ба воситаи идеяҳои иҷтимоиии худ ба илму маърифати ҷаҳон хидмати намоён кардааст. Мутафаккир дар илмҳои усул, калом, ҳадис, тафсир, ахлоқ, фалсафа, мантиқ, тасаввуф ва ғ. таълифоти зиёде дорад. Ба гуфти М. Иқбол «Бегумон, ин файласуф яке аз бузургтарин шахсиятҳои олами ислом аст. Ғаззолӣ шаккоки (скептик – А.С.) тавоное буд, ки пеш аз Рене Декарт бо равиши фалсафаи ӯ андешид ва ҳафтсад сол қабл аз Юм ба лаббаи тези шеваи ҷадалии худ қайди иллиятро шикаст. Нахустин касе буд, ки китоби муназзаме дар радди фалсафа навишт ва муташарреонро (аҳли шариатро – А.С.) аз тарсе, ки нисбат ба аҳли фалсафа доштанд, озод кард».[93]

Дар баробари ҳамаи ин, баъзе андешаҳои мутафаккир дар бораи мантиқ ва фалсафа қобили қабул нестанд. Академик М. Диноршоев мутакаллимон - Ғаззолӣ, Шаҳристонӣ, Розӣ, Тӯсӣ ва дигаронро ҳарифони Ибни Сино маънидод мекунад, ки "бар зидди назариёти илмию фалсафии Ибни Сино хуруҷ карда, кӯшиш ба харҷ доданд, ки онҳоро беқурб ва беэътибор намоянд. Бо ин амали худ онҳо ба ҳадди зиёд садди роҳи пешрафти илму фалсафа дар кишварҳои исломӣ гардиданд".[94]

---

[92] Ғаззолӣ, А.М. Эҳёу-улуми-д-дин [Матн] /А.М.Ғаззолӣ. - Душанбе, 2008. – С.6.
[93] Муҳаммад, Иқбол. Сайри фалсафа дар Эрон [Матн] / Иқбол М. - Теҳрон, 1380. – С.70.
[94] Диноршоев, М. Матолиби фалсафаи Ибни Сино[Матн] / М.Диноршоев. – Душанбе, 2011.- С.7.

Хотиррасон карданием, ки чунин шахсиятҳо “Таҳофут-ул-фалосифа” нигошта, дар онҳо “Форобӣ, Ибни Сино ва пайравони онҳоро ба куфр, илҳод, бидъат муттаҳам намуда, аслан роҳи пешрафти фалсафа, илм ва техникаро бастанд, ки паёмадҳои манфии он дар кишварҳои исломӣ то ҳол эҳсос мешавад”[95].

Проблемаи баробарии иҷтимоӣ дар асари маъруфи Ғаззолӣ «Насиҳату-л-мулук» баррасӣ шудааст. Дар идеяҳои ин мутафаккир оид ба адолат паҳлӯҳои мухталифи муносибатҳои ҷамъиятиро мушоҳида менамоем. Дар асари мазкур ӯ асосан масоили рушди ҷомеа ва давлатро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Барои тамоми муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳодисаҳои ҳаёт Ғаззолӣ нахуст иродаи Худовандро сабаб медонад. Аз нуқтаи назари мутафаккир, Худованд давлатро бе таъсири омили беруна офаридааст, зеро барои Худои муқтадир мавҷудияти ҳеҷ гуна сабаб зарурат надорад. Барои таъмини баробарии имкониятҳо дар ҷомеа бошад, нақши калидиро шоҳ мебозад. Фалсафаи ҳуқуқии мутафаккир моҳияти иҷтимоии замони худро дар бар гирифта, дар кадом сатҳ қарор доштани зиндагии мардумро нишон медиҳад.

Ғаззолӣ дар боби аввали «Насиҳат-ул-мулук», ки «Дар адлу сиёсат ва сирати мулук ва зикри подшоҳии пешин ва таърихи ҳар яке» номида шудааст, паҳлӯҳои зиёди муносибатҳои шуури сиёсии ҳамон замонаро шарҳ медиҳад. Ӯ менависад: «бидон ва огоҳ бош, ки Худои таъоло аз бани Одам ду гурӯҳро баргузид. Ва ин ду гурӯҳро бар фазл ниҳод: яке пайғамбарон ва дигар мулук».[96] Аз ин нигоҳ бармеояд, ки барои мутафаккир баробарӣ ва нобаробарии одамон сабабҳои динӣ дошта, имконияти подшоҳ шудан аз тарафи Худо дода мешавад. Адолати иҷтимоӣ дар ҳолати ба подшоҳ итоат намудани мардум ба вуҷуд меояд, зеро «Султон сояи ҳайбати Худост бар рӯйи замин, яъне бузург ва баргумоштаи Худояст бар халқи хеш. Пас бибояд донистан, ки касеро, ки ӯ подшоҳӣ ва фарри эзидӣ дод, дӯст бояд доштан ва

[95] Диноршоев, М. Матолиби фалсафаи Ибни Сино [Матн] / М.Диноршоев. – Душанбе, 2011. – С.8.
[96] Ғаззолӣ, М. Насиҳат-ул-мулук [Матн] / М.Ғаззолӣ. - Душанбе, 2011. – С. 48.

подшоҳонро мутобеъ будан ва бо мулук мунозаат нашояд кардан ва душманӣ набояд доштан…».[97]

Аз нигоҳи Ғаззолӣ, шоҳ ҳамон амалеро ба анҷом мерасонад, ки барои ҳаёти мардум арзишманд аст. Заковати ӯ баргузида буда, аз дигарон беҳтар меандешад. Эътироз нисбати шоҳи давронро Ғаззолӣ раво намедонад, зеро маҳз тобеъ будан ба ӯ баробарию адолатро таъмин менамояд. Чун мутафаккир қобилият ва истеъдоди идоракуниро фитрӣ мефаҳмад, пас на ҳамаи мардум ба корҳои давлатӣ дахолат карда метавонанд. Сарварии хирадмандонаи мулук ба мардум имконияти осоишта зиндагӣ намуданро медиҳад.

Ғаззолӣ менависад: «Худои таоло подшоҳи ҳама подшоҳон аст ва подшоҳӣ онро диҳад, ки хоҳад, якеро азиз кунад ба фазл ва якеро залил кунад ба адл ва султон ба ҳақиқат он аст, ки адл кунад дар миёни бандагони ӯ ва ҷабру фасод накунад, ки султони ҷоир шум бувад ва бақо набувадаш…».[98] Аз диди Ғаззолӣ, ҳар касе, ки неъматҳои ҷамъиятӣ ба ӯ бештар дода шудааст, бояд дар истифодаи он боадолат бошад.

Таърих барои Ғаззолӣ аз он сабаб то имрӯз пойдор аст, ки дар он неруҳои қудрат ва адолат амал мекунанд. Таърихро на халқиятҳо, балки подшоҳон ба ҳаракат медароранд. Подшоҳон ҳамчун фармонбари Худованд баробариро дар замин таъмин менамоянд: «Пас бибояд донистан, ки ободонӣ ва вайронии ҷаҳон аз подшоҳон аст, ки агар подшоҳ одил бувад, ҷаҳон ободон бувbooду раият эмин бувад..».[99] Ғаззолӣ барои исботи ин таърихро дар мисоли ҳукмронии шоҳони боадолат, яъне аз замони Ардашер, Афридун ва Анӯшервон зикр мекунад. Поймолии баробарии иҷтимоӣ дар таърих аз тарафи Заҳҳоку Афросиёб ва Яздигурд шуда буд ва он натиҷаҳои харобиоварро ба халқ овард, зеро барои нобаробарӣ танҳо подшоҳ гунаҳкор аст.

Ба хубӣ дарк мешавад, ки Ғаззолӣ ба ҷомеа назари интиқодӣ доштааст. Одамон, аз диди ӯ, ҳамон вақт зеҳни худро озодона истифода мебаранд, ки

[97] Ғаззолӣ, М. Насиҳат-ул-мулук [Матн] / М.Ғаззолӣ. - Душанбе, 2011. – С.48.
[98] Ҳамон ҷо. – С.49.
[99] Ҳамон ҷо. – С.49.

имконият дар онҳо вуҷуд дошта бошад. Агар шоҳ танҳо идеяи худро татбиқ намояд, фикри дигаронро ба эътибор нагирад ва муқобили раванди ҳаёти амалӣ барояд, дар он ҳолат тартибот ва баробарию адолат дар ҷомеа маҳв мегардад. Худованд шоҳонро аз он сабаб хирадманд офаридааст, ки эшон мубориз бар зидди беадолатӣ бошанд ва ҷомеаро назорат карда тавонанд. Шоҳе, ки адолатро вайрон менамояд, ба арзишҳои умумиинсонӣ ва умумидавлатӣ хиёнат мекунад. Чунин вазифаи мулукро мутафаккир хеле заковатмандона фаҳмидаву тафсир намудааст.

Фалсафаи ҳуқуқии Ғаззолӣ танҳо бо арзишҳои умумимазҳабӣ пайванд набуда, балки арзишҳои баланди сиёсиро низ соҳиб мебошад. Шоҳ бояд ҳиссиёти бузурги баробарию адолатро дошта бошад. Хиради ӯ набояд ба хатогиҳои таърихӣ роҳ диҳад. Агар шоҳ ҳар қадар хирадманд бошад, дар ҷомеа ҳамон андоза шуури сиёсиву фарҳангии одамон рушд менамояд. Рушди мардум аз лиҳози ақлониву маънавӣ баробарии иҷтимоиро ба дараҷаи баланд мебардорад. Пешрафти ҳаёти амалӣ, хушбахтии умум дар натиҷаи фикрҳои адолатпаваронаи шоҳ ба вуқуъ мепайванданд ва дар қалби мардум ҷой мегиранд.

Дар «Насиҳат-ул-мулук»-и Ғаззолӣ таҷрибаи давлатдории подшоҳони зиёд зикр карда шудааст. Дар маркази таҳлилҳои мутафаккир паҳлӯҳои зиёди баробарӣ ва нобаробарӣ меистанд. Баробарии иҷтимоӣ дар андешаҳои Ғаззолӣ аз пояи динии адолати саросарии Худованд реша мегирад ва бештар дар шакли панд ва таҳлили идеяҳои некию бадӣ намоён мешавад. Адолатро, аз диди ӯ, подшоҳ ба ҳукми хирад эҷод мекунад ва золимиро низ ӯ, вале аз қашшоқии ақлаш бунёд менамояд. Қобилияти шинохт ва дарки шахсияти худро доштани подшоҳ ӯро ба некномиву комёбӣ мебарад. Аз ин рӯ, подшоҳони одилро мутафаккир хирадпеша маънидод менамояд. Ҳар подшоҳе, ки ба одамон ба чашми баробар менигарад, аз нигоҳи ӯ, шуҳрат меёбад.

Дин барои Ғаззолӣ эҳёгари адл аст. Подшоҳони аз ҳар ҷиҳат баробархоҳ бошанд, ба дин такя карда ва дар замирашон қонунҳои хирадро ҷой дода, ба ҳамин эътиқодашонро ба зоти инсон собит месозанд. Ситамро

Ғаззолӣ барбоддиҳандаи адлу баробарӣ мефаҳмад. Баробариву нобаробарӣ ба худшиносӣ такя дошта, барои одамони дар як давра зиндагикунанда тааллуқ доранд. Ғаззолӣ хислатҳои идеалиро аз зиндагии паёмбарон ва файласуфон ҷуста, мардумро ба ин роҳ ҳидоят месозад. Ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии халқ аз қонунҳое, ки тартиботро ҷорӣ месозанд, вобаста аст. Ҳирси шуҳрат, моликият, қудрат дар ботини ҳамаи одамон вуҷуд дошта, ба ҳаёти одамон чунин эҳсосҳо таъсири бузург мерасонанд. Эҳсосоти нафсонии инсон номаҳдуданд ва агар дар ботини ӯ виҷдону имон, эътиқоду ибодат норасо бошанд, онгоҳ фард барои манфиатҳои худ моликияти дигаронро сарварӣ мекунад. Дин метавонад, ба андешаи Ғаззолӣ, одамонро ба ақл, илм ва худшиносӣ даъват созад ва бо ин роҳ барои таъмини муносибатҳо дар асоси баробариву бародарӣ хизмат намояд.

Агар ба моҳияти гуфтаҳои мутафаккир назар афканем, мебинем, ки «ҷомеаи ором, инсонҳои ботамкину боадаб тавассути одоби фиқҳӣ мехоҳанд ҳаром нафурӯшанд, зулм накунанд ва ба якдигар таъна назада, оташи низоъ наафрӯзанд, ҳуқуқи якдигарро ҳурмат намоянд, даст ба ҳамсари якдигар накушоянд, ғорат накунанд, бар заифону аҷирон ситам наёваранд».[100]

Боби дуюми «Насиҳат-ул-мулук» ба «сиёсати вазорат ва сирати вазирон» бахшида шудааст. Ғаззолӣ дар ин боб кӯшидааст, ки нақши вазири аъзамро дар ҳаёт ва корҳои идораи давлатӣ нишон диҳад. Давлатдорӣ, аз нигоҳи ӯ, маҷмуаи кору амалҳост ва дар ин ҷода ҳамон сарваре муваффақ шуда метавонад, ки дар атрофи худ вазирони заковатмандро ҷамъ намояд. Ғаззолӣ менависад: «бибояд донистан, ки подшоҳӣ ба дастури нек тамом шавад ва вазири шоиста ва бо кифояту одил, зеро ки ҳеҷ малике бе дастур рӯзгор натавонад гузоштан ва ҳар ки ба ройи хеш кор кунад, афтода ояд бе шак».[101] Андеша оид ба идоракунии коллективона доштани мутафаккир дар инҷо равшан намоён мешавад, зеро мутафаккир хиради коллективиро дар пешрафти ҷомеа ва таҳкими адолат дар он асосӣ мешуморад.

[100] Ғаззолӣ, А.М. Эҳёу улуми- д-дин [Матн] / М. Ғаззолӣ. Душанбе, 2008. – С.67.
[101] Ғаззолӣ, М. Насиҳат-ул-мулук [Матн] / М.Ғаззолӣ. Душанбе, 2011. – С.107.

Мо муътақид бар он ҳастем, ки умдатарин проблемаҳои ҷомеа баробарӣ-нобаробарӣ, сарватмандӣ-камбизоатӣ ва адолат-беадолатӣ барин падидаҳоро наметавон аз нигоҳи як фард баҳогузорӣ кард. Одамон хислатҳои гуногун доранд ва барои одилона идора намудан сиёсатмадорон бояд паҳлӯҳои зиёди ҳаёти иҷтимоиро ба эътибор гиранд. Ҳаёти халқ дар доираи андешаи як шахсият рушд намекунад. Ин, албатта, ба он маъно бояд фаҳмида шавад, ки ҳукмронии идеяи як нафар ба гуногунандешӣ (плюрализми сиёсӣ), мутаносибан, ба баробарӣ халал мерасонад ва фикри дигаронро нобуд месозад.

Вобаста ба мавзуи дар боло зикршуда Ғаззолӣ мегӯяд: «Набинӣ, ки бо ҳама бузургиву фасоҳати Пайғамбар (а) Эзид таоло ӯро машварат фармуд кардан бо ёрону хирадмандон ва доноён».[102] Хислати барҷастаи мутафаккир дар он зоҳир мешавад, ки дар таҳлили муносибатҳои сиёсӣ ба эҳсосот ва тахайюл дода намешавад, балки пешрафт ва маҳдудияти назарҳоро эҳтиёткорона мекушояд. Барои инкишоф додани шароитҳои моддиву маънавии одамон паёмбарон дар гузашта ва ворисони онҳо имрӯз нақши асосиро мебозанд. Вазирон ва шахсиятҳои забардаст, ба фикри Ғаззолӣ, метавонанд барои дарёфти зиндагии шоиста ва боадолатона идеал офаранд ва роҳи рушди ҷомеаро таъмин намоянд.

Бояд эътироф кард, ки давлат, адолат, баробарӣ ва озодӣ барин падидаҳои умумиинсонӣ аз бузургтарин дастовардҳои тамаддуни башарӣ маҳсуб меёбанд. Маҳз ба ҳамин хотир, Ғаззолӣ муътақид бар он аст, ки машварат барои подшоҳ имконият медиҳад, ки дар кадом сатҳ қарор доштани халқро дарк намояд. Вазири ояндабин бошад, барои подшоҳ ҳамчун чароғ лозим аст.

Боби сеюми «Насиҳат-ул-мулук», ба «зикри дабирону ҳунармандони эшон» бахшида шудааст. Дар ин боб Ғаззолӣ нақши илмро барои ба ҳаракат овардани инсоният нишон медиҳад. Ӯ хатту саводро нахустин сарчашмаи хушбахтии умум мефаҳмад ва мегӯяд: «ҳеҷ чиз бузургвортар аз қалам нест, ки ҳама корҳои гузаштаро бад-ӯ боз тавон овардан» ва «паёмбар (а) гуфт, ки

---

[102] Ғаззолӣ, А.М. Насиҳат-ул-мулук [Матн] / М.Ғаззолӣ. - Душанбе, 2011. – С. 107.

нахуст чизе, ки Худой офарид, қалам офарид...».[103] Ғаззолӣ қаламро қувваи бузурге медонад, ки одамонро одилона ба ҳам муттаҳид месозад, зеро он заргари сухан аст.

Барои он, ки фард дар зиндагӣ адолатро бифаҳмад, сифатҳои хубро соҳиб гардад ва шахсияти худро бунёд созад, бояд пеш аз ҳама илм омӯзад. Ғаззолӣ ин андешаро дар чунин шакл баён мекунад: «Ҳарчанд мардро озмуни рӯзгор бошад, то китобҳо нахонад, хирадманд нагардад, зеро ки аз ин андаке умр таҷриба чанд тавон кардан ва низ падид аст, ки чанд ёд тавон гирифтан ва шамшеру қалам ҳар ду ҳокиманд андар ҳама чизҳо...».[104]

Ба ҳамин тариқ, мутафаккир бо ин ҳама масъалаҳои фаровоне, ки онҳоро дар асараш меорад, ҳадафи онҳоро, пеш аз ҳама, ба зиндагии арзанда ва одилона соҳиб гардонидани инсонҳо мебинад. Барои файласуф маҳз бунёди ҷомеаи бомаърифат, давлати боадолат муҳим мебошад. Халқи маънавибунёд дорандаи иқтисоди бузург мегардад, иқтисоди бузург бошад, баробарии иҷтимоиро таъмин мекунад. Шоҳи одил бо сиёсати бузург имконияти баробариро ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, ба ахлоқу илму дин эътимод намудан, аз диди мутафаккир, роҳи асосии дар амал татбиқ намудани баробарии иҷтимоӣ дар ҷомеа мебошад.

Мутафаккири дигари намояндаи фалсафаи калом Абумансури Мотуридӣ маҳсуб меёбад. Ин мутафаккир дар ҳар як соҳае, ки ба он рӯ меорад, идеяҳои ба ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа ва роҳҳои рушди инсон мансубдоштаро мавриди таваҷҷуҳ қарор додааст. Мотуридӣ андешаҳояшро перомуни бунёди ҷомеаи боадолат ба таври ормонӣ маънидод накардааст. Барои расидан ба ҷомеаи боадолат ӯ нақши хирадгароӣ, ахлоқ ва илмдӯстии мардумро аз омилҳои калидӣ ҳисобидааст. Дар ин ҷо барои пайдо кардани масъалаҳои баробарию адолат дар таълимоти мутафаккир, пеш аз ҳама, ба идеяҳои иҷтимоии ӯ назар намудан муҳим мебошад. Барҳақ, ба андешаи файласуф А.Шамолов, «Мотуридӣ аз зумраи он мутакаллимону илоҳиётшиносон ва фақеҳони маъруфи миллии мо аст, ки дар сароғози

---

[103] Ғаззолӣ, А.М. Насиҳат-ул-мулук [Матн] / М.Ғаззолӣ. - Душанбе, 2011. – С.114.
[104] Ҳамон ҷо. – С.115.

ташаккулу таҳаввули халқи тоҷик ва давлатдории он зиндагӣ ба сар бурдаанд, ки имрӯз аз нақш ва аҳаммияти онҳо дар таърихи фарҳанги миллӣ ва тамаддуни ҷаҳонӣ изҳори ақида ва муаррифӣ намудан зарур ва ҳам ногузир аст».[105]

Андешаҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва сиёсии Мотуридӣ дар асарҳояш «Панднома» ва «Китобу-т-тавҳид» ба таври амиқу муфассал баён шудаанд. Муҳаққиқи эронӣ Манзар Қанбарӣ дар мақолаи «Мабонии фикрӣ ва фиқҳии Абумансури Мотуридӣ» дар ин бора қайд кардааст, ки мутафаккир «ҳокими ростинро Худованд медонист ва Пайғамбар, агарчи аз сӯи Худо насб шудааст, вале бояд комилан мутеи Парвардигор ва қонуни Худо Пайғамбарро бартарин қавонин барои идораи ҷомеа медонад. Ончунон, ки аз таълифоти дигараш дар «Китобу-т-тавҳид» бармеояд, ҳамон дастуроти Худованд ва аҳкоми Пайғамбарро усули шаръӣ барои ҳукумат медонад, на он чи ба номи сиёсат ва маслиҳат шуҳрат дошта бошад. Бинобар ин вай дар осораш чандон ба ҳукуматдорӣ, оини ҳукуматӣ ва сиёсӣ намепардозад».[106]

Ба ҳамин гуна, метавон хулосабарорӣ кард, ки, аз нигоҳи Мотуридӣ, танҳо ҳокими ростин дар ҷомеа имкониятҳои баробарҳуқуқиро таъмин намуда, ба пойдории сулҳ ва адолат замина мегузорад. Ин хушбахтии ҷомеа аст, ки сарвари он нексиришт ва хайрхоҳ бошад. Сиёсатро Мотуридӣ ислоҳот дар ҷомеа мефаҳмад. Ислоҳот бояд аз рӯи қобилият ва шинохти воқеии ҳоким сурат гирад. Ислоҳи оқилона ба мардум имконияти иштироки баробарро дар корҳои ҷомеа фароҳам месозад. Натиҷаи меҳнат ва дастоварди инсон бошад, ба худи ӯ мансуб аст. Сиёсате, ки Мотуридӣ «дар мадди назар дорад, аслан ба се асосу поя устувор мебошад: аввалан, тавҳид ва имон ба Худованди воҳид, ки аҳли ҷомеаи исломӣ ба он вобаста мебошад; сониян гурез аз гуноҳ ва мункарот; солисан, амал дар асоси амру дастуроти шариат».[107]

---

[105] Шамолов, А. Каломи Мовароуннахр [Матн] /А.Шамолов. - Душанбе, 2013. – С.12.
[106] Манзари, Қ. Мабонии фикрӣ ва фиқҳии Абумансури Мотуридӣ [Матн] / Қ.Манзари // Баррасии оро ва андешаҳои каломии Абумансури Мотуридӣ //Номаи анҷуман. № 8/2. – С.177.
[107] Шамолов, А. Каломи Мовароуннахр [Матн] / А.Шамолов. - Душанбе, 2013.- С.499.

Мотуридӣ эътиқоди комил доштанро сарчашмаи парҳезгорӣ, накӯкорӣ ва адолати иҷтимоӣ мефаҳмад. Инсон бояд ҳамчун Худованд бо эҳсоси некӯкорӣ зиндагӣ кунад ва хислати ба мардум дастёрӣ карданро фаромӯш насозад.

Аз нигоҳи Мотуридӣ, одамон наметавонанд, ки ҳамеша ба ҳамдигар аз лиҳози иқтисодӣ кӯмак намоянд, аммо метавонанд, ки ба имконият ва имтиёзи дигарон халал нарасонанд ва ба онҳо роҳҳои ба мақсад расиданро тавсия диҳанд. Ҳамаи одамон орзуҳои бузург ва кӯчакро дар ботини хеш мепарваранд ва ба ин орзуҳо ҳамаи онҳо сазовор мебошанд. Гурез аз гуноҳ ва мункарот бошад, аз нигоҳи Мотуридӣ, хоси одамони парҳезкор ва донишманд аст. Коҳилӣ сарчашмаи бадбахтӣ ва гуноҳ аст, зеро коҳилон одамони ботинан худпараст (эгоист) мебошанд. Чунин инсон дар ҳамаи замонҳо хатарнок буд ва ҳуқуқҳои фитрии одамони дигар ва адолату баробариро поймол мекард.

Дар самти сиёсат Мотуридӣ идеалҳои шариатро ба ҳаёти амалӣ наздик медонад. Мутафаккир дар ҳамаи корҳои ҷамъиятӣ иродаи фардро озод мепиндорад ва ин озодиро дар асоси қонунҳои шариат ақлонӣ меҳисобад. Барои Мотуридӣ «шариат ҳамчун қонуни Худо ва Пайғамбар нисбати тамоми қонунҳо бартарият дошта, ин қонун бояд бидуни шакку шубҳа аз ҷониби тамоми уммат ва ё ҷомеаи исломӣ пайравӣ гардад. Дар робита ба ин вай ба ҳайси ҳукумати қонунӣ ҳукуматеро мешуморад, ки аз қонуни Худо ва рафтору гуфтори Пайғамбар пуштибонӣ мекунад ва онҳоро амалӣ месозад».[108] Ба ибораи дигар, мутафаккир ҳамаи имкониятҳои баробарии иҷтимоии одамонро аз нуқтаи назари динӣ маънидод менамояд, яъне агар одамон хислатҳои бологузории шахсияти хешро аз дигарон рушд диҳанд, онгоҳ баробарии иҷтимоӣ дар ҷомеа аз байн меравад.

Мотуридӣ паёмбаронро сиёсатмадорони беҳтарин дар олами инсонӣ дониста, онҳоро паёмоварон ва ҳомиёни адолату баробарӣ ва мунодии сулҳ меҳисобад. Аз ҳамин сабаб, ӯ эшонро ҳимояткунандаи ҳуқуқҳои табиии

[108] Шамолов, А.А. Аҳвол, осор ва афкори Имоми Аъзам [Матн] / А.А.Шамолов. - Душанбе: Дониш. 2009. – С. 247.

фарзандони одам, чи зан, чи мард, маънидод кардааст. Баробарҳуқуқ зиндагӣ кардани зан ва мард ин баробарҳуқуқиии онҳо дар ҳаёт ва дастрасӣ ба моликият мебошад.

Баробар надонистани ҳуқуқҳои ҳамдигар дар таърихи насли одамӣ зиёд мушоҳида шудааст, зеро «тамоми таърихи инсоният, ки дар шаклҳои хаттӣ ва шифоҳӣ то замони мо расидааст, таърихи муборизаҳост».[109] Сабаби низоъҳои таърихӣ низ ба эътироф ва эҳтиром кардани арзишҳои баробарӣ рабт дорад. Хислати худҳоҳӣ доштан ва ҳисси шуҳрату давлатро соҳиб шудан, аз азал дар ботини ҳамаи одамон арзи ҳастӣ дорад, аммо набояд ин хоҳишҳо имконияти дигаронро маҳдуд созанд. Маҳз ба ҳамин хотир, Мотуридӣ ҳамчун пайрави таълимоти калом дифоъ аз ҳуқуқҳои табиӣ менамояд ва неруҳои хобрафтаи шуури ҷамъиятиро бедор намудан мехоҳад. Тасаввуроти одамон оид ба ҳаёт гуногун буда, фаҳмиш ва сатҳи ҷаҳоншиносиашон тавофутҳои зиёд дорад. Маҳз ҳамин ҷаҳонбинии гуногун дар ҳамаи давраҳои таърих сабаби нобаробариҳои иҷтимоӣ мегардад.

Мотуридӣ ба шариат такя намуда, системаи ҷаҳонбинии мардумро дар руҳияи ахлоқ ташаккул додан мехоҳад. Ба андешаи ӯ, одамон набояд бо сабаби фикри мухталифро соҳиб будан ҳуқуқҳои ҳамдигар ва адолатро поймол намоянд.

Дар фалсафаи ҳуқуқии Мотуридӣ низ паҳлӯҳои ба ҳаёти иҷтимоии одамон наздикбуда баррасӣ шудаанд. Мутафаккир рисолати пайғамбарро на танҳо дар эҷоди қонунҳои хирадмандона, балки дар идораи давлат низ дидааст. Паёмбарон на танҳо аз охират хабар медиҳанд, балки тарҳи зиндагии дунявии одамонро созмон дода, рисолати инсонро дар рӯи замин маънидод мекунанд. Фаҳмидани он мушкил нест, ки паёмбарон ба ҳамаи одамон новобаста аз молу мулк ва мавқеи ҷамъиятӣ ва қавму нажод баробар нигоҳ мекарданд. Одамон низ бояд ба чунин хислатҳои умуминсонӣ соҳиб гарданд.

[109] Ятимов, С. Асарҳо. Ҷилди 9. Гегел ва масъалаҳои худшиносии миллӣ [Матн] / С.Ятимов. - Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – С.96.

Дар таълимоти Мотуридӣ динро аз сиёсат ҷудо намудан мушкил аст, зеро онҳо ба ҳам пайванди ногусастанӣ доранд. Мусаллам аст, ки омезиши андешаҳои динӣ ва сиёсат дар андешаҳои кулли мутафаккирони Шарқ вуҷуд дорад. Аз назари Мотуридӣ бошад, сиёсати паёмбарон оқилона ва дурандешона аст, зеро «ҳавзаи иқтидори сиёсати вай бо ваҳйи илоҳӣ ва иродаи ҳокими Худованд такя намуда, аз як тараф ба ому хос паҳн мешавад ва аз тарафи дигар, дарбаргирандаи ҳаёти зоҳирӣ ва ботинии онҳо мебошад».[110] Иродаи инсон бояд ба ҳокими мутлақ - Худованд такя намояд ва дар ҳамин асос ӯ метавонад ба зиндагии созанда комёб гардад. Чунин андешаҳои Мотуридӣ дар ҳаёти амалӣ ҳамон вақт воқеӣ мегарданд, ки, агар одамон ба моҳияти дин дурусттар сарфаҳм раванд. Ҳокимон ҳамон вақт баробарии иҷтимоӣ ва сиёсиро риоя менамоянд, ки дар ниҳодашон арзишҳои адолатпарвариро рушд диҳанд.

Аз нигоҳи Мотуридӣ, «ҳоким бояд бар ҳукуматаш комилан ҳукмронӣ кунад ва сиёсатмадори қодир барои танфиз ва аъмоли аҳкомаш дошта бошад ва марзҳои дору-л-исломро ҳифз кунад ва битавонад ҳаққи мазлумонро аз золим бигирад, барои ӯ кофӣ аст».[111] Ин нигоҳи ҷасуронаест, ки ба иқтидори идоракунии одилонаи ҳоким бовар дорад. Ҳаққи мазлумонро аз золимон ситонидан кори на ҳар ҳокими давру замон аст. Ин андеша моҳияти фалсафаи ҳуқуқии Мотирудиро ифода менамояд. Мутафаккир дар назди ҳоким масъулияти таърихиро гузошта, дар сарнавишти одамон нақшу манзалати бузург доштанашро нишон медиҳад. Санъати идора кардан ва чӣ гуна ба эътимоди халқ сазовор шуданро ӯ ҷасурона тасвир менамояд. Фалсафаи ҳуқуқии Мотуридӣ ҷомеаро ба дарк намудани ғояҳои адолатпарварӣ ва гуманистӣ равона сохта, ба рушди шуури ҳуқуқии онҳо мусоидат менамояд.

Мотуридӣ тафаккури ҳокимонро бо дониши амиқ, фаросати сиёсӣ, ояндабинӣ, маънавиёти баланд дидан мехоҳад. Ҳоким набояд ба амалҳои

---

[110] Шамолов, А. Каломи Мовароуннахр [Матн] / А.Шамолов. - Душанбе, 2013. – С.502.
[111] Абумансур, Муҳаммад ибни Муҳаммади Мотуридии Самарқандӣ. Китобу-т-тавҳид [Матн] /С.Мотуридӣ. – Бейрут: Дору-с-содир, 1428. – С.425.

сӯзанда даст занад, зеро як амали нодурусти ӯ метавонад ба муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсири манфӣ расонад. Дар даврони зиндагии мутафаккир илми фиқҳ аз сиёсату ахлоқ ва илоҳиётшиносӣ ҷудо набуд ва бештари ин масоил дар ҳамоҳангӣ баррасӣ мешуданд. Аз ин рӯ, андешаҳои иҷтимоии Мотуридӣ дорои маҳдудиятҳои зиёд буда, дар онҳо манбаъ ва чигунагии ҷомеаи инсонӣ, масъалаи ҷанг ва сулҳ, адолат, баробарӣ ва нобаробарӣ, ба таври алоҳида баррасӣ нашудаанд. Бо вуҷуди ин ва бо сабаби маҳдуд будани андешаҳои Мотуридӣ дар асари «Пандномa» фаҳмидани он душвор нест, ки адолату баробарӣ дар фаҳмиши мутафаккир чӣ гуна характери иҷтимоӣ доранд.

Нақши ахлоқ дар бунёди адолат, аз нигоҳи Мотуридӣ, хеле баланд аст. Ахлоқ дар ҳамаи давру замон муъҷизае мебошад, ки одамонро ба адолат даъват менамояд. Ахлоқ, агар дар хотираи миллат ҷузви созанда бошад, посдори аслҳо ва васлгари наслҳост. Аз ин ҷиҳат, дар асари Мотуридӣ «Пандномa» масъалаҳои умдатарини ахлоқро дар бунёди адолату баробарӣ дидан мумкин аст.  Аз нигоҳи Мотуридӣ, «ахлоқ на танҳо ҳамчун танзимгари қувваҳои ботинии инсон, балки ҳамчун танзимгари муносибатҳои инсон ва ҷамъияти мусулмонон мегардад».[112] Аз он, ки ахлоқ ба кулли муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсир мерасонад, аз ин рӯ, он ба сиёсат ва ҳуқуқ наздикӣ пайдо мекунад.

Ҳадафи ниҳоии андешаҳои ахлоқии Мотуридӣ ташаккули инсони ботафаккур, таҳаммулпазир, бомуҳаббат, худфидоъ ва боирода мебошад. Дар «Пандномa»-и мутафаккир панду андарзи нависандагону файласуфони пешинзамон истифода мешаванд. Мутафаккир тавассути қаҳрамонони асар бо образҳо хирадмандона мехоҳад ба хосу ом мақсади ҳаётро иброз намояд ва нақши ахлоқро дар таъмини адолат ба мулкдорон нишон диҳад. Оид ба ин масъала Мотуридӣ менависад: «ҷомеа ба мисли рӯди равоне аст, агар сарчашмаи ин дарё пок набошад, ин дарё боз нопоктар мегардад».[113]

---

[112] Шамолов, А. Каломи Мовароуннахр [Матн] /А.Шамолов. - Душанбе, 2013. – С.521.
[113] Ҳамон ҷо – С.522.

Барои бунёди ҷомеаи боадолат, ки дар он баробарӣ таъмин аст, аввалан зарур аст, ки сарчашмаи муносибатҳои иҷтимоӣ пок бошад. Ин покизагиҳо аз чунин унсурҳо иборатанд: ришва наситонидан аз мардум, ҳуқуқи касеро поймол накардан, суистифода аз мансаб накардан ва ба назар гирифтани вазифаҳои масъултарини ҷомеа, зеро шарт аст, ки ин ниҳодҳои идоракунанда бояд дар роҳи поккорӣ мубориза баранд.

Мотуридӣ ба султон мурочиат намуда мегӯяд: «Ҷаҳон ба амал нигоҳ дор», «мулк ба вазири худотарс мазбут дор», «давлатро ба тавозуъ банда кун», «лашкари бе насиҳатро лашкар мадон», «раъияти бе тоатро раъият мадон», «ободонии мулкро хоҳӣ бар халқ бибахшой», «афзунӣ ва низоми мулк хоҳӣ, хушнудии Холиқ ва халқ талаб кун», «амири ғофилро амири худ макун», «надими ҷаҳондида гузин», «оламро ободон ба базлу адл дон», «аз хасм сипар маяфкан»[114] ва ғ.

Мутафаккир дар баёни мулоҳизаҳои худ ба таҷриба такя менамояд, на ба хаёлпарастӣ. Аз ин рӯ, инсони адолатпарваре, ки ӯро ба мақоми ҳокимӣ сазовор медонад, пеш аз ҳама, қобилияти амал кардан дорад. Вазири худотарс ҳеҷ гоҳ ба халқу давлат хиёнат намекунад ва то вопасин нафасаш ба марзу буми кишвар содиқ мемонад. Лашкари бенасиҳат ҳамон лашкарест, ки ба моҳияти ҷанг ва сулҳ сарфаҳм намеравад. Дар он ҳиссиёти ҳақиқии меҳандӯстӣ насабзидааст. Раияти бетоат ҳамон гурӯҳи одамонеанд, ки асосҳои тартиботи дохилӣ, арзишҳои ҳуқуқӣ ва дигар арзишҳои давлатдориро ба эътибор намегиранд ва барои онҳо манфиатҳои ҷомеа арзиш надоранд. Агар ҳоким хоҳиши ободонии мулкро дошта бошад, пеш аз ҳама, бояд ба одамон адолат, баробарию озодиро фароҳам орад.

Мотуридӣ чунин ҷомеаро дар назар дорад, ки дар он ба одамон имкониятҳои моликият ва озодӣ дастрас мебошанд. Аз ин рӯ, аз ҷониби ҳоким барои он, ки қудрати мулк афзун шавад, бояд ризоияту эътимоди халқ ба назар гирифта шавад. Одамон ба ҳоким дар ҳамон вақт эътимод карда метавонанд, ки дар зиндагиашон имкониятҳои зиёд бошанд ва барои

[114] Абумансур Муҳаммад ибни Муҳаммади Мотуридии Самарқандӣ. Панднома [Матн] / М.Абумансур. – Теҳрон: Фарҳанги Эронзамин. - Теҳрон, 1349. – С. 9.

истифодаи онҳо маҳдудиятҳои ҷиддӣ ҷой надошта набошанд. Оламро ободон аз адл донистани ҳоким метавонад барои ҷомеаи боадолат замина гузорад. Ин фоҷиа аст, агар ҳоким идеяи адолатро соҳиб набошад. Ҳукмронии чунин шахсият оқибатҳои харобиовар дорад, зеро ба нобаробарии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ сабаб мегардад. Ин идеяҳои Мотуридиро танҳо насиҳатҳои ормонӣ ва татбиқнашаванда пазируфтан нашояд, зеро бузургон ҳар як андешаашонро аз таҷрибаи таърих ва ҳаёт мегиранд. Сарчашмаи пандномаҳои мутафаккир сураҳои Қуръони карим ва ҳадисҳои пайғамбар маҳсуб меёбанд. Мотуридӣ, аз ҷумла, менависад: «Дунёпараст мабош, ки душмани худоро парастида бошӣ. Ақлро бунёд шумур. Эътиқоди хубро ганҷи безавол дон. Ба сабр баланди ҷӯй. Ризои ҳақро ғанимат ангор. Силоҳ аз илм соз».[115] Ин фикрҳоро ба султон пешниҳод карда, Мотуридӣ ахлоқро бо сиёсат наздик менамояд, яъне ахлоқ дар доираи худ метавонад масъалаҳои сиёсӣ, аз ҷумла, таъмини адолату баробариро дар ҷомеа, ҳал намояд.

Дар маҷмуъ, моҳияти фалсафаи сиёсию ахлоқии Мотирудиро даст кашидан аз ҳар гуна иллатҳои ғайриинсонӣ, ҳаётро дӯст доштан, ба одамон сидқан хидмат намудан, мубориза ба зулму истибдод, нафси худро идора намудан, роҳи саодатро ба халқ нишон додан, коҳилиро нобуд сохтан, ақлро пеша намудан, дигаронро бо чашми нек дидан, мағрур набудан, аз заҳри забон эмин будан, фитрати покиза доштан, бадгумон набудан ва ба дигар арзишҳои умумиинсонӣ эҳтиром гузоштан ташкил медиҳад, ки ин арзишҳо ҳамчун омилҳои калидӣ барои таъмини баробарии иҷтимоӣ ва ҷомеаи боадолат маънидод мешаванд.

Ба ҳамин тариқ, масъалаи баробарӣ ва адолат яке аз мавзуъҳои мубрами фалсафаи калом ба шумор меравад, ки бардошт аз онҳо дар ташаккули шартҳои муқаррар кардани қоидаю қонуният дар муҳити иҷтимоӣ, ҳамзамон робитаи байни ахлоқ ва қонун нақши арзишмандро бозида, биниш ва дониши инсонҳоро дар бораи баробарӣ, озодӣ, адолат ва меъёрҳои он возеҳу фарох мегардонад. Бояд таъкид намуд, ки дар таълимоти

---

[115] Абумансур Муҳаммад ибни Муҳаммади Мотуридии Самарқандӣ. Панднома [Матн] / М.Абумансур. – Теҳрон: Фарҳанги Эронзамин. - Теҳрон, 1349. – С. 1.

мазкур ҷанбаи ахлоқӣ, динӣ, фалсафӣ ва сиёсии талошҳои ба ҷомеаи ормонӣ расидан афзалият пайдо карда, мутафаккирони ин давра ба хосияти амалӣ доштани идеяҳояшон дар бораи баробарию адолат боварии комил доштанд.

## §2.3 Проблемаи адолатӣ иҷтимоӣ ва баробарӣ дар таълимоти исмоилия

Исмоилия яке аз ҷараёнҳои асримиёнагист, ки дар таълимоти он андешаҳо перомуни баробарии иҷтимоӣ, адолати иҷтимоӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ дар маъноҳои динӣ ва фалсафӣ вуҷуд доранд. Аз нигоҳи муҳаққиқон, исмоилиён "барои ба амал баровардани орзуҳои асринаи меҳнаткашон оид ба адолати иҷтимоӣ мубориза мебурданд. Чунон ки маълум аст, исмоилия ягона ҷараёни идеявию сиёсии Шарқи исломии асримиёнагӣ буд, ки назариётчиёни он мекӯшиданд бо омма равобит пайдо намуда, ба воситаи фалсафа ва илм онҳоро маърифатнок кунанд, ки тариқи мазкур аз тариқи аксари мутафаккирон, ҳатто мутафаккирони пешқадам, ки бо синфҳои ҳукмрон, халифаҳо, амирон ва дигар ҳокимиятдорон алоқа доштанд, фарқ мекард."[116]

Яке аз чунин мутафаккирони маъруфи исмоилия Носири Хусрав (1004-1088) ба шумор меравад. Барои ин шоир адолат "бузургтарин деҳиши парвардигор аст, ки ба инсонҳо дар офариниши онҳо ато шудааст"[117]. Проблемаи баробарии иҷтимоӣ дар ашъори мутафаккир ба ҳамин пояи динии адолати саросарии илоҳӣ такя карда, бештар дар шакли панд ва ғояҳо оид ба некию бадӣ намоён мегардад. Идеяҳои ӯ оид ба адолат, баробарӣ, озодии инсон ва ҳуқуқҳои табиӣ дар асарҳои "Зод-ул-мусофирин", "Сафарнома", "Ҷомеъ-ул-ҳикматайн", инчунин дар "Девони ашъор"-и мутафаккир баён шудаанд.

Аз нигоҳи академик Кароматулло Олимов, "Носири Хусрав бо давлати фотимиён робитаи зич дошт ва ақидаи онҳоро пазируфта, барои таблиғу тарвиҷи он кӯшиши зиёд ба харҷ дод"[118]. Файласуф дар хусуси вазъи сиёсию фарҳангии кишвараш ва ҷомеаи он, ки дар тасарруфи ҳокимони бегона буд, маълумоти зиёде додааст. Ҳаёти Носири Хусрав пурмашаққат ва душвор гузаштааст ва воқеияти замон нишон медиҳад, ки олам ҳеҷ гоҳе ба коми ин шоир нагаштааст. Худи ӯ ба ин ҳолат ишора мекунад:

---

[116] Додихудоев, Х. Исмоилия ва озодандешии Шарқ [Матн] / Х.Додихудоев. – Душанбе: Ирфон, 1989. – С. 19.

[117] Шарифов, Х. Рози ҷаҳон [Матн] / Х.Шарифов. – Душанбе: Бухоро, 2016. – С.213.

[118] Носири, Хусрав. Ҷомеъ-ул-ҳикматайн [Матн] / Х.Носир. – Душанбе: ЭР-граф, 2011. – С.5.

Озурда кард каждуми ғурбат ҷигар маро,

Гӯӣ забун наёф зи гетӣ магар маро.[119]

Носири Хусрав мисли Форобӣ дар хусуси сохторҳои давлатию усули давлатдорӣ ва шарҳи кишвари ормонӣ ба шакли муназзам ва системанок ҳарф нагуфта бошад ҳам, аммо дар асарҳои гуногуни ӯ аз масъалаҳои ҷомеашиносӣ, тарзи муносиботи аъзои ҷомеа бо ҳамдигар, ахлоқи мардум, тарзу усулҳои ба камол расонидани нафси онҳо, дар асоси принсипҳои ахлоқӣ ва бунёд намудани ҷомеаи боадолат идеяҳо дарёфтан мумкин аст. Андешаҳои шоир перомуни баробарӣ ва адолат бо маънои фалсафӣ, динӣ ва ҳуқуқӣ баён шудаанд. Ӯ баробарию адолати иҷтимоиро ҳамчун натиҷаи хирад ва маърифати ҷамъият арзёбӣ мекунад. Адолатро инсонҳо ба ҳукми хирад аз беадолатӣ ҷудо мекунанд. Беадолатиҳо сабаби нобаробариҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ мегарданд. Шинохти адолат натиҷаи хирад ва маърифати ҷамъиятист. Вақте дар ҷомеа инсонҳо ба илм рӯй наоранд, онгоҳ бунёди ҷомеаи боадолат мушкил мегардад. Ин ақидаашро идома дода, шоир менависад:

Не, не ки чарху даҳр надонанд, қадри фазл,

Ин гуфта буд гоҳи ҷавонӣ падар маро.[120]

Аз таълимоти мутафаккир бармеояд, ки инсонҳо нисбат ба илму хирад ба таври бояду шояд таваҷҷуҳ намекунанд. Аз ҷониби дигар, талабот ва ниёзҳои инсон нисбат ба илм дар ҳамаи замонҳо якранг буда наметавонанд. Ин гуна муносибат сабаби беадолатиҳои ҷамъиятӣ мешавад. Вақте илм нест, адолат чӣ гуна метавонад ҷомеаро фаро гирад? Барои мутафаккир илм ва маънавиёт муҳаррики адолати иҷтимоӣ мебошанд. Тибқи таълимоти ӯ нахустин зинаҳои адолати иҷтимоӣ ва баробарҳуқуқии ҷамъиятӣ аз рушди илму маърифат ибтидо мегиранд.

Дар таҳлили проблемаҳои иҷтимоӣ Носири Хусрав "илмро неруи тавонои тарбияи одаму одамият шумурда, ба хотири ҳамин матлаб ҳатто аз

[119] Носири, Хусрав. Девони ашъор. Рӯшноинома, Саодатнома [Матн] / Хусрав Н. – Душанбе: Шуҷоиён, 2009. – С. 44.
[120] Ҳамон ҷо. – С.55.

дин ҳам фақат ғояҳои суннатӣ не, балки ҳар гоҳ мазмуни сареҳи ҳаётӣ, индунёӣ меҷуст ва таълимоти ҳуманистиашро саршор аз он мегардонд”[121].

Илм, аз нигоҳи Носири Хусрав, ҳамчун қувваи ҳаракатдиҳандаи ҳаёти инсонҳо барои дигаргун сохтани тарзи ҳаёти иҷтимоӣ ва бунёди адолат хидмат мекунад:

Адл бунёди ҷаҳон аст, бияндеш, ки адл

Ҷуз ба ҳукми хирад аз ҷавр ба ҳукми кӣ ҷудост?

Хирад аст он, ки чу мардум сипаси ӯ биравад,

Гар гуҳар рӯяд дар зери пояш хок сазост.[122]

Мутафаккир моҳияти таърихро дарки адолат мефаҳмад. Барои ӯ ҳастии инсонро танҳо адолат таъмин мекунад. Адолат ҳамчун диалектикаи ҳаёт маънидод мешавад, аммо пеш аз он, ки инсонҳо боадолат ва баробар зиндагӣ кунанд, онҳо бояд ақлу фаросат ва хираду тафаккури солим дошта бошанд. Ҷаҳонбиние, ки характери догматикӣ дорад, наметавонад, принсипҳои адолатро таъмин кунад. Дар баробари ин, барои расидан ба баробарию ҷомеаи боадолат Носири Хусрав инсонҳоро пеш аз ҳама ба роҳи ростӣ, некӣ, меҳнатдӯстӣ ва даст кашидан аз зулму истисмори мардум ҳидоят менамояд. Шоир дар ин мавзуъ менависад:

Ба роҳи ростону некон рав,

Ки ҷаҳон пурхасону ашрор аст.

Дод кун, к-аз ситам ба ранҷ расӣ,

Дар ҷаҳон ин сухан падидор аст.

Ҷуз зи бедодӣ табъ бар табъе

Нест тимори ҳар кӣ бемор аст.

Ҳар кӣ н-озорадат маёзораш,

Ки беҳини беҳон камозор аст.

Бадкуниш бад ба ҷои хеш кунад,

Ҳам бар ӯ феъли зишти ӯ мор аст.

---

[121] Арабзода, Н. Носири Хусрав: Тадқиқи назариёти фалсафӣ [Матн] / Н.Арабзода. – Душанбе: Маориф, 1991. – С.35

[122] Носири, Хусрав. Девон[Матн] / Хусрав Н. – Теҳрон. Бо тасҳеҳи Муҷтибо Минавӣ ва Маҳдии Муҳаққиқ – Теҳрон, 1370. – С.21.

Кори фардо ба адл хоҳад буд,

Гарчи имрӯз кор бовор аст.[123]

Дар афкори Носири Хусрав мавҷудияти адолати иҷтимоӣ, ки пояи устуворӣ ва пешравии ҷамъият аст, дар тамоми давраҳо барои халқу миллатҳо амри зарур ва муҳим арзёбӣ мегардад. Бояд эътироф кард, ки бидуни сохтани ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмии мукаммал, бидуни якранг намудани қалбу забон, ростафтории ҷамъиятӣ  инкишофи адолату баробарӣ дар ҷомеа ғайриимкон аст. Аз андешаҳои боло хулоса баровардан мумкин аст, ки барои Носири Хусрав падидаи некӣ танҳо ҷанбаи тарбиявӣ надошта, балки хусусияти иҷтимоӣ дорад. Некӣ риояи имкониятҳои баробариро нигоҳ медорад, онро бояд дар маънои васеи фалсафӣ фаҳмид.

Авзои сиёсӣ ва иқтисодии замони Носири Хусрав мураккаб ва пурпечутоб буд. Нобаробариҳои иҷтимоӣ, беадолатиҳо ва ноором иҳои замон дар ашъори ӯ инъикоси хешро ёфтаанд:

Куҷо бошад маҳал озодагонро дар чунин вақте,

Ки бар ҳар гоҳеву тахте нишаста миру мавлое.

Набинӣ бар гаҳи шоҳӣ магар ғаддору бебоке,

Наёбӣ бар сари минбар магар зарроқу конное,

Яҷузу лояҷуз асташ ҳама фиқҳ аз ҷаҳон, лекин

Саро яксар зи моли вақф гаштасташ чу ҷавзое. [124]

Бояд хотирнишон кард, ки дар ин аҳд, “яъне асри XI мелодӣ дар сарзамини Хуросон муносибатҳои нимфеодалию нимбардагӣ ҳукмрон буд. Фармонфармоёни он рӯзгор дарбориён, аъёну ашроф дар дасти худ қудрати номаҳдуд доштанд. Онҳо мардумро дар зери султаи худ даровар да, бераҳмона истисмор мекарданд ва аз ин раҳгузар зиндагии худро таъмин менамуданд”.[125] Маҳз ба ҳамин сабаб, Носири Хусрав ягона роҳи наҷоти инсонҳоро аз ин буҳрони сиёсӣ ва нобаробариҳои иҷтимоӣ дар омӯзиши илм

---

[123] Носири, Хусрав ибни Ҳорис ал-Қубодиёнӣ ал-Балхӣ ал-Марвазӣ. Девон [Матн] / Хусрав Н. Танзим ва намунахонӣ ва назорат: Ҷаҳонгири Мансур: Муассисаи интишороти Нигоҳ, 1375.- С.123

[124] Носири, Хусрав. Девони ашъор [Матн] / Хусрав Н. – Теҳрон, 1957. – С.458

[125] Саркоров, Н. Зиндагинома ва эҷодиёти Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ [Матн] / Н.Саркоров. - Душанбе: Эр-граф, 2018.- С. 6.

ва маърифатнок гардонидани мардум мебинад. Идоракунандагон барои он, ки боадолат бошанд, бояд аз илму дин ва ахлоқи инсонӣ бохабар гарданд. Набудани баробарию адолат маҳз бо сабаби нарасидани дониш, хирад ва ҷаҳонбинии комили сиёсӣ дар сиёсатмадорони замон сар мезанад. Мо дар инҷо мебинем, ки яке аз масъалаҳои асосии таълимоти Носири Хусравро ғояи адолати иҷтимоӣ ва баробарии сиёсӣ ташкил медиҳад. Истисмори инсонҳо, рақобату зиддиятҳои носолим ва беқадрии илму маънавиёт яке аз сабабҳои бухрони адолат дар замони шоир маънидод мегардад. Дар чунин раванд шакл гирифтании шуури ҷамъиятиро мутафаккир аз беэътиборӣ ва қобилияти шинохт надоштани идоракунандагони давр мебинад.

Бо вуҷуди монеаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии замон Носири Хусрав барои офаридани ғояҳои ватандӯстӣ кӯшишҳо намудааст. Дар ин самт овардани чунин андешаҳои донишманди эронӣ Муҳаммадалӣ Исмоилии Нудушанро бамаврид медонем: “Ҳеҷ чиз ҷуз ақида ва фикраш барои ӯ муҳим нест: танҳо бо неруи руҳ зиндагӣ мекунад, бар баландии Юмгон чун уқоби танҳо аст; шикастабол ва аз ҳама ҷо рондашуда: чун ба Хуросон нигоҳ мекунад, моломол аз душман мебинад, зеро авом низ, ки тан ба ҷаҳл ва зулм медиҳанд, кам аз душман нестанд... Аммо ӯ дар ин кӯҳсор, бо ҳамаи дармондагӣ худро подшоҳе мебинад аз ҳама подшоҳи замон тавонтар, чи дар нафси худ ба равшанбинӣ расидааст ва чизҳое медонад, ки дигарон намедонанд, агарчи дар табъид ва муҳосира аст, аз ҳама озодиҳо озодтар аст, зеро озодиро дар иқлими руҳ ба даст оварда”.[126]

Озодии ҳақиқӣ, ки барои дар амал татбиқ намудани баробарию адолат хидмат менамояд, дар таълимоти исмоилия ва, хосатан, дар афкори Носири Хусрав аз озодии руҳ сарчашма мегирад. Чунин озодӣ берун аз ахлоқ вуҷуд надорад. Озодӣ дар ҳама гуна масъалаҳои иҷтимоӣ бояд аз рӯйи принсипҳои ахлоқ сурат гирад. Инсон ҳамчун ягона мавҷуди соҳибшуур тавонмандӣ ва қобилияти имконияти истифода намудани ҳуқуқҳои фитриро дорад. Носири Хусрав дар ин замина мекӯшад, ки бо офаридани ғояҳо маҳдудиятҳои

---

[126] Нудушан, Муҳаммадалӣ. Пайванди фикр ва шеър дар назди Носири Хусрав [Матн] / Муҳаммадалӣ Н. – Маҳшад, 1976.- С.37.

иҷтимоии замони худро ошкор кунад. Лекин бо сабаби маҳдудияти озодии афкор наметавонад, ки идеяҳояшро перомуни баробарию адолати иҷтимоӣ ошкоро баён кунад. Проблемаи адолатро мутафаккир дар таносуб бо мафҳумҳои  некӣ ва бадӣ таҳлил, муқоиса ва хулосабарорӣ мекунад. Некӣ намудан ба инсонҳо адолат фаҳмида мешавад, зеро "дод кардан дар муқобили ситам қарор дорад. Дод ба маънои аз ситам даст кашидан аст. Ситам бадиро ҳам ба худ дорад ва ба ту ранҷ меорад".[127]

Воқеияти ин идея дар он аст, ки бадӣ хислати қафобарандагӣ дорад. Инсонҳои бад наметавонанд, барои рушди ҷомеа мусоидат кунанд. Аз ин рӯ, инсонҳоро тавре бояд тарбия кард, ки ба неруҳои некӣ такя кунанд. Дар ҳамин замина ақидаҳои мутафаккирро таҳлил намуда, Р. Назариев менависад: "Умри инсон тулонӣ нест ва дар ихтиёри ӯ ҳама гуна манофеи табиӣ ва руҳонӣ қарор дорад, ки истифода аз онҳо амри зарурат аст. Ба таъбири дигар, инсон бо камоли ҷисмаш имкон дорад василаи ба даст овардани он неъматҳои дунёро чунон дарёбад, "то ҳалол бошад", зеро ӯ соҳиби ақл аст, ки он "гавҳари ӯст" ва тавассути он "ихтиёри некӯ кунад ва аз зиштӣ дур бошад" ва "некӯкорро дӯст дорад ва аз бадкирдор бигурезад"[128].

Барои Носири Хусрав дар самти ихтиёри "роҳи дуруст" ва "нодуруст" шахсият иродаи озод дорад. Ба назари ӯ, ниҳоди дин бар мисоли ниҳоди дунёст ва, аз ин рӯ, тамоми ҳаёти мардум низ ба ду шакл аст – динӣ ва дунявӣ. Дар баробари ин, доир ба масъалаи имкони мавҷудияти баробарии иқтисодӣ миёни мардум муҳокима ронда, мутафаккир онро ботил мешуморад, зеро "агар чунон шавад, ки ҳеҷ кас фармони кас накунад, ҳар касеро кори хеш бояд кардан. Ва чу ҳама ҳамвор шаванд, ҳама ранҷа шаванд ва ҳеҷ кас мар ҳеҷ касро кӯзаи об надиҳад. Ва агар чунин бувад, ҳамаи мардум чун сутурон шаванд ва андар ин ранҷагии ҳамаи халқ бошад, на роҳати ҳамаи халқ"[129]. Аз чунин ақидаҳои файласуф бармеояд, ки созандаи тақдир табиат набуда, балки худи инсон аст. Инсонҳо эҷодгари ҳаёти худ

---

[127] Шарифов, Х. Рози ҷаҳон [Матн] / Х.Шарифов. – Душанбе: Бухоро, 2016. – С.214.

[128] Назариев, Р. Носири Хусрав: дирӯз, имрӯз, фардо (Дин ва дунёи инсон аз нигоҳи Носири Хусрав) [Матн] / Р.Назариев. – Хуҷанд: Ношир, 2005. – С.56

[129] Носири, Хусрав. Ҷомеъ-ул-ҳикматайн. Куллиёт [Матн] / Х.Носир. – Душанбе, 1991. – С.118.

маҳсуб ёфта, онҳо шароитҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиашонро вобаста ба меҳнати ақлонӣ ва ҷисмонӣ ва, мутаносибан, баробарии худро бо дигарон бунёд мекунанд.

Носири Хусрав адолатхоҳӣ, парҳезкорӣ, шикастани нафс, рушди руҳ, ростӣ ва илмпарастиро асари ақл медонад, ақл дар навбати худ офтоби дил асту аз ӯ зиё меёбад. Дар тамоми самтҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ инсон бо ақли худ шароити зиндагиашро муайян месозад. Мутафаккир дар асоси ғояҳои таълимоти исмоилия ва фармудаҳои Қуръони маҷиду ҳадисҳои паёмбари ислом ба ҷустуҷӯи ҳадафи ниҳоии ҷомеа ва ҳар фард мепардозад, ки ба як чиз нигаронида шудааст, ки он адолат, ростӣ ва ҳақиқат аст. Адолатро шоир, қабл аз ҳама, дар барқарории робитаи инсон бо худи инсон, яъне нафси ӯ медид, ки, бе шакку тардид, дорои ҷанбаи ҳаётию амалӣ буда, дар занҷири иртиботот ҳалқаи зарурии таъмини ҳамоҳангии кайҳону табиат ва инсон мебошад. Дар мантиқи андешаҳои Носири Хусрав ҷузъиёти муҳимми муқобилистӣ ва зиддият нишон додан бар нафси худ афзалият касб кардаанд. Маҳз падидаҳои дар боло зикрнамуда, ки бар ҷаҳонбинӣ ва маънавиёт асос ёфтаанд, барои шаклгирии адолати иҷтимоӣ ва баробарии иҷтимоӣ мусоидат менамоянд. Аз ин рӯ, ҳисси адолат ва баробарӣ натиҷаи олии худшиносии ҷамъиятӣ аст. Маҳз ба ҳамин хотир, мубориза дар роҳи чунин падидаҳои нодир аз арзишмандтарин ва пуриқтидортарин амали ҳаётан муҳимми инсон дар тули таърих ба шумор меравад.

Носири Хусрав дар ин замина муътақид бар он аст, ки инсонҳо натиҷаи муҳити иҷтимоӣ не, балки вобаста аз истеъдод ва ақлу хирад мебошанд. Ақлу хирад ба инсонҳо имконият медиҳанд, ки қурбони нафси хеш нагарданд. Бояд эътироф кард, ки ақлу хирад заминаи рушди илм ва ҳаёти иҷтимоӣ гардида, нобаробариҳои ҷамъиятиро бартараф месозанд. Имрӯз метавонем намунаи чунин ҳолатро дар кишварҳои мутараққии олам бубинем, ки рушди илм ва техника дар масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, гендерӣ ва ғайраҳо имкониятҳои баробариро фароҳам овардаанд. Таъкид намудан бамаврид аст, ки барои мутафаккир ташаккули ҷаҳонбинӣ дар маҷмуъ ин сохтани ҳаёти амалии ҷамъият аст. Пешрафти адолат аз ҷаҳонбинии ҷамъиятӣ вобастагии

қавӣ дорад. Он маҷмуи дидгоҳи одамон нисбат ба муҳити иҷтимоӣ – проблемаҳои шуур ва равони ҷомеа буда, аз овони хурдсолӣ шакл мегирад. Он характери диалектикӣ ва догматикӣ дошта метавонад. Аз ин рӯ, сифати ҳаёти инсон дар алоқамандӣ бо афкору андеша ва ҷаҳонбинӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Дар баробари ин, барои ташаккули адолат мутафаккир рушди ҷаҳонбинӣ, худшиносӣ, ғояи некӣ, ғалаба кардан бар нафсу шаҳват ва дигар омилҳоро хотиррасон мекунад, ки онҳо ҳам характери субъективӣ ва ҳам хусусияти объективӣ доранд. То кадом андоза дар ҷомеа баробарию адолат барқарор бошад, то ҳамон андоза ин аз рушди ҷаҳонбинии ҷамъиятӣ гувоҳӣ медиҳад.

Бояд таъкид намуд, ки Носири Хусрав масъалаҳои баробарию адолатро моҳиятан аз нигоҳи динӣ баҳогузорӣ менамояд:

Гармию сарди туро ҳарду мисол аст аз ситам,

З-он ҳаме ҳар як ҷаҳонро з-ин ду нозебо кунад.

Мар ситамгарро набинӣ, к-эзиди одил ҳаме,

Гоҳ ваъда оташи сӯзону гаҳ сармо кунад.[130]

Дар ин росто мутафаккир “ба масъалаи эътибори иҷтимоии инсон, ки некию бадӣ аз он бармеояд, аз мавқеи доройӣ назар дорад. Дар ҳақиқат муносибат ва таносуби табақоти инсонҳоро мақоми сиёсӣ ва сарвату дороии онҳо маълум мекунад ва ҳардуи онҳо вазъи иҷтимоиро нигоҳ медоранд”.[131]

Дар бораи эътироф ва ҳифзи баробарӣ ва адолат дар таълимоти Носири Хусрав андешаҳои зиёде мавҷуданд, ки барои коркарди дигар мавзуъҳои иҷтимоӣ ҳамчун принсипҳои асосӣ замина мегузоранд. Бо дарназардошти ин ҳаёти инсон дар заминаи воқеӣ гардидани принсипҳои адолат дигаргун мегардад. Шарти муҳимми мавҷудияти инсонро фаъолияти меҳнати маънавӣ ва модии ӯ ташкил медиҳад. Бинобар ин, Носири Хусрав бузургии инсонҳоро танҳо дар молу сарват ва дастовардҳои моддӣ

[130] Носири, Хусрав ибни Ҳорис ал-Қубодиёнӣ ал-Балхӣ ал-Марвазӣ. Девон [Матн] / Хусрав Н. Танзим ва намунахонӣ ва назорат: Ҷаҳонгири Мансур: Муассисаи интишороти Нигоҳ, 1375.- С.187.

[131] Шарифов, Х. Рози ҷаҳон. [Матн] / Х.Шарифов. – Душанбе: Бухоро, 2016. – С.226.

намебинад. Ин гуна фаҳмиш танҳо сабабгори нобаробариҳои иҷтимоӣ мегардад.

Инъикоси нобаробариҳои иҷтимоии замонро дар ашъори Носири Хусрав ба таври возеҳ эҳсос кардан мумкин аст. Норозигии ӯ аз муҳити иҷтимоӣ ва рафтори ҷамъият баёнгари онанд, ки инсонҳо дар он замон ба бештари принсипҳои адолат эҳтиром намегузоштанд. Суистифода аз қудрат намудани сарварони сиёсӣ, маҳдудияти шуури ҷамъиятӣ ва равони ҷамъиятӣ яке аз омилҳои поймол гардидани ҳуқуқҳои табиии инсонҳо буданд. Шоир бо дарназардошти ҳуқуқҳои табиӣ моликияти хусусиро инкор намекунад, вале моликияти инсонро ӯ натиҷаи ақл меҳисобад. Ӯ, аз ҷумла, мегӯяд: "Ва ҳар киро мол аст, мар ӯро андар ҷисмонӣ пойгаҳи ақл аст. Ва чун аз касе моли ӯ ситаданд, ӯ дарвеш гашт ва ҳоли ӯ баробари ҳоли иблис шуд. Пас тавонгарро дарвеш гардонидан монанд аст бад-он ки мар биҳиштиро дӯзахӣ гардонидан ва ин ба сӯи ақл нописандида аст... Ва ҳар кӣ хостаи касон ситондан ба ноҳақ раво дорад, заволи манзалати Имом раво дошта бошад, ки хостадор ба ҳақиқат Имом аст"[132].

Аз ин нуқтаи назар хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки Носири Хусрав тақсими ноодилонаи моликиятро беадолатӣ мефаҳмад. Нобаробарии молӣ ин табиӣ мебошад. Ҳадафи мутафаккир танҳо бо роҳи дуруст сарватманд шудани инсонҳо аст. Барои ӯ инсонҳо табиатан ҳуқуқ ба моликият доранд. Дарвеш сохтани дигарон ва ситонидани ҳаққи мардум яке аз бадтарин принсипҳои беадолатии ҷамъиятӣ аст. Таъкид намудан муҳим аст, ки барои мутафаккир баробарӣ ҳамчун кафили адолати иҷтимоӣ баромад мекунад. Агар дар ҷомеа нобаробариҳо ва рақобатҳои носолим зиёд бошанд, илм ва истеҳсолот низ рушд карда наметавонанд. Ҳамаи инсонҳо бояд имконияти соҳиб будан ба моликиятро дошта бошанд. Ба ҳамин маъно ҳадафи Носири Хусрав истисмор накардани меҳнати инсон аст. Чунин амал хосияти кори беинсофон ва суистифода аз мансаб намудани сарварони замони ӯ буд, зеро "Нобаробарӣ аз ситами бевосита мерӯяд"[133] .

---

[132] Носири, Хусрав. Куллиёт. [Матн] / Хусрав Н. Ҷилди 1. – Душанбе, Ирфон, 1991.- С.295.
[133] Шарифов, Х. Рози ҷаҳон [Матн] / Х.Шарифов. – Душанбе: Бухоро, 2016. – С.226.

Дар ҳамин замина бояд зикр намуд, ки мутафаккир “илмро на чун воситае барои дафъи малоли хотир, балки бештар роҳи дигар сохтани амалияи ҳаётӣ қадр мекунад. Бо тавофут аз намояндагони мактаби дигар (машшоия), ки нақшаҳои идеалии мадинаи фозиларо месохтанд, Носири Хусрав ҷои чунин амалияро дар наздикӣ ҷустан бо амалияи динӣ ва иҷтимоӣ медид, ки дар он замон то андозае мувофиқи матлаб буд”[134].

Илму маърифат, касбу ҳунар, хирадпарастӣ ва ақлгароӣ ҳамеша ҷанбаи муҳимме дар ҷараёни ташаккулёбии ҳаёту фаъолияти ҷомеаи инсонӣ буда, натиҷаи он расидан ба баробарии иҷтимоӣ ва адолати иҷтимоӣ мебошад. Хотирнишон бояд кард, ки маҳз омӯзиши натиҷаҳои ҷустуҷӯҳои фикрии Носири Хусрав заминаи муҳимме барои дарки вижагиҳои манзараи ҳаёти ҷамъиятии марҳалаҳои рушди ҷомеаи инсонӣ, аз ҷумла, дар ҷодаи татбиқи адолат ва баробарии иҷтимоӣ имконият фароҳам меоранд. Дар робита бо ин, дар ҷараёни ҳаракати таърих, вобаста ба ифодашавии манфиатҳои табақаҳои иҷтимоӣ дар заминаи дигаргуншавии сохти ҷомеа баробарии иҷтимоӣ низ гуногун тафсир мегардид. Дар баробари ин, муҳимтарин ва асоситарин мавзуи гуфтугӯ дар тули таърихи афкори иҷтимоӣ ва фалсафаи сиёсӣ масъалаи баробарии иҷтимоӣ ба шумор меравад. Мавҷудияти тасаввуроти гуногун дар бораи баробарии иҷтимоӣ, кӯшиши шинохти он бо усулҳои гуногун аз номукаммалии дониши инсон дар бораи баробарӣ шаҳодат медиҳад. Ҳодисаҳое, ки дар таърих рух медиҳанд, инсонҳоро водор мекунанд, то дар бораи баробарӣ ва адолат андеша ронанд. Маҳз ба ҳамин хотир, беадолатиҳое, ки дар ҳаёти мутафаккир рух додаанд, ӯро водор карданд, ки андешаҳояшро перомуни масъалаҳои умдатарини иҷтимоӣ ва сиёсӣ баён намояд.

Тавассути омӯзиши масъалаҳои иҷтимоӣ дар таълимоти Носири Хусрав паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти амалиро амиқтар ошкор кардан мумкин аст, зеро ҳама равандҳо ва падидаҳои сиёсӣ, аз нигоҳи мутафаккир, маънои аслии худро танҳо тавассути фаъолияти инсон зоҳир мекунанд. Дар андешаҳои

---

[134] Ҷонбобоев, С. Носири Хусрав: дирӯз, имрӯз, фардо.[Матн] / С.Ҷонбобоев. – Хуҷанд: Ношир, 2005. – С.262.

Носири Хусрав баробарию адолат маҳсули ҳаёти амалӣ буда, он дар назарияҳо ва ақидаҳо баён мегардад ва барои идораи инсон ва ҷомеа матраҳ мешавад. Тибқи ҷаҳонбинии Носири Хусрав адолат аз ахлоқ ва ахлоқ аз адолат умуман ҷудо вуҷуд дошта наметавонад. Мушоҳида намудани он душвор нест, ки дар осори иҷтимоии мутафаккирони пешгузаштаамон, ки хосатан ба Афлотун ва Арасту такя намудаанд, мабдаи ҳаракати ҷомеа аз маърифат, ахлоқ ва эҳсоси адолатхоҳии инсонҳо вобастагии бузург дорад.

Носири Хусрав шахсияти дорои тафаккури бою ғанӣ буд, ки дар таҳкими афкори иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ахлоқ андешаҳои ҷолиб ва ғояҳои бунёдӣ пешниҳод намудааст. Агар ба умқи андешаи мутафаккир ворид гардем, хоҳем дид, ки доираи маълумоту дониш, ҷаҳонфаҳмию ҷаҳонбинии ӯ хеле васеъ буда, таълифоти мутафаккир маҷмуае аз хазинаи ғояҳои пешқадами умумиинсонию умумимазҳабӣ, ҷавҳари фалсафаи иҷтимоию ахлоқӣ ба шумор мераванд. Мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар таълимоти Носири Хусрав ахлоқ низ яке аз воситаҳои асосии рушди адолат ва баробарии иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Зарурати ахлоқ ва дарки ғояҳои ахлоқӣ барои мутафаккир дар он аст, ки миллат мисли руҳ мебошад ва натиҷаи чунин ғояҳо ибтидои бунёди баробарию ҷомеаи боадолат аст. Аз нигоҳи мутафаккир, ахлоқ маҳсули худшиносии фардӣ буда, ҳар як ҷомеаи қадршинос ба он бояд рӯй оварад. Дар ин самт яке аз вазифаҳои асосии инсон дар роҳи камолоти маънавӣ аз тобеъ намудани қувваҳои шаҳвонӣ ва ғазабӣ ба қувваи оқила иборат аст.

Дар таълимоти Носири Хусрав ахлоқ ҳатто яке омилҳои калидӣ барои шинохти худ ва Худованд маънидод карда мешавад. Дар ҳолати шинохти Худо инсон метавонад ба камоли маънавӣ расида, барои саодати худу ҷомеа хидмат намояд. Агар неруҳои нафсонӣ ва ғазабию шаҳвонии инсонҳо мутеи ақлу заковат набошанд, пас онҳо Худоро шинохта наметавонанд ва қурбони нафси хеш гашта, манфиати худро аз манфиатҳои ҷомеа боло мегузоранд. Агар мардум танҳо ба иҷрои манфиатҳои худхоҳона гузаранд, дар натиҷа онҳо озодии маънавӣ ва иҷтимоиро аз даст дода, ба истисмори якдигар ва маҳви баробарӣ даст мезананд.

Носири Хусрав ҳамчун мутафаккири гуманисти замони худ дар муносибатҳои иҷтимоӣ ҷой доштани нобаробарӣ, беадолатӣ, зулму ситам, кинаю душманиро маҳкуму мазаммат карда, фазилатҳои неки инсонӣ, баробарии иҷтимоӣ, адолатхоҳӣ, ҳақиқатпарастӣ, накӯкорӣ, эҳтироми инсон ва дигар сифатҳои ҳамидаи одамиро ташвиқу тарғиб намудааст. Ин мутафаккири шаҳир бо идеяҳои пешқадами худ ба рушду нумуи минбаъдаи афкори ҷамъиятию сиёсии мамлакатҳои Шарқи исломӣ таъсири арзишманд расонидааст.

Аз нуқтаи назари фалсафаи сиёсӣ метавон хулоса намуд, ки баробарию адолат дар таълимоти Носири Хусрав ба мисли занҷире ҳастанд, ки халқҳоро бо ҳам пайваст месозанд, одамонро бо якдигар пайваста, умумияти ормониеро зоҳир месозанд, ки дар дохили он ҳастии инсон ва ҷомеа метавонад ташаккул ва такомул ёбад. Адолату баробарӣ худи ҳамон ҷавҳари инсоние мебошанд, ки бе онҳо муносибати одамон ҳеҷ гоҳ наметавонад ба худ хусусияти инсонӣ ва ҷамъиятӣ гирад. Адолату баробарӣ барои мутафаккир ҳамчун заминаи арзишманди ҳамзистии одамон дар ҷомеа буда, ягонагии фардӣ ва коллективии онҳоро дар ҳаёт таъмин месозанд.

Ҳамзамон, Носири Хусрав хеле хуб мефаҳмид, ки адолати иҷтимоӣ на танҳо тавассути ахлоқ, балки ба воситаи расму оинҳо, анъанаҳо, дин, ҳуқуқ ва муносибатҳои сиёсӣ ҳифз карда мешавад. Аз ин рӯ, малака, маҳорат, шаклҳои фаъолияти инсон ва сифатҳои ахлоқӣ низ бо он вобаста мебошанд. Умуман, ахлоқ дар андешаҳои мутафаккир ҳамчун ченаку меъёри ҳукмронии инсон бар худ, нишондиҳандаи он аст, ки инсон то чӣ андоза дорои масъулиятҳои хос аст. Он гунае, ки дидем, ахлоқ дар таълимоти Носири Хусрав ба воситаи ақли шахс ба вуҷуд меояд ва ба андешаву ҷаҳони ботинӣ ва фитрати ӯ робитаи мутақобила дорад. Маҳз ба ҳамин хотир, ахлоқ дар андешаҳои мутафаккир инсонро ба ҳаракатдиҳанда ва созандаи ҷомеа табдил медиҳад ва мардумро ба сӯи адолат ҳидоят менамояд. Рафтори боадолатона, аз нигоҳи Носири Хусрав, шакли ахлоқӣ дошта, кирдори касоне мебошад, ки бо якдигар муносибати фикрӣ, эътиқодӣ ва баробар доранд. Аслан, адолат зодаи ҷамъияти инсонӣ буда, маънои баробарии иҷтимоиро дар худ

меғунҷонад. Барои мутафаккир адолати иҷтимоӣ офаридаи мардум буда, василаи таъминкунандаи таҳкими манфиатҳо ва амалкарди инсонҳо мебошад. Ақидаҳои иҷтимоие, ки Носири Хусрав дар ин самт пешниҳод кардааст, барои дарки муносибатҳои одилонаи ҷамъиятӣ, барои фаҳмиш ва дигаргун сохтани ҳаёти амалӣ ва идроки қоидаҳои ахлоқиву ҳуқуқие, ки ҳаёти ҷамъиятӣ ба онҳо такя менамояд, инчунин мақсади расидан ба ҳадафи волои ахлоқӣ, ба баробарию адолати иҷтимоӣ хидмат менамоянд.

Андешаҳои Носири Хусрав перомуни баробарию нобаробарӣ характери фалсафӣ ва динӣ доранд. Барои мутафаккир ҳама инсонҳо дар назди Худованд баробар мебошанд. Инсонҳоро набояд аз лиҳози иқтисодӣ баҳо дод, зеро нобаробарии иқтисодӣ табиӣ маънидод карда мешавад. Гарчанде ки мақоми инсонҳоро дар ҷомеа вазъи иқтисодиашон маълум созад ҳам, он набояд арзиши одамонро аз ҳамдигар баландтар гардонад. Аз ин рӯ, барои Носири Хусрав Худованд бунёдгузори адолати ҷаҳонӣ мебошад, зеро аз аввал барои ҳама имконияти баробариро додааст. Дар ин мавзуъ шоир менависад:

Забонат доду дилу гӯшу чашм ҳамчу амир,
Нишони адли худой, эй писар, дар ин ниам аст.
Кунӣ писанд, ки бе чашму гӯш биншинӣ,
Бо ҷойи он ки худованди мулкати Аҷам аст.
Ба ҷони он ки халқ бар омад падид адли Худой,
На бар тану дираму мол, к-он ҳама санам аст.
Агар писанд наояд туро, бидон к-ин адл,
Ҳазор бор накӯтар зи тахту мулки Ҷам аст.
Агар наёфт хатар бехатар магар ба дирам,
Дуруст шуд, ки хирад бартару беҳ аз дирам аст.[135]

Носири Хусрав инҷо сифатҳои шахсиятро аз ҳар гуна моликият боло медонад. Сарватмандиву камбизоатӣ танҳо дар муносибатҳои иқтисодӣ набуда, балки маънавиёт ва хирад мояи асосии зиндагии инсонҳо маънидод

---
[135] Носири, Хусрав. Девон [Матн] / Х.Носир. – Теҳрон: интишороти донишгоҳи Теҳрон, 1370.- С.407.

карда мешаванд. Адолати иҷтимоӣ меъёре мебошад, ки амалу рафтори иҷтимоӣ ва ахлоқии инсонҳоро дар муҳити зисташон вобаста аз хиради ҷамъиятӣ нишон медиҳад. Баробар офарида шудани инсонҳо дар имкониятҳои ҳамзистӣ, аз нигоҳи мутафаккир, ин меъёри асосии адолат мебошад. Дар баробари ин, Носири Хусрав ба монанди Сино мусовишавии шароитҳои иқтисодиро дар танзими ҳаёти ҷамъиятӣ ғайриимкон маънидод мекунад. Ҳадафи ниҳоии ҳамгуна омӯзиш ва рушди инсонҳо ин барқарор намудани ҷомеаи боадолат мебошад. Дар ин замина илм, маърифат ва хиради ҷамъиятӣ купруки асосӣ барои ноил гардидан ба адолат аст. Вақте сифатҳои маънавии ҷомеа хароб бошанд, дар чунин ҷомеа ноадолатиҳо, нобаробариҳо ва ноозодӣ ҳукмронӣ мекунанд. Адолат ва баробарӣ ҳамчун зуҳуроти ҷамъиятӣ падидаи маҳдуд буда наметавонанд. Онҳо дар системаи идеалии бемайлони ҳаракати таърих аз вазъи ҷомеа, рушди он ва ҳаёти амалӣ дарак медиҳанд. Барои фаҳмонидани тавоноии ақлу хирад, ҷаҳонбинию ҷаҳоншиносӣ ва баробарию адолат мутафаккир раванди тасмимгирии одамони замони худро шарҳ медиҳад. Ӯ таъкид мекунад, ки рушди мафҳумҳои адолат ва баробарӣ дар асоси донистани моҳияти ҳаёти иҷтимоӣ шакл мегирад. Инсон, аз нигоҳи мутафаккир, на танҳо маҳсули ваъзияти таърихӣ, балки асосгузори он аст.

Ба ҳамин тариқ, дар афкори иҷтимоии таълимоти исмоилиён ва, хосатан, дар идеяҳои Носири Хусрав мебинем, ки адолати иҷтимоӣ ба яке аз мавзуъҳои марказӣ табдил ёфтааст. Таҳлилу баррасии сарчашмаҳои таърихӣ ва илмӣ, ҳамчунин таълифоту андешаҳои мутафаккир нишон медиҳанд, ки ӯ на танҳо ҳамчун шоир, балки ба сифати олими барҷаста дар таърихи фалсафа нақши бузург гузоштааст. Дар андешаҳои Носири Хусрав масъалаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ахлоқие ба чашм мерасанд, ки аз моҳияти илм дар даврони ӯ реша мегиранд. Воқеан, пайвастагии амиқи андешаҳои мутафаккир ва хусусияти системавӣ доштани таълимоти ӯ яке аз сифатҳои муҳимми эҷодиёти мутафаккир ба ҳисоб меравад. Ба фаъолияти илмӣ ва афкори иҷтимоии файласуф, қабл аз ҳама, шароити таърихӣ ва сиёсии асру даврони зиндагии ӯ таъсири амиқ гузошта аст.

Дар асоси гуфтаҳои дар боло зикргардида ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки масъалаи адолат ва баробарии иҷтимоӣ аз мавзуъҳои муҳимми фалсафаи исмоилия ба шумор меравад. Барои рушд ва таъмини адолат нақш ва мақоми имоми замон аз нигоҳи исмоилиён бесобиқа мебошад. Инсонҳо барои ба даст овардани неъматҳои ҷамъиятӣ бояд баробар имконият дошта бошанд. Парҳезкорӣ, шикастани нафс, ғалаба бар хислатҳои эгоистӣ, дӯст доштани меҳан, такя бар илму хирад яке аз омилҳои калидӣ барои ҷомеаи боадолат маънидод мешаванд. Лекин аз нигоҳи Носири Хусрав инсон наметавонад мутлақ принсипҳои ахлоқро риоя кунад, ӯ нисбӣ амал мекунад. Бояд таъкид намуд, ки таълимоти мутафаккир дар бораи адолат ва баробарӣ заминаи ташаккули минбаъдаи тасаввуроти мутафаккирони дигар дар бораи падидаҳои номбаршуда гардидааст, агарчи бо вуҷуди маҳдудиятҳои муҳити иҷтимоӣ мутафаккир натавонистааст, ки андешаҳояшро перомуни адолат пурра ба таври ошкоро баён кунад. Аз ин рӯ, бо вуҷуди чунин норасоиҳо, ки бо сабаби замон ва макон дар андешаҳои мутафаккир ба мушоҳида мерасанд, таълимоти иҷтимоии ӯ сазовори таҳқиқу омӯзиши минбаъда мебошад.

## §2.4 Идеяи баробарии инсонҳо дар тасаввуф ва таълимоти ахлоқӣ

Мусаллам аст, ки вобаста аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ ва ҷаҳонбинӣ шинохти баробарӣ гуногун буда, бо мурури замон ва бо гузашти таърихи инсоният идеяҳои мухталиф оид ба баробарии иҷтимоӣ ташаккул ва нумуъ ёфта, ҷойгузини ҳам мешаванд. Бояд эътироф намуд, ки дар аввал шаклҳои мухталифи идеяҳои баробарӣ характери ормонӣ дошта, бо рушди таърих аз утопия ба илм мубаддал гаштаанд. Мубориза миёни идея ва идеалҳо заминаи ба воқеият наздик шудани таълимот дар бораи баробарии иҷтимоӣ гардидаст. Бо вуҷуди ин, бояд зикр намуд, ки на ҳама идея, идеал ва идеалогияҳо ба шароити ҳаёти инсонӣ наздик мебошанд. Дар баробари ин, таълимоте, ки характери ахлоқӣ доштанд, дар ҳамаи замонҳо кӯшиши беҳтар сохтани шароити ҳаёти инсонро мекарданд. Ҳамзамон, таърихи навтарин исбот намуд, ки ҳар гуна муборизаҳои сиёсӣ, идеологӣ, синфӣ дар ниҳояти кор ин расидан ба озодии иқтисодӣ мебошад.

Дар таърихи фалсафаи тоҷик дар асари пурарзиши “Насиҳатнома”, ки дорои андешаҳои фалсафӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ буда, машҳур бо номи “Қобуснома” гардидааст, ба Унсурулмаолии Кайковус (1021-1098) мансуб аст, ки дар он баъзе андешаҳо оид ба баробарии иҷтимоӣ баён гардидаанд. Мувофиқи таълимоти Кайковус, ахлоқ ягона унсури таъминкунандаи адолат ва баробарии иҷтимоӣ аст, зеро шахсияти инсонҳо аз пояҳои ахлоқи суннатӣ бунёд мешавад. Ахлоқ ба хотири расидан ба саодати абадӣ ва таъмини адолат дар ин ҷаҳон мебошад.

Идеяи асосии Кайковус некӯкорӣ аст, ки он моҳияти хислатҳои инсонро ташкил медиҳад. Рӯ овардан ба некӯкорӣ на ба хотири қаҳрамонӣ ва шуҳратпарастӣ, балки болотар аз он, расидан ба мартабаи инсонӣ мебошад. “Қобуснома”, чунонки муҳаққиқон зикр кардаанд, “асосан, асарест дар бораи ташаккулу инкишофи шахсияти муҳимми иҷтимоӣ ва он омилҳои асосие, ки ба ҷараёни камолоти ӯ таъсир мегузоранд”[136].

[136] Ятимов, С. Асарҳо. Ҷ.4.Унсурулмаолии Кайковус дар бораи хирад [Матн] / С.Ятимов. – Душанбе, 2019. – С.7.

Кайковус бо идеяҳои худ дар бораи некӯкорӣ аз тинати инсон нобуд кардани қувваҳои бадиро мехоҳад. Аз ин рӯ, ӯ чунин тарбияи некхоҳонаро аз кӯдакӣ, навҷавонӣ ва ҷавонии инсонҳо оғоз намуданро пешниҳод мекунад. Аз нигоҳи мо, некӣ идеяи абадӣ буда, ҳеҷ як андешаи дигар монанди он одамонро ба ҳамдигар наздик намесозад. Андеша дар бораи некӣ ба некӣ ва андеша дар бораи бадӣ ба бадӣ мебарад. Барои дастёбӣ ба ин, нахуст инсонҳо бояд тафаккур, тасаввур, хислат, ҷаҳонбинӣ, олами ботинӣ, ақида ва дигар муҳимтарин арзишҳояшонро рушд диҳанд. Барои рушд додани ин арзишҳо одамон ба як таълимоти ҷиддӣ ниёз доранд. Ҳамаи одамон мувофиқи ахлоқ ва ақлашон амал мекунанд, аммо баъзан ба иштибоҳ даст мезананд. Хатогиҳои онҳо аз нарасидани таҷриба ва аз тасаввуроти носолим сарчашма мегиранд. Хатогиҳо хусусияти зиёдшавӣ ва бозтакроршавиро доранд. Аз ин рӯ, танҳо одамони солимтарбия аз гузашаи пурифтихор ва ё ноком метавонанд, ки ибрат гиранд.

Тибқи мантиқи таълимоти Кайковус "таърих аз инсон ҷудо нест ва инсон аст, ки таърихро месозад. Ӯ бо ҷуръату далерии беназир аҳкоми олии динӣ-мазҳабиро дар хизмати инсон мегузорад. Вай ҷавонмардона, бо шоистагӣ аҳкоми мазҳабиро тафсиру таъбир намуда, онҳоро бо манфиатҳои инҷаҳонӣ, бо суду манфиати ҳазрати инсон созгор мекунад"[137]. Худи Кайковус дар ин мавзуъ навиштааст: "пас то битвонӣ аз некӣ кардан маёсой ва худро ба накӯкорӣ ба мардумон намой ва чун намудӣ ба хилофи намуда мабош ва ба забон дигаре магӯй ва ба дил дигар мадор, то гандумнамои ҷавфурӯш набошӣ. Ва андар ҳама корҳо дод аз худ бидеҳ, ки ҳар кӣ дод аз хештан бидиҳад, аз довари мустағнӣ бошад".[138]

Ҷомеаи боадолат бошад, аз нигоҳи мутафаккир, ба некӣ такя намуда, он чунин ҷомеаест, ки дар он рафтор бо гуфтор баробар меояд. Яке аз сабабҳои пешрафти кишварҳои рушдкарда маҳз дар ҳамин аст. Дар чунин ҷомеа инсонҳо новобаста аз иқтидори маънавӣ ва моддӣ дар баробари ҳам ба эҳтиром ва эътибор сазовор мебошанд. Аз ин лиҳоз, баробарбинӣ натиҷаи

[137] Ятимов, С. Асарҳо.Ҷ.4.Унсурулмаолии Кайковус дар бораи хирад [Матн] / С.Ятимов. – Душанбе, 2019. – С.8.
[138] Унсурулмаолӣ, К. Насиҳатнома [Матн] / К.Унсурулмаолӣ. - Душанбе, 1968. – С.12.

идеяи некӣ мебошад, ки ба зиндагӣ умед мебахшад. Кайковус, пеш аз ҳама, мехоҳад, ки инсонҳо қобилияти шинохтани ҳамдигарро дошта бошанд ва дар ин маврид ӯ мегӯяд: “аммо нодонро мардум мадон ва донои беҳунарро мардуми доно машумар ва парҳезкори бедонишро зоҳид мадон ва бо мардуми нодон ҳамсуҳбат магир, хоса бо нодоне, ки пиндорад, ки доност ва бар ҷаҳл хурсанд”.[139]

Аз нигоҳи Кайковус, барои дуруст шинохтани одамон зарур аст, ки инсон дониш ва истеъдоди баланд дошта бошад, зеро мумкин аст, ки бо сабаби таҷрибаи ҳаётӣ надоштан, инсонҳои бадахлоқро нексиришт пиндорад ва, баръакс, нобиғагонро девона ҳисобанд. Ҳар он чизе, ки дар асоси дониш таҳлил намешавад, дурӯғи маҳз буда, адолату баробариро халалдор месозад.

Дарвоқеъ, ҳамаи инсонҳо дар ботини худ қобилияти худсозӣ доранд, аммо бештари онҳо инро дарк намекунанд. Сабаби чунин нашинохтани ҳақиқат ба заифии шуур ва ҷаҳонбинии инсонҳо вобаста аст. Инсонҳо дар мавридҳои зиёд ба зоҳири фард нигариста, ба шахсияти он баҳо мегузоранд. Одамоне, ки бо нигоҳи зоҳирӣ ба ҷаҳони ботинӣ баҳо медиҳанд, иштибоҳи бузург мекунанд. Инсон бояд ҳақро аз дурӯғ, некро аз бад, хирадмандро аз ҷоҳил, паҳрезкорро аз зиштсор, адлро аз беадолатӣ ҷудо карда тавонад. Аз ин рӯ, аз андешаҳои Кайковус ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки бояд сиёсатмадорон ва идоракунандагон барои расидан ба адолат қобилияти инсоншиносӣ дошта бошанд. Дар ин замина “Кайковус ҷонибдори ин андеша аст, ки шахсони мансабдор бояд на танҳо дорои қобилияти ҷисмонии корбарӣ, балки дорои сифатҳои чашмгири касбиву ахлоқӣ низ бошанд”[140].

Дар баробари ин, агар дар ҷомеа идоракунандагони соҳибистеъдод ҳукмронӣ намоянд, баробарии иҷтимоӣ барқарор мешавад, зеро онҳо ба рушди қобилияти дигарон сабаб мешаванд. Рушди шуури инсонҳо аз муҳити онҳо вобастагӣ дорад. Ташаббус барои таъмини адолат низ маҳз аз мавҷудияти одамони эҷодкор сар мезанад.

[139] Унсурулмаолӣ, К. Насиҳатнома [Матн] / К.Унсурулмаолӣ. - Душанбе, 1968. - С.15.
[140] Ятимов, С. Асарҳо.Ҷ.4.Унсурулмаолии Кайковус дар бораи хирад [Матн] / С.Ятимов. – Душанбе, 2019. – С.49.

Барои Кайковус омили аз ҳама асосии бунёди ҷомеаи боадолат аз байн бурдани бесаводии умум мебошад, зеро бесаводӣ боиси сар задани беадолатиҳо, нобаробариҳо, ҷангҳо ва дигар бадбахтиҳои куллӣ мегардад. Фаҳмидани он мушкил нест, ки барои одамони бемаърифат ва беадолат на мутафаккири нобиға, на шахсияти некӯкор, на инсони ахлоқӣ будани дигарон аҳаммияте надорад. Аз ин рӯ, Кайковус решаҳои сустмаърифатиро амиқ омӯхта, роҳҳои наҷот аз онро ба инсонҳо тавсия медиҳад. Ба назари мутафаккир нахустсабаби нобаробариҳои иҷтимоӣ заифии қобилияти шинохт ва маърифати омма мебошад. Муборизаи асосии инсон дар ҳаёт аз шинохт ва рушд додани дониш ва ҳисси адолатхоҳӣ иборат мебошад.

Масъалаи мубрами дигар, ки дар таълимоти Кайковус бо мавзуи баробарию адолат рабт дорад, чӣ гуна "ҷамъ кардани мол" ва дар кадом роҳ сарф кардани он мебошад. Мутафаккир дар ин бора менависад: "Эй писар, дар ҷамъ кардани мол ва фароз овардани чиз ғофил мабош, лекин аз ҷиҳати мол хештан мухотира макун ва ҷаҳд кун, то ҳар чӣ фароз овардӣ аз некӯтарин ваҷҳе бошад, то бар ту гуворанда бошад ва чун фароз оварӣ, онро нигоҳ дор, то ба ҳар ботилӣ аз даст надиҳӣ, ки нигоҳ доштан сахттар аз фароз овардан бошад".[141]

Андешаҳои иқтисодии Кайковус сазовори омӯзиш ва таҳқиқ мебошанд. Ин андешаҳои ӯ дар бораи қонеъ кардани талабот бо роҳҳои иқтисодӣ, чӣ гуна идора кардани мол ва зиёд намудани он мебошанд. Дар ҳолати татбиқ шудани принсипҳои зикршуда, ҳаёти инсонҳо дигаргун шуда, натиҷаҳои судмандро барои таъмини адолату баробарӣ ба миён меоранд. Идора карда тавонистани мол ва зиёд кардани он боиси қонеъ гардидани талаботи моддӣ мешавад ва инсон бечуну чаро хусусияти созандагиро соҳиб мегардад. Инсон бо истифода аз захираҳои зеҳнӣ ва ақлонӣ неъматҳои табиат атокардаро истифода мебарад. Истифодаи оқилонаи неъматҳо бошад, аз одамон қобилият ва дониши молиявиро талаб мекунад.

Меҳнатро Кайковус асоси рушди мол ва зиёд кардани он мефаҳмад. Барои ӯ, инсонҳо молу сарваташонро дар кадом роҳ сарф месозанд, хеле

[141] Унсурулмаолӣ, К. Насиҳатнома [Матн] / К.Унсурулмаолӣ К. - Душанбе, 1968. – С.55.

муҳим мебошад. Ҳамзамон, аз нигоҳи мо, инсонҳои зиёд дар мавриди ҷамъ кардан ва сарф намудани сарват ба эҳсосот дода мешаванд. Онро як маротиба пайдо намуда, боз зуд аз даст медиҳанд. Барои рушди сарват инсонҳо бояд аввалан тафаккур худро сарватманд созанд. Бо қашшоқии ақл сарватманд шудан ғайриимкон мебошад. Одамони аз лиҳози маънавӣ камбизоат сарватро дар роҳи ботил истифода мебаранд. Барои ин гурӯҳ одамон сарват танҳо худқонеъсозии талаботҳои бепоён мешавад. Чунин одамон наметавонанд эҳсонкорӣ намоянд, ба дигарон кӯмак расонанд ва адлу баробариро барқарор созанд.

Кайковус ба таври образнок, вале хеле ояндабинона менависад: "ва сахт доштан воҷиб дон, ки ҳар ки андак моя нигоҳ надорад, бисёр ҳам надонад нигаҳ доштан ва кори хеш беҳ дон аз кори касон ва аз коҳилӣ нанг дор, ки коҳилӣ шогирди бадбахтӣ аст".[142]

Аксарияти инсонҳо, аз нигоҳи Кайковус, аз он сабаб камбизоат боқӣ мемонанд, ки сарвати андакро идора карда наметавонанд. Дар ҳолати каме хуб гардидани шароити иқтисодии худ онҳо ба коҳилӣ роҳ медиҳанд. Агар одамон ба мол эҳтиромкорона ва зиракона муносибат нанамоянд, ҳеҷ гоҳ сарватманд намешаванд. Моликияти шахсӣ доштанро Кайковус қонуни асосии зиндагӣ мефаҳмад ва, аз диди ӯ, то он даме, ки одамон доираи андешаҳои иқтисодиашонро устувор насозанд, ҳаёти минбаъдаашонро ба тавре, ки мехоҳанд, нахоҳанд дид. Ҷомеа сохтори шахшудамондаи иҷтимоӣ нест ва инсон ҳар чӣ қадар аз коҳилӣ раҳои ёбад, то ҳамон андоза майл ба хушбахтӣ мекунад ва дар чунин ҷомеа адлу инсоф ва баробарӣ пойдор мегардад.

Кайковус мехоҳад, ки одамон боадолатона ва оромона ҳаёт ба сар баранд, аз бенавоӣ наҷот ёбанд ва шоистаи сарватмандӣ бошанд. Бо ин мақсад инсонҳо бояд коҳилиро ба заҳмат иваз намоянд. Созандагони ҷомеа худи одамонанд, ки байни ҳам муносибатҳои гуногун доранд ва дар ин самт андешаи тозаи пешниҳодкардаи мутафаккир оид ба рушди мол ин бартарафнамоии коҳилии одамон мебошад. Агар муносибати инсонҳо дар

---

[142] Унсурулмаолӣ, К. Насиҳатнома [Матн] / К.Унсурулмаолӣ. - Душанбе, 1968. – С. 55.

маркази худшиносӣ қарор гирад, онгоҳ ҳаёти иҷтимоиашон тайғир меёбад. Инсонҳо бе мол зиндагӣ карда наметавонанд ва тавассути шароити иқтисодӣ ба ҳам вобастагӣ доранд. Оид ба чунин муносибатҳо таърихи ақлонии инсоният гувоҳӣ медиҳад, аз ин рӯ, муваффақиятҳои моддӣ, одатан, ҳамчун натиҷаи меҳнати пайвастаи инсон ва сабаби адолати иҷтимоӣ фаҳмида мешаванд.

Аз рӯзҳои аввали зиндагӣ шахсияти инсонҳо дар дохили муносибатҳои иқтисодӣ ташаккул меёбад. Дар ин маврид шахс наметавонад, ки муҳим будани шароитҳои моддиро фаромӯш созад. Инсони заҳматкаше, ки Кайковус тасвир менамояд, дар комёбӣ ва нокомии молии худ танҳо худро сабабгор медонад. Чунин шахс талаботашро тавассути қобилияти кордонӣ қонеъ мегардонад. Дар шинохти муносибатҳои молӣ ва роҳи рушди он, камолоти маънавии инсонҳо зарур мебошад. Ҳамаи одамон торафт бештар дар раванди маърифатнокӣ аз уҳдаи идоракунии ҳаёти иқтисодияшон мебароянд. Моликият дар ҳаёти одамон ҳамчун омили асосии ташаккулдиҳанда аст, рафти воқеаҳои ҳаётӣ нишон медиҳад, ки одамон роҳи ҷамъ кардани сарватро меомӯзанд, аммо чӣ гуна зиёд кардани онро намедонанд, ки барои барқарории адолат халал мерасонад.

Барои рушди фарҳанги иқтисодии инсонҳо низ андешаҳои Кайковус нақши муҳим доранд. Аммо ҳар кас аз таҷрибаҳои ҳаётиаш хулоса мебарорад ва вобаста ба он соҳиби моликият мегардад. Андешаҳои иқтисодии мутафаккир қобилияти инкишоф, дигаргуншавӣ ва хусусияти зиндагисоз доранд. Чунин ақидаҳо ҳаёти дигар одамонро низ фаро мегиранд. Мақсади ниҳоӣ на расидан ба моликият ва шуҳрат аст, балки болотар аз он, бо чунин моликият некӯкорӣ карда тавонистан ва дасти бепарасторонро гирифтан мебошад. Дар ин ҷо мақсади асосии Кайковус ба некӯкорӣ водор кардани дигарон аст, зеро маҳз бо ҳамин роҳ ахлоқ, адолат ва баробарӣ ба даст меоянд.

Ақидаҳои Кайковус ба арзишҳои моддӣ ва ҳуқуқҳои табиие дахл доранд, ки онҳоро тақсим намуда, бо ҳам истифода намудан мумкин аст. Баробарии иҷтимоӣ бо чунин роҳ метавонад инкишоф ёбад ва ҳаёти

одамонро дигаргун созад. Инсонҳо одатан майли он доранд, ки новобаста бо кадом роҳ бошад ҳам, молиякияти бештарро ба даст оранд ва ин амалро мутафаккир эътироф надорад. Усулҳои фикркронии одамон гуногун аст, вале идеяи некӯкорӣ намудан бояд дар ботини ҳамаи онҳо баробар ташаккул ёбад. Чунин аст як шарти муҳимми адолату баробарии инсонҳо.

Кайковус хушбахтии одамонро танҳо аз моликияти зиёд вобаста намедонад, аммо танқисии иқтисодиро низ намехоҳад. Инсонҳо ҳамеша дар ҳолатҳои нокомӣ, бадбахтӣ, нотавониашон ба дигарон ниёзманд мешаванд. Аз ин рӯ, хислати инсонҳои комил ин аст, ки дар чунин лаҳзаҳои ҳассос ба ҳаёти дигарон бетавофут набошанд. Некӯкорӣ имкон медиҳад, ки инсонҳо ҳастии арзанда доштани худро эҳсос намоянд ва бо чунин роҳ ба номи абадӣ сазовор гарданд. Ин ҳиссиёти некхоҳиро одамон бояд аз вуҷуди худ дур насозанд ва ҷои онро ба худхоҳӣ насупоранд, ки он решаҳои адолатро хароб месозад.

Кайковус инчунин мегӯяд: “ва бад-он чи дорӣ, қонеъ бош, ки қаноат дуввум бениёзӣ аст ва ҳар он рӯзӣ, ки қисмати туст, ба ту расад”.[143] Аз ин бармеояд, ки роҳи ягонаи осоиши руҳии инсонҳо ин ба чизи дар даст доштаашон қонеъ шудан ва ё барои рушди он роҳҳои нав ҷустуҷӯ кардан мебошад. Сарвати одамонро ба сарнавишташон вобаста маънидод намуда, дар ин масъала мутафаккир ба таълимоти динӣ мегузарад ва қайд мекунад, ки пеш аз тавлидшавии тифл ризқи ӯ дар пистони модар ато мешавад. Агар кӯшишҳои минбаъда ба дигаргуншавии зиндагӣ сабаб нашаванд, онгоҳ қаноат ва боварӣ ба сарнавишт зарур дониста мешавад.

Одамон аз лаҳзаи таваллуд талаботи моддӣ дошта, барои зиндамонӣ мубориза мебаранд. Қаноат намудан ҳаётро дар назари инсонҳо зебо месозад ва тавассути ин зиндагӣ ба худ маъно мегирад. Қаноат боиси он мешавад, ки одамон монеаҳои ноаёнро дарк мекунанд ва худро инсони ноком намеҳисобанд. Ҳангоми нобаробариҳои иҷтимоӣ одамон руҳшикаста мегарданд. Аз ин рӯ, ба идеяи қаноат ва сарнавишт рӯ овардани Кайковус як

---

[143] Унсурулмаолӣ, К. Насиҳатнома [Матн] / К.Унсурулмаолӣ. - Душанбе, 1968. – С.56.

ҷавоби психологӣ ба саволҳои одамон дар ин масъала аст, зеро ҳар гуна нобаробарии иҷтимоӣ ба шуури одамон таъсири манфӣ мерасонад.

Инсонҳо набояд аз сабаби маҳдудиятҳои молиявӣ ба эҳсосот дода шуда, аз сарнавишт норозӣ шаванд, зеро ҳисси норизоӣ аз ҷомеа сарнавишти инсонро дигаргун намесозад, балки фард бояд дар маҳдудиятҳои молиаш зеҳни худро гунаҳгор намояд. Дар муқобили ҳар гуна нобаробариҳо истодагарӣ намудан барои таъмини баробарии иҷтимоӣ хидмат мекунад.

Қаноатмандӣ дар таълимоти Кайковус боиси ба мартабаи баланди маънавӣ расидани инсонҳо эътироф шудааст. Тағйири муҳити ҷамъиятӣ ё ноилшавӣ ба фазои устувор бояд дар ботини одамон эҳё шавад. Ба назари мутафаккир, эҳсоси баробарӣ аз қаноатмандӣ сарчашма мегирад. Ҳар як инсони қаноатпеша ба ҳуқуқ ва имконияти дигарон эҳтиром мегузорад, ҳаёти идеалиро ба ҳамаи инсонҳо мехоҳад ва, агар худро сазовори чизе ҳисобад, дигаронро низ ба он сазовор медонад. Ин андешаи Кайковус асоси адолатро дар ҷомеаи инсонӣ ва баробарии аъзои онро ташкил медиҳад.

Дар заминаи таҳлилҳои воқеӣ Кайковус мегӯяд: "ва ҳар он коре, ки аз сухани накӯ ва шафоати мардумон рост шавад, мол ба он кор сарф макун, то дирҳами ту ба хира зоеъ нашавад, ки мардуми бечизро ҳеҷ қадр набошад ва бидон, ки мардумони омма ҳама тавонгарро дӯст доранд бе нафъе ва ҳама дарвешонро душман доранд бе зараре. Ва бадтарин ҳоли мардум ниёзмандӣ аст ва ҳар хислат, ки мадҳи тавонгарон аст, ҳамон хислат накӯҳиши дарвешон аст".[144] Аз назари мутафаккир, ба одамоне, ки аз лиҳози ақлонӣ солим мебошанд, набояд маблағ дод. Моли худро сарфи рӯзгори дигарон намудан кори бехирадон аст. Дороиро бахшоиши беҳуда маҳдуд мекунад. Манзури Кайковус худхоҳ будан нест, балки сохтани ҳаёти фардӣ аст, ки яке аз нишонаҳои адолат мебошад.

Кайковус мақсадҳои ниҳоии сарватмандиро хеле оқилона дарк намудааст. Ӯ қобилияти ба одамон кӯмак карданро дар ёрӣ расонидан ба маънавиёти онҳо мебинад. Инсонҳо наметавонанд, ки таъмини моддии

---

[144] Унсурулмаолӣ, К. Насиҳатнома [Матн] / К.Унсурулмаолӣ. - Душанбе, 1968. – С.56.

дигаронро ба уҳда бигиранд, чунин амал боиси коҳилшавии гурӯҳи одамони дигар мегардад, ки адолатро вайрон мекунад.

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки Кайковус ба он таваҷҷуҳи махсус менамояд, ба сарватмандон ва камбизоатон нигоҳи баробар надоштани инсонҳо аст. Сарватманд ба касе маблағ намедиҳад, аммо ҳамаи одамон ӯро дӯст медоранд, эҳтиром менамоянд, хушомад мезананд. Аммо камбизоатон аз ҳеҷ кас маблағ намегиранд, барои беҳ шудани зиндагиашон ёрӣ намепурсанд, лекин инсонҳо ба онҳо ба таври бояду шояд эҳтиром намегузоранд ва онҳоро дӯст намедоранд, яъне ҳеҷ гоҳ одамон дӯсти дарвеш будан намехоҳанд. Ҳеҷ кас ниёзмандро инсон намеҳисобад ва ҳамеша нисбат ба чунин одамон беадолатона муносибат менамояд. Кайковус чунин хислатро хоси табиати инсон мефаҳмад. Аз ин рӯ, инсон олами худро бояд ҳамон тавре созад, ки ба дигарон кӯмак расонад. Аз ин андешаҳои мутафаккир ба хулоса омадан мумкин аст, ки одамон табиатан ба ҳама баробар нигоҳ карда наметавонанд, ки як омили халалрасони баробарии иҷтимоӣ дар ҷомеа мебошад.

Таърих гувоҳ аст, ки инсон бо сабаби сарват ва арзишҳои истеҳсолӣ доштанаш, соҳиби мансаб ва мартаба гардиданаш, ҳамеша аз дигарон болотар қарор дорад. Чунин ҳолат дар ҳама замонҳо ҳамин тавр сурат гирифтааст, аммо маҳдудияти назари Кайковус дар он аст, ки сабабҳо ва моҳияти нобаробарбинии инсонҳоро кушода намедиҳад, аммо ба дараҷаи одамони доро расиданро зарур мешуморад.

Кайковус аз он сабаб камбизоатонро бо сарватмандон баробар намеҳисобад, ки дар сохтори фикрӣ ва зеҳнии онон тавофутҳои зиёд мебинад. Одамони камбизоат бо сабаби худшиносӣ ва маънавиёти баланд надоштанашон дар сатҳи қашшоқӣ қарор доранд. Онҳо чун дарвешон андеша доранд ва барои ба ҳаёти арзанда гузаштан кӯшиш намекунанд. Ҳамаи ҳаракатҳои онон бехирадона ва эҳсосотӣ мебошанд. Аммо сарватмандон дар ҷомеа фаъолияти амалӣ ва ақлонӣ мебаранд. Сабабҳои қашшоқиро ҷустуҷӯ карда, мутафаккир менависад: "Ва ҳар офатеро сабабе аст. Сабаби факр исроф дон ва на ҳама исроф дар харҷ ва нафақот бувад, дар

хӯрдан ва кардан ва гуфтан ва дар ҳар шуғле, ки бошӣ, исроф набояд кардан, аз баҳри он, ки исроф танро бикоҳад ва нафсро биранҷонад ва ақлро пажмиронад ва зиндаро бимиронад".[145]

Инсонҳо дар ҳаёташон бо сабабҳои сустии ақл ва ахлоқашон ба исроф даст мезананд. Одамон барои он камбизоат мешаванд, ки вақти худ ва моли худро идора карда наметавонанд. Қадр накардани мол ва вақт боиси аз даст додани сарват мегардад. Моликияти зиёд одамони сустиродаро бадахлоқ месозад, ба танпарастӣ мебарад ва ӯ ба харидани чизҳои нолозим мегузарад, танҳо ба хӯрдану хобидан майл мекунад, чунки тарзи сарф кардани онро намедонад. Ин ҳама ба нобаробарӣ дар ҷомеа сабабгор мешавад.

Маҳз ба ҳамин хотир, Кайковус дар таълимоташ рушд додани шуури инсонҳоро баррасӣ месозад. Тақвияти азму ирода барои сарватмандшавӣ бояд дар ниҳоди одамон эҳё шавад. Вазифаи асосии одамон дар ҷомеа аз нигоҳ доштан ва такмил додани дониш ва таҷрибаи воқеӣ мебошад. Маҳз маҳдудиятҳои зеҳнӣ ва ботинӣ одамонро ноком мегардонанд ва мақсади онҳоро номуайян месозанд. Вазифаи асосии инсонҳо дар ҳама ҳолатҳои ҳаёт аз сарфаву саришта карда тавонистани моликияти шахсӣ иборат мебошад. Сарфи назар аз он, ки ҳамаи одамон ба иштибоҳ роҳ медиҳанд, набояд аз мақсадҳои бузургашон даст кашанд. Онҳо бояд ба ҳаёт воқеъбинона назар кунанд, аз болои маҳдудиятҳояшон кор кунанд ва онҳоро қотеъона бартараф созанд.

Дар инҷо ба хулосае расидан имкон дорад, ки ба инсон санъати банақшагирии корҳо лозим мебошад. Инсонҳо дар сарфи моликияташон бояд аз рӯи принсипҳои муайян амал намоянд. Ба нақша нагирифтани моликияти худ ин беэътиборӣ нисбат ба тақдири хеш фаҳмида мешавад. Аз ин рӯ, Кайковус мехоҳад, ки инсонҳо фаъолияти хешро ба система дароранд, дар кадом сатҳ қарор доранд ва дар оянда чӣ метавонанд иҷро кунанд, бояд донанд, то баробар бо дигарон зиндагӣ кунанд.

Бо муборизаи гурӯҳи муайян наметавон натиҷаи дилхоҳ гирифт, зеро ҳаракати асосӣ ба воситаи қувваи зиёд судманд мешавад. Танҳо кӯшиши

[145] Унсурулмаолӣ, К. Насиҳатнома [Матн] / К.Унсурулмаолӣ. - Душанбе, 1968. – С.56.

ҳамаи одамон барои беҳтаршавии зиндагӣ ба баробарии иҷтимоӣ сабаб мешавад. Баробарии иҷтимоӣ ин раванди ба мувофиқа омадани одамон дар муносибатҳои иқтисодӣ ва иштирок дар идоракунии сиёсӣ мебошад.

Кайковус бо баёни фикрҳои иқтисодии худ бо тарзи хосе ба фаҳмиши идеяи адолат мерасад. Ӯ менависад: "дар ҷамъ кардани чизе тақсир макун, ки таносонӣ дар ранҷ аст ва ранҷ дар таносонӣ, чунон, ки осоиши имрӯз ранҷи фардо бошад ва ранҷи имрӯз осоиши фардо бувад ва ҳар чи он чӣ он ба ранҷ ва беранҷ ба даст ояд, ҷаҳд кун, то аз дираме ду донг (пули кам - А.С.) харҷи хонаи хеш кунӣ ва азони аёли хеш, ва муҳтоҷ бошӣ, беш аз ин ба кор мабар ва чун аз ин рӯй донг ба кор биравад, ду донги дигар захира неҳ ва ёд макун ва аз баҳри ворисон бигузор ва боқӣ сарфи хонадон кун..."[146].

Ба ҳамин тарз, мутафаккир сармоягузорӣ, ранҷ, меҳнат ва ояндабиниро сабаби хушбахтии оилавӣ ва рушди баробарии иҷтимоӣ маънидод мекунад. Барои ояндаи худ ва фарзандон захира намудан фаъолияти асосии инсонҳо бояд бошад. Инсон барои сарнавишти худ ва наздикон масъул мебошад ва инро ҳаргиз бояд фаромӯш насозад. Маишату сафо руҳболидагии лаҳзавӣ аст, оромиши ҷон ва таъмини адолат дар ранҷ ва покизакорист.

Фаҳмидани он мушкил нест, ки инсонҳо барои захираҳои молӣ кӯшиш мекунанд, аммо иддае аз онон тавассути макру фиреб ба сарват ноил мешаванд. Баъзе одамон роҳи осонтарини расидан ба ҳадафҳои сарватмандшавиро меҷӯянд. Дар ҳолатҳои пайдо накардани чунин роҳ ба ҳаёти худ ва дигарон хатар эҷод мекунанд. Аввалан, пеш аз ба даст овардани сарват инсон бояд мақсади ҳаётро дуруст дарк намояд ва барои чӣ сарватманд шудан мехоҳад, бояд донад. Зеро маҳз ҳангоми танқисӣ дар шароитҳои иқтисодӣ одамон ба андеша оид ба адолат ва баробарӣ рӯ ба рӯ мешаванд.

Баробарии иҷтимоиро муносибатҳои сиёсӣ таъмин мекунанд. Эътимоди инсонҳо ба давлат шарти асосии баробарии иҷтимоӣ мебошад. Дар навбати худ давлат халқро бояд ҳамчун неруи бузург шиносад ва ба одамон

[146] Унсурулмаолӣ, К. Насиҳатнома [Матн] / К.Унсурулмаолӣ. - Душанбе, 1968. – С.57.

имкониятҳои баробар фароҳам созад. Кӯшишу иродаи умум барои дар роҳи хотима додани ҳар гуна нобаробарӣ ба бунёди сулҳ ва баробарии иҷтимоӣ сабаб мешавад. Аз таълимоти Кайковус дар ин мавзуъ бармеояд, ки ҷомеаи боадолат натиҷаи азму ирода, хоҳиш ва рағбат, муҳаббат ва якдилӣ, илм ва дониш, донистан ва фаҳмидан, ахлоқ ва маънавиёт, қаноатмандӣ ва некӯкорӣ ва дигар арзишҳои инсонӣ мебошад.

Тавре, ки мушоҳида мегардад, проблемаи баробарии инсонҳо дар таълимоти Кайковус мақом ва ҷойгоҳи арзишмандро соҳиб аст. Хирадпарастӣ, такя ба ҷаҳонбинии илмӣ, ахлоқ ва шикасти худпарастӣ барои ӯ яке аз омилҳои калидӣ барои ноил шудан ба ҷомеаи боадолат ва баробарии иҷтимоӣ фаҳмида мешаванд. Баробарии иҷтимоӣ дар маънои васеи назариявӣ мавриди эътибори Кайковус қарор дошта, андешаҳои худро дар ин мавзуъ ӯ ҷумлапардозиҳои хушку холии фалсафӣ надониста, ба амалишавии идеяҳои хеш боварӣ дорад.

Яке аз симоҳои барҷастаи дигари таълимоти ахлоқию сиёсӣ Ҳусейн Воизи Кошифӣ (1420-1505) шинохта шудааст. Мутафаккир муаллифи асарҳои ҷовидонаи ахлоқии “Футувватномаи султонӣ”, “Ахлоқи муҳсинӣ”, “Рисолаи Ҳотамия” ва ғайра мебошад. Дар ҳамаи ин асарҳо андешаҳои барҷастаи сиёсию ахлоқиро аз нигоҳи футувват дидан мумкин аст, ки ба ҳаёти иҷтимоию иқтсодии одамон ва таъмини адолату баробарӣ дар ҷомеаи инсонӣ алоқамандии ногусастанӣ доранд.

Футувват, чунонки маълум аст, ҳанӯз пеш аз ислом ҳамчун ҷараёни фалсафию ахлоқӣ зуҳур карда, дар миёни табақаи аҳли меҳнати шаҳр - ҳунармандону косибон пайдо шуда буд ва ба рушди маънавии асримиёнагии халқ хизмат намудааст. Футувват ё ба истилоҳи қадимаи он ҷавомардӣ сарчашмаҳои паҳлавӣ дошта, дар замони Сосониён ва дар китоби “Авесто” чун истилоҳи ахлоқӣ-иҷтимоӣ дар қолаби вожаҳои неккирдор, некгуфтор ва нексиришт арзи ҳастӣ намудааст.

Футувват ҳамчун таълимоти иҷтимоӣ паҳлӯҳои зиёди ҳаёти ҷомеаро бо шаклҳои мухталиф инъикос менамояд. Офариниши идеалҳо дар он ба таври воқеӣ буда, аз таҷрибаи ахлоқи инсонӣ гирифта шудаанд. Инсон дар тули

ҳаёти худ танҳо як шоҳкорӣ менамояд, яъне ахлоқи худро бунёд месозад. Маҳз ба ҳамин хотир, ахлоқ заминаи расидан ба ҷомеаи боадолати ормонӣ ҳамчун идеали олӣ дар “Футувватномаи султонӣ”-и Кошифӣ мавқеи арзишмандро соҳиб гардидааст.

Ба андешаи профессор Қ. Восеъ “Футувватномаи султонӣ” аз ҷиҳати фаро гирифтани мавзуи футувват ва роҳу равиши ҷавонмардон яке аз комилтарин асарҳои дастуриву тарғиботии ин ҷараён дар таърихи адабиётамон ба шумор меравад. Аз ин ҷиҳат ҳеҷ як “Футувватнома”-ро ба он баробар донистан мумкин нест, зеро Ҳусайн Воиз дар асари хеш тамоми ҷузъиёти ҷараёни ҷавонмардиро бо фасоҳату балоғати илмиву иҷтимоӣ ва адабию ахлоқӣ тасвир менамояд”.[147]

Идеяҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ мутафаккирро аз се асари дар боло зикршуда, ки дар як китоб ҷамъ оварда шудаанд, аз нигоҳи фалсафаи сиёсӣ таҳлил кардан имкон дорад. Муқаддимаи китоби “Футувватномаи султонӣ”-Кошифӣ дорои се фасл аст. Боби нахуст аз чаҳор фасл, боби дуюм низ аз чаҳор фасл, боби сеюм аз даҳ фасл, боби чаҳорум аз ёздаҳ фасл, боби панҷум аз шонздаҳ фасл, боби шашум аз се фаслу фаслу чаҳордаҳ қисмат, боби ҳафтум аз ҳафт фасл иборатанд, вале панҷ боби дигари асар то замони мо нарасидаанд.

Андешаҳои Кошифӣ перомуни давлат ва давлатдорӣ дар заминаи таҳлилҳои ахлоқӣ арзи ҳастӣ намудаанд. Ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, баробарӣ ва нобаробарӣ, адолат ва зулм, истисмор ва некӯкорӣ, илм ва дин, ҷавонмардӣ ва буздилӣ, худхоҳӣ ва худсозӣ, ватандӯстӣ ва ванатфурӯшӣ ва дигар арзишҳои умумиинсонӣ дар ин асар  дар чаҳорчӯби ахлоқ таҳлил ва баррасӣ гардидаанд.

Дар муқаддимаи “Футувватномаи султонӣ” Кошифӣ менависад: “Футувват он аст, ки ҳама касро аз худ беҳтар донӣ ва худро бар ҳеҷ кас тафзил (бартарӣ) нанихӣ”.[148] Шахсияти хешро аз дигарон бузург

---

[147] Восеъ, Қ. Адабиёти ҷавонмардии тоҷику форс. (китоби дуюм) [Матн] / Қ.Восеъ. Душанбе, 2007. –С.97.

[148] Кошифӣ, Ҳ.В. Футувватномаи султонӣ. Ахлоқи муҳсинӣ. Рисолаи «Ҳотамия» [Матн] / Ҳ.В.Кошифӣ. - Душанбе, 1991. – С.28.

наҳисобидан, худро дар назди қонун баробари умум фаҳмидан, оилаи худро аз оилаҳои дигарон дар мақоми инсонӣ бартар нашуморидан, манфиати халқи худро аз тамоми манфиатҳои халқҳои дигар боло нашуморидан, бузургиро дар мансабу рутба надидан, шахсияти дигаронро нашикастан, қобилияти инсоншиносӣ доштан, фарҳангу маданияти хешро аз фарҳанги сойир кишварҳо бартар надонистан, аз дониш ва таҷрибаи хеш фахр накардан, фикри хешро аз фикри дигарон авлотар наҳисобидан, танҳо ба худу наздикон меҳр наварзидан, ҳамон гунае, ки худро сазовори ҳамаи арзишҳо медонем, дигаронро низ бар он сазовор ҳисобидан ва дигар андешаҳои монанди он моҳияти агдешаҳои Кошифиро дар "Футувватномаи султонӣ" ташкил медиҳанд.

Агар инсон шахсияти худро дар меҳвари ҳамаи муносибатҳо бартар шуморад, аз диди Кошифӣ, ин хислати худхоҳӣ (эгоистӣ) доштани ӯро нишон медиҳад. Худкомагиро набояд ба худ иҷозат дод, гарчанде инсон қудрати зиёд дошта бошад ҳам. Агар инсон худро дар ҳамаи муносибатҳои оилавӣ ва ҷамъиятӣ ҳақ ҳисобад, он ҳеҷ гоҳ мақбули дигарон намегардад. Инсони худкома дар тамоми корҳои фардӣ ва коллективӣ худро ҳақ меҳисобад ва андешаи дигаронро инкор менамояд. Агар инсон фикри дигаронро ҳамчун "фикри шахсӣ" қабул нанамояд, дар натиҷа дигарон низ фикрҳои ӯро инкор мекунанд. Инсон бояд такаллуфро тарк намояд ва аз худнамоишдиҳӣ даст кашад. Хислати худнамоишдиҳӣ дар вуҷуди фард ҳамчунон ногаҳон реша медавонад, ки худи ӯ ин ҳолатро дарк накарда мемонад.

Чунин фикрронии худхоҳона охиран ба низоъҳои фардӣ, гурӯҳӣ ва ҷамъиятӣ сабаб мешавад. Сабаби аксарияти нобаробариҳои иҷтимоӣ ин эгоизм мебошад, зеро ҳар як аъзои оила ва ё ҷомеа чунин меҳисобанд, ки дар ҳодисаи нобасомон ва ақибрафти кишвар гунаҳкор нестанд ва аз нигоҳи "айбдорнамоӣ"-и ҳамдигар меандешанд. Идеяи худро бартар ҳисобидан бар он мебарад, ки фард аз болои дигарон мани худро тарғиб менамояд. Чунин қоидаи тарғибнамоӣ, яъне шахсияти дигаронро эътироф накардан, инсонро мешиканад. Одамоне, ки ба қашшоқии маънавӣ гирифторанд, чунин модели муносибатро ба роҳ мемонанд. Бо чунин иштибоҳ дар фаъолият онҳо, на ин,

ки ба одамон роҳ нишон медиҳанд, балки нуфузи коркун ва кордонро паст мекунанд ва бо ҳамин шахсияти худро бузургтар метарошанд. Вақте дар ниҳоди фард худпарастӣ бошад, он наметавонад соҳиби қалби саховатпеша, пок ва бекин, гардад.

Ҳеҷ кас имконияти таъмин кардани шароити иқтисодии дигаронро надорад ва ин амал зарурати иҷтимоӣ низ надорад. Аз ин рӯ, баробариро Кошифӣ на дар таъмини шароити моддӣ, балки дар инкишофи ахлоқ мебинад. Баробарии иқтисодӣ наметавонад озодиро таъмин созад, аммо рушди ахлоқ озодӣ ва шароити иқтисодиро тағйир медиҳад. Ҳамаи одамон барои манфиатҳои худ мубориза мебаранд. Агар инсон тасаввур намояд, ки барои рушди муносибатҳои иқтисодӣ роҳи рост вуҷуд надорад, он ҳатман бо роҳи нодуруст даромади худро баланд мебардорад. Чунин тасаввуроти нодуруст натиҷаи қашшоқии ақл ва маънавиёт мебошад. Барои ин гуна одамон сарватмандии асосӣ сарвати моддӣ мебошад.

Сарват барои одамони аз лиҳози маънавӣ суст танҳо барои худнамоишдиҳӣ ва аз амалҳои дур аз ахлоқ метавонад хизмат кунад. Аз ин ҷост, ки хислати беҳтарини одамони сарватмандро Кошифӣ дар футувват, саховатмандӣ ва поккорӣ мебинад. Одамоне, ки маънивиёти баланд доранд, барои нокомиҳояшон танҳо худро гунаҳкор меҳисобанд. Аммо инсони ботинан худпараст (эгоист) комёбиашро маҳсули хирадаш ва нокомиашро аз сарнавишту аз дигарон медонад.

Футувват таълим медиҳад, ки инсон бояд ба ваъдаҳои додааш хоҳ дар назди оила, хоҳ дар назди ҷомеа бошад, содиқ монад. Иҷро накардани ваъдаҳо эътимоди одамонро нисбат ба фард коҳиш дода, заифии иродаи ӯро нишон медиҳад. Виҷдон яке аз нерӯҳои идоракундаи фард буда, рафтор ва амали ӯро муайян менамояд. Виҷдони пок дар ҳама кор ба адолат такя мекунад. Ҳамон одамоне ба ростӣ ва некӣ эътимод доранд, ки дар вуҷудашон ахлоқ ва адолатро мепарваранд ва дар хусуси онҳо фикр мекунанд. Маънавиёти паст ба дарки адолат ва некӯкорӣ қобил нест.

Вақте ки идеяи росткорӣ роҳнамои амал мегардад, дар натиҷаи он ташаббус ва қобилиятҳои инсон рӯи кор меоянд. Ҳама касро аз худ боло

гузоштан, ин ҳаргиз маънои мункир шудан аз манофеи худро надорад, балки зинаи баландтарини эҳтироми шахсро ба одамон нишон медиҳад.

“Футувватномаи султонӣ”-и Кошифӣ аз он сабаб асари ҷовидонӣ ҳисобида мешавад, ки дар он сухан оид ба асли арзишҳои кӯҳнанашавандаи инсонӣ меравад. Хирадпарастиву ақлгароӣ дар бунёди ҷомеае, ки баробарии иҷтимоӣ дар он ҳукмрон аст, нақши калидӣ доранд. Кошифӣ футувватро ба се мартаба ҷудо мекунад: “аввал сахо, ки ҳар чи дорад аз ҳеҷ кас дареғ надорад. Дуюм, сафо, ки синаро аз кибру кина поку покиза созад ва мартабаи охир вафост, ки бо халқ нигоҳ дорад”[149]. Инсон, аз диди Кошифӣ, ҳамон вақт адолату саодати ҳақиқии ҳаётро дарк менамояд, ки саховатманд бошад.

Кошифӣ чунин меҳисобид, ки барои ба корҳои бузург даст задан инсонро зарур аст, ки рушд намояд, дониш ва таҷрибаи зиндагиро дошта бошад ва, болотар аз он, идеяи некӯкориро роҳнамои худ созад. Танҳо барои худ зиндагӣ намудан кам аст, одамони забардаст ҳамеша барои рушди зеҳниву моддии дигарон саҳм мегузоранд. Аз талбандагӣ даст кашида, ба бахшандагӣ гузаштан, аз нолидан парҳез карда, ба ирода такя намудан, аз ҳаёт ризо гашта, худро дар ҳама ҳолат хушбахт ҳисобидан хислати инсони соҳиби ахлоқӣ ҳамида мебошад, ки худро баробар бо дигарон медонад.

Чун сухан аз ахлоқ рафт, бояд таъкид кард, ки Кошифӣ аз бузургтарин ва фаъолтарин тарғибкунандагони идеяи баробарӣ, бародарӣ ва инсондӯстӣ буда, дар тамоми эҷодиёташ ин мавзуъро бо рангу тобишҳои мухталиф тараннум намудааст. Сафо, чунонки таъкид гардид, мартабаи дуввуми футувват аст, ки моҳиятан покизагии қалби инсонро дар назар дорад. Қалби пок наҷотдиҳандаи инсон аз ҳар гуна бадбахтӣ ва нокомӣ мебошад. Инсоне, ки қалби сиёҳ дорад, ҳеҷ гоҳ мақбули умум нахоҳад гашт ва аз шахсияти ӯ касе баҳраманд нахоҳад шуд. Зиндагии фарди дилсиёҳ монанди оби шӯрест, ки аз ҳастиаш ҳаёт тайғир намеёбад.

---

[149] Кошифӣ, Ҳ.В. Футуватномаи султонӣ. Ахлоқи муҳсинӣ. Рисолаи «Ҳотамия» [Матн] / Ҳ.В.Кошифӣ. - Душанбе, 1991. – С.28.

Иддае одамон, аз диди Кошифӣ, бо сабаби норасоии дониш ба оқибати хуб доштани амалҳояшон бовар намекунанд. Ин гурӯҳ аз ҳамаи мардум танҳо маҳдудият меҷӯянд. Онҳо чун одамони худпараст амал мекунанд. Покдилӣ ба одамон эътимод кардан, самимияти инсонӣ доштан, меҳр ва муҳаббат варзидан, маънои ҳаётро дарк кардан, ба сарнавишти хеш бовар доштан, дар симои ҳамаи одамон як навъ неккирдорӣ дидан, новобаста аз мартабаву мансаб ба ҳама баробар назар кардан, ба қобилият ва истеъдоди хеш такя намудан аст.

Мутафаккир бо такя ба ахлоқ ва маънавиёт ба ҷомеа ҳушдор медиҳад, ки ҳар як субъекти он бояд амалкардҳояшро беғаразона анҷом диҳад. Аз лиҳози фалсафӣ ин амал инсонро ба худшиносӣ ҳидоят месозад. Софдилӣ маҳсули фаъолияти хиради инсон, натиҷаи кор кардан аз болои худ мебошад. Одамоне ҳастанд, ки ба кӯчактарин хатогии атрофиён сахт эътибор дода, онҳоро намебахшанд ва дар қалби худ ҳар ҳодисаро то абад нигоҳ медоранд ва ҳаётро бо кини шахсӣ ба охир мерасонанд. Мавҷудияти ғараз ва кина дар ботини инсон табиӣ нест, он дар ҷаҳонбинӣ ва фикр вуҷуд дорад. Тафаккур инсонро ба амал намудан водор месозад, фикри одамон оид ба ахлоқ бошад, мухталиф шакл мегирад. Дар ҷомеа одамони ғаразманде вуҷуд доранд, ки барои расидан ба мақсад ба худ ҳар гуна амалҳои ғайриинсониро раво медонанд.

Кошифӣ хеле заковатмандона дарк менамояд, ки мавҷудияти одамони беадолат дар ҷомеа боиси футурёбии худи ҷомеа мегардад. Ҳадаф аз ахлоқ танҳо рушди рафтори зоҳирӣ набуда, болотар аз он, яъне таъмини адолат аст. Покдилӣ ба гузашт кардан мебарад ва эътимоди шахсро нисбати сарнавишти дигарон зиёд месозад. Одамони бузург, пеш аз ҳама, қалби пок доранд ва орзуву ормонҳои дигаронро ҳамчун шахси баробар ба худи онҳо ба хубӣ эҳсос мекунанд.

Дар мартабаи саввум Кошифӣ вафодориро мегузорад. Инсони комил ҳамоне эътироф карда мешавад, ки ба ваъдаҳои хеш дар назди оила ва ҷомеа содиқ мемонад. Вақте ки инсон хилофи ваъдаҳояш амал мекунад, ин дарк накардани маънои ҳаётро ифода менамояд. Болотар аз он, дар оини

ҷавонмардӣ, ки моҳияти таълимоти Кошифиро ташкил медиҳад, бар хилофи ваъда амал намудан сарчашмаи ҳар гуна бадахлоқӣ, бевиҷдонӣ, сустимонӣ, сустиродагӣ ва ҳақирӣ фаҳмида мешавад ва чунин фард ҳамчун инсон ба адолат дар ҷомеа зарари моддӣ ва маънавӣ мерасонад.

Аз таҳлилҳои муҳаққиқон бармеояд, ки “дар замони зиндагии ӯ (Кошифӣ - А.С.) одобу ахлоқи ҳамидаи инсонӣ рӯ ба касод оварда, рашку ҳасад, суханчинӣ, бадгумонӣ, макру фиреб, хиёнаткорӣ, баднафсӣ, таъҷилу шитоб дар ҳалли масъалаҳои давлатӣ, хоинӣ нисбат ба якдигар ва ғайра ба ҳадди интиҳои худ расида будааст”.[150] Чунин андешаҳо дар замони феодализм дар ҳар гуна шаклҳои ирфонӣ ва бидъати ошкоро ё шӯришҳои мусаллаҳона рӯи кор меомаданд. Ҳамаи ин андешаҳои оини ҷавонмардӣ танҳо тахайюлоти адабӣ набуда, балки воқеияти иҷтимоиро тасвир менамуданд, неруҳои хобрафтаи ахлоқиро дар ниҳоди мардум ба ҷунбиш оварда, онҳоро ба адолатхоҳӣ даъват менамуданд.

Кошифӣ маҳз қонунҳои хирадмандонаи ахлоқро сарчашмаи адолати иҷтимоӣ нишон додан мехоҳад. Ҷомеае, ки дар ниҳоди афродаш ахлоқ коста аст, дар он ҷомеа эҳсоси кӯдаконаи фикрронӣ одамонро фаро мегирад. Чунин одамон лаёқати офариниш, созиш, мулоҳиза ва ояндабиниро надоранд ва сарнавишти мардум барои онон эътибор надорад.

Ҳадаф аз идеяи ҷавонмардӣ ба вуҷуд овардани ҷомеае аст, ки дар он озодӣ, адолат ва баробариву бародарӣ қадр доранд. Он муносибати ахлоқии ҷомеаро ба ҳаёти имрӯз ва оянда ба назар мегирад. Ахлоқи халқ на танҳо ҳаёти имрӯзаро ба танзим медарорад, балки заминаи маънавиёт, фарҳанг, санъат ва ҳувиятро барои оянда фароҳам месозад.

Дар се мартабаи муайяннамудаи футувват мо идеали бузурги инсониро мебинем, ки ба тамоми давраҳои таърихӣ мансуб мебошад. Ояндабиниҳо дар андешаҳои сиёсӣ ва ахлоқии Кошифӣ ба ҳаёти иҷтимоии ҳамаи замонҳо таъсири арзишманди гуманистӣ доранд.

Вазифаи илм, санъат, фалсафа ва адабиёт, пеш аз ҳама, барои Кошифӣ ин ба вуҷуд овардани ҳаёти осоишта, рушди адолат ва баробарии иҷтимоӣ

[150] Аҳмадов, М. Ахлоқи ҳамида ва дастури давлатдорӣ [Матн] / М.Аҳмадов. Душанбе, 2006. – С.18.

мебошад. Футувват бузургтарин идеали ахлоқӣ маҳсуб меёбад. Дар он зеботарин ва дилангезтарин асли хислатҳои инсонӣ ниҳонанд. Инсон дар тамоми умри худ барои манфиати хеш бояд ҷавонмардона мубориза барад. Ин мубориза алайҳи нобаробарӣ, беадолатӣ, андешаҳои бад, эҳсосҳои манфӣ, бехудӣ, душманӣ, такаббур, ғурур ва ғайра мебошад.

Агар инсон дар маҷрои тавлиди андешаҳои хеш ба эҳсосот дода нашуда, дар тасаввуроташ нақшаҳои некро парвариш диҳад, дар оила низом бисозад, чунин амалҳо моҳияти худшиносӣ ва дарки адолатро ифода менамоянд. Моҳияти идеяҳои "Футувватномаи султонӣ" аз баробарӣ ва бародарӣ дар назди ҷомеа ин дастгирии ҳамдигар, мубориза бо зулм ва аз бепарво набудан ба тақдири дигарон иборат аст.

Ба ҳамин тариқ, Кошифӣ ҳамвора идеалҳои адолат, инсонгароӣ ва баробариро тарғиб намуда, барои дар амал воқеӣ шудани онҳо мубориза бурдааст. Сарварони ҷунбишҳои халқӣ - Абумуслими Хуросонӣ, Муқаннаъ, Яъқуб ибни Лайс, Мазайра, Маҳмуди Торобӣ ва дигарон ҳама аҳли футуввату ҷавонмард буданд, ки барои адолат мубориза бурдаанд. "Футуватномаи султонӣ" арзишмандтарин осори панду ахлоқии Кошифӣ буда, дар натиҷаи омӯзишҳои зиёди мутафаккир навишта шудааст. Воқеият доштани асар дар он аст, ки идеяҳои иҷтимоӣ дар он аз таҷрибаи ҳаётии инсонҳо гирифта шудаанд. Намунаи олии чунин идеали ахлоқӣ таҷассумгари асили манфиатҳои ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Ба ҳамин гуна, инсоният дар ҳамаи давраҳои рушд ва рукуди таърихӣ ба идея ва идеал такя менамояд, аммо мутассифона, аз ҳодисаҳои таърихӣ чандон таҷриба намегирад. Ҳадафи "Футувватномаи султонӣ" сохтани инсони дорои иродаи озод ва адолатхоҳ барои таъмини баробарии иҷтимоӣ мебошад.

Дар асари дигари Кошифӣ - "Ахлоқи муҳсинӣ" низ проблемаи баробарии иҷтимоӣ ва ахлоқи ҷамъиятӣ яке аз мавзуъҳои асосии фалсафаи сиёсии мутафаккирро ташкил медиҳад. Аз нигоҳи ӯ, расидан ба баробарии иҷтимоӣ дар натиҷаи ҳиссиёт, тахайюлот, ояндабинӣ, тасаввурот, воқеият ва дар натиҷаи ба илм такя намудани одамон хосияти амалишавандагиро ба

худ мегирад. Ҳамаи тасаввурот ва пешниҳоди мутафаккир дар бораи ахлоқ ва баробарӣ аз худи инсонҳо сарчашма гирифта, аз ирода ва ақли инсон вобаста мебошанд.

Инсонҳо дар бисёр мавридҳо кӯшиш менамоянд, ки сабаби нобаробарию нокомӣ, беадолатию бадбахтиро аз иродаи Худованд вобаста донанд. Аммо одамони зиёде эҳсос карда наметавонанд, ки тайғироти ҳаётии онҳо маҳз бо сабаби дигаргун шудани ҷаҳонбинӣ ва эҳсосҳояшон мебошад. Аз ин рӯ, ба тақдир ва толеъ бовар кардани одамон боиси хушбахтӣ ва бадбахтиҳояшон намешавад, зеро иддае одамон эътироф мекунанд, ки онҳо тақдири хуб надоранд ва комёбӣ ҳаргиз насиби онҳо нахоҳад шуд. Баръакс, гурӯҳи дигар то вопасин нафасашон ба ояндаи бузург ва дурахшон гаштани ҳаёташон эътимод доранд. Аз ин рӯ, ба система даровардани сохтори тафаккур ва тасаввур ба назар хеле муҳим мерасад. Асоси чунин ояндабинии ҳаётиро онҳо аз таҷрибаи зиндагӣ мегиранд, вале худи ин таҷрибаҳо маҳсули ҷаҳонбиниашон мебошанд.

Кошифӣ дар рисолаи “Ахлоқи муҳсинӣ” масъалаҳоеро гузоштааст, ки бевосита барои тамоми ҳаёт буда, одамон бо ҳамин арзишҳо зиндагӣ мекунанд. Ин масъалаҳо дар асоси виҷдон, эътиқод, шуур ва зеҳни инсон таҳлил гардидаанд. Олами атрофро чӣ гуна қабул кардани одамон маҳсули арзишҳои ботиниашон мебошад. Маҳз арзишҳои ҷудонашаванда инсонро водор месозанд, ки ӯ рушд намояд ва талаботи азалиашро қонеъ созад. Барои қонеъ гардонидани талабот инсон тамоми роҳро меҷӯяд, то зинда монад ва хушбахтиро эҳсос кунад. Инсон аз оғози тавлид то фарорасии марг ҳамеша дар талоши қонеъгардонидани талаботи ҳаётӣ ва таъмини баробарии худ бо дигарон мебошад.

Кошифӣ дар рисолаи “Ахлоқи муҳсинӣ” сараввал масъалаи “шукр” карданро гузоштааст. Мутафаккир дар ин бора мегӯяд: “Он сипосу ситоиш бошад ҳар мунъимро, чун салтанат бузургтарин неъматҳост, пас султон бояд, ки ба шукргузорӣ ва сипосдории ин неъмат қиём намояд ва шукр ҳам ба дил

бошаду ҳам ба забон... ”.[151] Шукр инҷо аз лиҳози моҳият ба маънои оромӣ истифода нашудааст, он аз назари васеи фалсафӣ баррасӣ гардидааст.

Бояд зикр намуд, ки ҷомеа маҷмуи одамонест, ки ҳамаи онҳо новобаста аз хирад ва маънавиёт, қобилият ва истеъдод орзуҳои зиёд доранд. Нарасидан ба орзуҳо одамонро руҳафтода сохта, аз зиндагӣ дилгир мекунад ва дар ҳамин ҷараён ҳисси норизоӣ аз ҳаёт дар ботининашон ба вуҷуд меояд. Ҳар узви худро инсон бояд тобеи тоате гардонад ва онро машғули коре намояд. Масалан, “тоати чашм он аст, ки назар дар мухолифот ба ибрат кунад ва дар заифону зердастон ба шафқат нигоҳ кунад”.[152]

Манзури мутафаккир, пеш ҳама, ба олам бо чашми хирад, ақл ва тафаккур нигоҳ кардан аст. Яъне ҷаҳонро на ба таври хаёлӣ, балки бо ақлу заковат шинохтан зарур аст. Ҳар он чизеро, ки дар назди мо қарор дорад, бояд онро омӯзем ва хусусиятҳояшро шиносем. Қобилияти шинохтан имкон медиҳад, ки инсон ҳаётро моҳиятан дарк намояд. Бештари низоъҳо аз сабаби хуб наомӯхтани ҳамдигар сар мезананд. Масалан, низоъҳои оилавӣ низ сабабҳои ҳамдигарнофаҳмӣ ва худхоҳиро доранд.

Аз нигоҳи Кошифӣ, ба зердастон ҳамон вақт нигоҳи баробар менамоем, ки онҳоро ҳамчун инсон шиносем ва идеяҳояшонро дарк намоем. Аммо дар бештари маврид инсон хислати боло гузоштани худро нисбат ба дигарон дорад ва дар маврид҇ои зиёд ин ҳолатро мунтазам такрор месозад. Ҳисси бологузории худ аз дигарон ба инсони худкома хос аст. Инсон ҳамон вақт мақбули умум мешавад, ки ба одамон аз рӯйи мақому мартабаи иҷтимоиашон назар накунад ва онҳоро бо ҳам баробар донад.

Кошифӣ нақшу мақоми одамони одиро баробар бо элитаҳои фарҳангӣ ва сиёсӣ дидан мехоҳад. Ӯ ба зоти инсон ва қудрати халлоқии ӯ бовар дорад. Ҳамаи онҳое, ки ба нерӯву зеҳнашон такя карда, ба дигаргунсозии ҳаёташон мепардозанд, натиҷаи дилхоҳ ба даст меоранд. Аммо барои дигаргун сохтани ҳаёти иҷтимоӣ шуурро рушд додан зарур аст. Оламро одамон гуногун меомӯзанд ва вобаста ба фаҳмише, ки доранд, зиндагӣ хоҳанд кард.

---

[151] Кошифӣ, Ҳ.В. Футуватномаи султонӣ. Ахлоқи муҳсинӣ. Рисолаи «Ҳотамия» [Матн] / Ҳ.В.Кошифӣ. - Душанбе, 1991. – С.126.

[152] Ҳамон ҷо. - Душанбе, 1991. – С.126.

Одамон ҳангоми дарёфт накардани роҳи кӯтоҳи расидан ба орзуҳояшон ба ғаму ғусса (пессимизм) дода шуда, ба нолидану айбдор кардани давлат, сиёсат ва ҳаёт мегузаранд. Ин раванд тарзи ҳаёти иҷтимоии мавҷударо тағйир надода, болотар аз он, сатҳи зиндагии шахсро хароботар месозад. Аз ин рӯ, шукргузории умум сулҳро дар ҷомеа устувор мегардонад. Инсонҳоро дар чунин руҳия тарбия кардан аз муҳимтарин вазифаҳои давлат маҳсуб меёбад. Ҳеҷ кас набояд дар нокомиҳояш ношукрӣ намояд ва ба эҳсосот дода шавад, зеро ҳар як ношукрӣ ба ношукрии дигар сабаб мегардад, ки хилофи адолат аст.

Кошифӣ менависад: "тоати даст эҳсон ба фақирону муҳтоҷон. Тоати пой ба мавзеи дарвешону гӯшанишинони бе тамаъ ва зиёрати уламо мебошад. Шукргузорӣ сабаби зиёдии неъмат аст".[153] Инсон дар ҳамаи ҳолатҳои ҳаёт метавонад некӯкирдор бошад. Бешуурона ба одамон некие кардан маънои инсони нексириштро надорад, балки пайваста ва ногусаста некӣ намудан нишони шахсияти некӯкор мебошад. Эҳсонкорӣ ба фақирон ва муҳтоҷон ин ҳаргиз қаҳрамонӣ нест, балки қарзу фарзи инсон дар назди башар аст. Ҳаёти одамон вобастаи ҳам мебошад. Ҷисми инсон воситаест, ки барои тамоми ҳаёт хидмат мекунад, аммо ҷисм на танҳо барои талаботи фардӣ, балки барои ҳаёти руҳӣ низ хидмат менамояд. Маҳз ба ҳамин хотир, мутафаккир эҳсонкорӣ, парҳезкорӣ, накӯкорӣ ва мубориза бар зидди ҳар гуна иллатҳои инсониро заминаи расидан ба баробарии иҷтимоӣ маънидод мекунад.

Ба ҳаёти ҷисмонӣ ва ё руҳӣ хидмат кардани дасту пой аз сохтори заковату андешаи фард вобаста аст. Ҳар қадаре одамон ба қашшоқии маънавӣ гирифтор шаванд, ҳамон андоза онҳо худхоҳ мешаванд. Рушди гуногуни одамон дар сатҳҳои мухталифи иҷтимоӣ ва маънавӣ ба кӯшишҳои фардиашон вобаста аст. Андешаҳои Кошифӣ як навъ ҳақиқатеро мемонанд, ки воқеияти таърихӣ, фалсафӣ, динӣ ва ғайраро аз нигоҳи ақлонӣ собит намуда, роҳро ба сӯи баробарӣ ва адолат нишон медиҳанд.

---

[153] Кошифӣ, Ҳ.В. Футуватномаи султонӣ. Ахлоқи муҳсинӣ. Рисолаи «Ҳотамия» [Матн] / Ҳ.В.Кошифӣ. - Душанбе, 1991. – С.126.

Фалсафаи сиёсии Кошифӣ метавонад барои рушди гуманизм, алтруизм хидмат кунад, зеро дар тамоми ҳолатҳо хислатҳои худхоҳӣ доштани сиёсатмадорон ва инсонҳоро ӯ манфӣ нишон додааст. Ношукрӣ, аз нигоҳи ӯ, сабаби камбизоатӣ ва бемориҳои зиёд мегардад. Инсон бояд дар доираи меёрҳои ақл ва ахлоқ ҳаёташро ба нақша гирад. Ҳангоми некӯкорӣ инсонро иродаи матин ва эҳсосоти наҷиб насиб мегардад. Бинобар ин, эҳсонкорӣ бузуртарин парҳез аз ҳар гуна иллатҳо мебошад. Коҳилӣ ба тавлиди бадбахтиҳо сабаб шуда, инсонро боиси танаффур мегардонад.

Дар ҳамаи давраҳои таърихии инсоният одамони қашшоқ, муҳтоҷ ва бепарасторро мушоҳида кардан мумкин аст. Аз ин рӯ, идеяҳо дар бораи некӯкорӣ ва ахлоқ кӯҳнанашаванда мебошанд. Кошифӣ намегӯяд, ки шароитҳои иқтисодӣ бояд баробар бошанд, аммо ӯ одамонро дар назди Офаридгор ва шоҳ баробар медонад, ки ин нишонаи эътирофи баробар будани одамон дар ҳуқуқҳои табиӣ аст.

Кошифӣ дар шунидани ахбор узви шунавоиро мутлақ озод намеҳисобад, зеро ахборҳои манфие вуҷуд доранд, ки одамонро ба роҳи ғалат мебаранд. Агар шуури инсон рушд накарда бошад, онгоҳ ахбори ғалат сабаби ташаккули ҷаҳонбинии нодуруст мешавад.

Ҳаёт дар тасаввуроти мутафаккир ҳамчун як навъ имтиҳон барои инсон аст. Бояд қайд кард, ки аксари ношукриҳо дар мафкураи фард аз муҳити иҷтимоӣ ва мадании ҷамъият сарчашма мегиранд. Ношукрии зиёд нисбат ба ҳаёт сабаби бадбахтиҳои зиёд мешавад, он ба мағрурии фарсудашуда мебарад ва инсонро аз ҷомеа дур месозад. Бо мурури замон иддае аз одамон дар натиҷаи худшиносӣ маҳдудиятҳояшонро дарк мекунанд. Ҳадафи ниҳоӣ ва вазифаи инсон дар ҳаёт бошад, аз ташаккули шахсияти худ ва мавҷуди дорои иродаи ахлоқӣ будан аст. Эътироф бояд намуд, ки Кошифӣ дар замири ахлоқи ҷамъиятӣ бунёди баробарии иҷтимоиро мебинад. Ба ибораи дигар, шукр дар осори Кошифӣ ба маънои адолат истифода мешавад. Ҳаёт дар ҷараёни ҳаракати худ ҳамеша тайғир меёбад, бинобар ин, шукргузориро дар ҳамаи марҳалаҳои он баҷо овардан шарт ва зарур мебошад.

Дар таълимоти  Кошифӣ мафҳуми “сабр” мақоми арзанда дорад. Оид ба ин масъала ӯ навиштааст: “Ҳар ки дар тирборони ҳаводис сипари сабр дар сар кашад, зудтар хаданги умедаш ба ҳадафи мурод бирасад. Зеро сабр мифтоҳи (калиди) кор аст ва дари хонаи роҳаш ҷуз бад-ин калид накушоянд”.[154] Барои мутафаккир сатҳи пурсабрии инсон, дараҷаи камолоти маънавӣ, сохтори фиккронӣ ва эҳсоси некӯкорӣ аҳаммияти бузург доранд. Дар иртибот бо таҳлили масоили гуногун, ҳамчун олами моддӣ ва руҳӣ, андеша ва амалкард, донистан ва фаҳмидан, баробарихоҳӣ ва беадолатӣ низ дар таълимоти мутафаккир ҳамчун арзиши ботинӣ баррасӣ мешаванд.

Кошифӣ ба монанди дигар мутафаккирон, бо истилоҳи муосир, тарафдори императиви ахлоқие аст, ки идеяи асосии он “маранҷу маранҷон” мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир, фаҳмиши дурусти сабр инсонро соҳибирода сохта, дар руҳи шахс оптимизмро бедор мекунад. Дар ҳаёти инсон ҳар гуна ҳодиса ба амал омаданаш мумкин аст. Бинобар ин, дар лаҳзаҳои душвортарин тоқат ва сабр карда тавонистан, хоси одамони дурандеш ва заковатманд мебошад.

То ҳол кӯшиши муттаҳид сохтани неруҳои ахлоқӣ барои башар ҳамчун проблемаи доимӣ қарор дорад. Маҳз хоҳиши айни ҳол расидан ба орзуҳои душвор ба таври хаёлӣ одамонро ба роҳи ғалат мебарад. Одамон медонанд, ки умр барои онҳо як маротиба дода мешавад. Бинобар ин, мехоҳанд талаботашонро бо осонтарин роҳҳо қонеъ созанд. Аммо тасаввуроти одамон дар бораи он, ки ин гуна роҳҳо  хеле кам мебошанд, вуҷуд надорад. Ҳар он чизе, ки дар тасаввуроти инсон вуҷуд дорад, ҳақиқат буда наметавонад.

Сабр низ, аз нигоҳи Кошифӣ, ҳамчун мафҳуми ахлоқӣ барои оромии руҳи одамон эҷод нашудааст. Он як навъ мубориза барои ҳаёт мебошад. Инсонҳо бояд тасаввур намоянд, ки дар паси ҳар гуна заҳматашон комёбӣ ниҳон аст. Ҳаёт ҳолатҳои вазнинтарине дорад, ба монанди марг, хиёнат, куштор ва ҳоказо, ки бешубҳа дар ин раванд ба инсон  сабр зарур мебошад. Дар ин раванд ҷанини пайдоиши ахлоқ аз раванди босуръат рушд кардани

[154] Кошифӣ, Ҳ.В. Футуватномаи султонӣ. Ахлоқи муҳсинӣ. Рисолаи «Ҳотамия» [Матн] / Ҳ.В.Кошифӣ. - Душанбе, 1991.- С.129.

шуур ба вуҷуд меояд ва сонияи талабот бо роҳи рост қонеъ мегарданд. Ин маънои онро дорад, ки танҳо бо инкишофи ахлоқи фардӣ баробарии иҷтимоӣ таъмин мегардад.

Масъалаи "адолат" ҳангоми амалнамоӣ дар мавриди таваҷҷуҳи Кошифӣ қарор гирифтааст. Дар ин бора ӯ менависад: "адл он аст, ки доди мазлумон диҳанд ва эҳсони он ки марҳами роҳате бар ҷаҳолати маҷруҳон ниҳанд. Дар хабар омадааст, ки як соат адли подшоҳ дар паллаи мизони тоат роиҷтар аст аз ибодати шастсола, зеро ки натиҷаи ибодат ҷуз ба омил бирасад ва фоидаи адл ба хосу ом ва хурду бузург ва асли бурдбории мулку миллат баракати он қоиму манзум шавад ва савоби адл аз ҳадду ҳисоб афзун аст ва аз мизи қиёс берун".[155]

Ба назари Кошифӣ ҳақиқати ягонае вуҷуд дорад, ки метавон онро аз ҳама арзишҳои умумиинсонӣ боло гузошт, ки он адолат аст. Адолат ягона мафҳумест, ки дар таълимоти мутафаккир ба дараҷаи идеали олӣ расонида шудааст. Гузашта аз ин, ӯ барои идоракунандагон дар асл донистани принсипи маънавии адолатро зарур медонад. Ҳатто ибодат наметавонад то ба дараҷаи адолат бирасад. Хидмат ба мазлумон, бепарасторон ва халқи заҳматписанд ин ибодати воқеӣ дар назди Худованд мебошад. Ҳисси адолатро дар вуҷуди хеш бедор намудан зарур аст, то неруҳои хобрафта эҳё гарданд. Ҳар қадаре, ки сохтори фикрронии фард дар хусуси адолат рушд намояд, ҳамон андоза дар ҷомеа шахсияти ӯ нуфуз ва мақоми баландро соҳиб мегардад.

Идеяҳои мутафаккир дар хусуси баробарии иҷтимоӣ ва адолат ба таври ҳамафарогир дар ҷомеа ва сохторҳои идоракунанда нишон дода нашудаанд. Аммо рушди тамоми муносибатҳои иҷтимоӣ ба худи ҷомеа ва подшоҳ вобаста шудаанд. Иродаи подшоҳ дар бунёди адолат барои Кошифӣ асосӣ мебошад. Зуҳури ирода, агар ба қонунҳои ахлоқӣ ва ақлонӣ наздик набошад, онгоҳ он метавонад сабаби нобаробариҳо гардида, ба ҳаёти осоиштаи ҷомеа осеб расонад. Аз ин рӯ, подшоҳ барои нигоҳ доштани

[155] Кошифӣ, Ҳ.В. Футуватномаи султонӣ. Ахлоқи муҳсинӣ. Рисолаи «Ҳотамия» [Матн] / Ҳ.В.Кошифӣ. - Душанбе, 1991. – С.142.

имкониятҳои баробарии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ вазифадор мебошад. Ба вуҷуд овардани адолату баробарӣ дар ҷомеа, ки бо ҳам тавъаманд, рисолати азалии подшоҳ маҳсуб дониста мешавад. Кошифӣ дар ин бора ба таври хеле дақиқ менависад: "Ҳукамо гуфтанд: адл баробарӣ нигоҳ доштан аст миёни халқ".[156]

Аз ин идея чунин хулосае бармеояд, ки мутафаккир роҳи ягонаи таъмини адолатро дар баробарии иҷтимоӣ мебинад. Оре, ҳар як фарди ҷомеа бояд бикӯшад, ки фардияти худро дошта бошад ва барои имкониятҳои баробарӣ мубориза барад. Ҳаракати иҷтимоӣ ва дигаргун гаштани муносибатҳои ҷомеа вобаста аз инкишофи ахлоқи суннатӣ мебошад. Таҳқиқи идеяҳои Кошифӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ мубаллиғи адолат ва баробарӣ мебошад: баробарии инсонҳо дар имконият, баробарии сиёсӣ, баробарӣ дар имкониятҳои иқтисодӣ ва ғ. Моҳияти адолати иҷтимоӣ низ дар мавҷудияти чунин баробариҳо инъикос меёбад.

Шикастани нафси худро Кошифӣ як навъ мубориза барои рушди баробарии иҷтимоӣ маънидод менамояд. Эҳсосҳои манфӣ дар ботини инсон месабзанд, рушд мекунанд ва худи дорандаи ин арзишҳоро дар охир нобуд месозанд. Аз ин рӯ, дар тасаввуроти одамони бадахлоқ ҳарисӣ, маҳдудият, тангдастӣ, тарс, айбдорнамоии дигарон ва дар ҷойи аввал гузоштани тамоми мнфиатҳои шахсӣ меистад. Дар ҳамин ҳолатҳо золимии шахс ё одилии ӯ намоён мешаванд. Миёни андешаи одилона ва золимона як қадам роҳ аст, аммо аз золимӣ ба одилӣ гузаштани одамон хеле душвор мебошад. Одамон бояд дар руҳияи зулмпарастӣ тарбия наёбанд, зеро инсони зулмпараст рӯзе ба дигарон низ зулм мекунад.

Подшоҳ халқро метавонад дар руҳияи ахлоқ ва маънавиёт тарбия кунад ва ё баръакс, онро бе дарназардошти ахлоқ идора намояд. Ба ҳамаи одамон бо чашми баробар нигаристани подшоҳ боиси пайдоиши ҳисси баробарӣ ва бародарӣ дар ҷомеа мегардад. Баробарӣ на дар маънои он, ки ба олиму золим якранг муносибат намоӣ, балки мувофиқ ба қобилияташон ба онҳо

[156] Кошифӣ, Ҳ.В. Футуватномаи султонӣ. Ахлоқи мухсинӣ. Рисолаи «Ҳотамия» [Матн] / Ҳ.В.Кошифӣ. - Душанбе, 1991. – С.144.

имконият фароҳам созӣ. Озодӣ дар ҳамон вақт натиҷаи дилхоҳ медиҳад, ки ба озодии дигарон монеае эҷод накунӣ.

Ба назар муҳим мерасад, ки андеша дар бораи он, ки баробарӣ озодиро маҳдуд мекунад, ба таври нодуруст ва яктарафа дар шуури иддае одамон шакл мегирад. Онҳо зимни ин танҳо баробарии муносибатҳои иқтисодиро дар назар мегиранд, аммо дар назди арзишҳои умумиинсонӣ ва умумимазҳабӣ ҳамагон баробар мебошанд. Мо наметавонем гурӯҳи одамонро равшанфикр ва гурӯҳи дигарро “торикфикр” унвон кунем. Ба одамони оддӣ назари паст дошта, ба шахсони мансабдор хушомад накардан, танҳо фикри онҳоро ҳақиқат наҳисобидан, миёни афроди ҷомеа марз нагузоштан аз сифатҳои муҳимтарин дар таълимоти Кошифӣ мебошанд.

Барои мавҷудияти баробарӣ инсонҳо бояд ҳуқуқро низ донанд. Надонистани ҳуқуқҳои табиӣ аз набудани маърифати ҳуқуқӣ сар мезанад. Шуури ҷомеа дар кадом самте, ки сиёсатмадорон онро раҳнамоӣ мекунанд, инкишоф меёбад. Дар ҳамин замина, аз нигоҳи Кошифӣ, ба ҳама баробар муносибат намудани подшоҳ маърифати оммаро рушд медиҳад ва одамон худро дар ҷомеаи боадолат тасаввур мекунанд. Аз ин рӯ, чунин идеяҳои мутафаккир ба ҳаёти амалӣ наздик буда, ба афкори умум таъсири мусбат мерасонанд. Чунин роҳро барои расидан ба ахлоқ ва баробарӣ Кошифӣ тавассути аз худ кардани илм мебинад.

Баробарӣ ва адолат масъалаҳои аз ҳам ҷудонашаванда буда, одамон онро бояд баробар маърифат кунанд. Ниёзи одамон ба адолат яке аз масъалаҳое мебошад, ки дар фалсафаи сиёсии Кошифӣ аз нигоҳи ахлоқ ва принсипҳои маънавӣ тасвир ёфта аст. Инсон танҳо худ метавонад ба талаботи беохираш ҷавоб гӯяд ва онҳоро қонеъ созад. Дар фаҳмиши психологӣ ва иқтисодӣ одамон ба хатогиҳо роҳ медиҳанд, аз ҳамин сабаб, низоъҳои иҷтимоӣ сар мезананд. Фаҳмиши инсон ҳарчанд ҳудуди муайян надорад, вале бештари одамон ҳатто зарууртарин қонунҳои барои ҳаёти ҳаррӯзаашон муҳимро дарк намекунанд. Инсонҳо арзишҳои табиӣ доранд, ба монанди истеъдод ва қобилият, ки дар ҳама ҳолатҳои ҳаёт ба онҳо мадад

мекунанд, аммо рушди шуур мебояд, то онҳо имконияти дар майнаашон бударо тавассути қобилият ва истеъдод истифода баранд.

Кошифӣ менависад: “Аз ҷумлаи адл шунидани каломи додхоҳ аст, яъне гӯш ба сухани мазлумон кардан ва рӯи лутф ба сохтани муҳимми эшон овардан ва аз он, ки бисёр гӯянд, малул набояд шуд ва ба танг набояд омад, зеро ки подшоҳ ҳукми табиб дорад ва мазлум ба мисли бемор аст ва мариз мехоҳад, ки тамоми аҳволи худро пеши табиб боз гӯяд”.[157] Тавассути ин андешаҳо мутафаккир исбот карданӣ мешавад, ки подшоҳ дар сарнавишти одамон метавонад дигаргуниҳои бузург ворид созад. Бо фишору зӯрӣ ба қалби инсонҳо роҳ ёфтан ғайриимкон мебошад. Бинобар ин, Кошифӣ ба одамон тавассути андешаи солим ва рушди идея идора карданро нишон медиҳад. Шунида тавонистани инсонҳо санъатест, ки подшоҳ тавассути он ба боварии умум сазовор мегардад. Кошифӣ бовар дошт, ки ҷомеаи ахлоқбунёд ва ақлгаро дар ҳаёти мардум зарур аст ва бунёди чунин ҷомеа имконпазир мебошад. Дар чунин ҷомеа ба зиндагии мардум дахолат кардан ба нобаробариҳои иҷтимоӣ мерасонад.

Мутобиқи чунин фаҳмиши идеяи адолат ҳар як тасмимгирии иҷтимоӣ бояд барқарор кардани баробарии иҷтимоӣ бошад ва то ҷое, ки мумкин аст, ҳама чизи барои зиндагӣ зарурӣ бояд баробар тақсим карда шавад. Агар инсонҳо хоҳанд, ки дигаронро ба ҷомеаи боадолат даъват намоянд, бояд олами ботинии худро аз худпарастӣ ва ҳар гуна эҳсосоти бад тоза созанд ва моҳияти некӯкирдориро бифаҳманд.

Кошифӣ чунин меҳисобад, ки ҷаҳолат гаҳвораи нобаробарии иҷтимоӣ ва адолат сарчашмаи баробарӣ мебошад. Мағрурии подшоҳ ба зулму ситам бурда, инсондӯстии ӯ ба озодӣ ва баробарӣ сабаб мешавад. Дар фалсафаи ахлоқии Кошифӣ барои сиёсатмадорони замони ӯ маҳз чунин усули таъмини баробарии умум пешниҳод шудааст. Ба андешаи ин мутафаккир, дар ин самт бо ҳама мардум бояд ба таври баробар муносибат кард. Аммо одамон набояд барои сазовор шудан ба зиндагии хуб аз дигарон умедвор бошанд ва

---
[157] Кошифӣ, Ҳ.В. Футуватномаи султонӣ. Ахлоқи мухсинӣ. Рисолаи «Ҳотамия» [Матн] / Ҳ.В.Кошифӣ. - Душанбе, 1991. – С.146.

тақдирашонро ба дигарон супоранд, балки барои ба даст овардани шароити моддӣ ва маънавӣ пайваста заҳмат кашанд.

Подшоҳ, аз нигоҳи Кошифӣ, бояд ба одамоне, ки тарзи дурусти зиндагиро намомӯхтаанд, чораҳои муҳим пешбинӣ намояд ва бо сабаби заифии ақлу идрокашон аз онон рӯй натобад. Вале бояд таъкид кард, ки мутафаккир барои бунёди ҷомеаи боадолат идоракунандаи дорои ахлоқро меписандад ва танҳо тавассути ахлоқ мавҷудияти баробариву бародариро тасаввур менамояд.

Агар подшоҳ мувозинатро нигоҳ надорад, ба ақидаи Кошифӣ, онгоҳ ба амал омадани ихтилофҳо миёни ҷомеа сар мезанад. Ба андешаи ӯ, одамон моҳияти ҳаётро танҳо ҳангоми дарк намудани ахлоқ мефаҳманд. Подшоҳ барои ба чунин мартабаи таҳаммулгаройӣ расидан, бояд зербинои идеяҳои маънавӣ ва ақлониро гузорад. Танҳо заковат ва хирад метавонанд шоҳро дар чашми инсонҳо бузург тасвир намоянд ва ба онҳо умед ба ояндаи дурахшонро диҳанд.

Аз мантиқи таълимоти Кошифӣ инчунин бармеояд, ки мубориза барои ҳаёт ҳамеша дар ниҳоди инсонҳо зуҳур мекунад ва вобаста ба иродаи шахсӣ онҳо имкониятҳо ба даст меоранд. Ҳар қадар ин муборизаҳо бешуурона бошанд, ҳамон андоза баробарии иҷтимоӣ аз байн меравад. Дар ҳаёти воқеии инсонҳо ҳодисаҳои зиёд ба амал меоянд ва бояд он ҳодисаҳо сабаби рушди равонии инсон ба сӯи ва баробарӣ гарданд.

Шунидани мардум ва азму иродаро сарфи кори халқ намудани подшоҳ дар таълимоти Кошифӣ аз вазифаҳои асоситарини ҳоким маҳсуб меёбанд. Халқ аз он сабаб ба подшоҳ фикри худро оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ баён менамояд, ки иродаи он тобеи ҳокимият мебошад. Баробарии иҷтимоӣ ҳамон вақт ба вуҷуд меояд, ки подшоҳ ҳамагонро баробар шунавад ва ба онҳо мувофиқи қобилияташон имконият фароҳам оварад. Кошифӣ оид ба ин менависад: "адл хубтарин фазилат аст ва зулм зишттарин разолат аст. Натиҷаи адл бақои мулку вусъати мамлакат аст...".[158]

[158] Кошифӣ, Ҳ.В. Футуватномаи султонӣ. Ахлоқи муҳсинӣ. Рисолаи «Ҳотамия» [Матн] / Ҳ.В.Кошифӣ. - Душанбе, 1991. – С.151.

Дар ҷомеаи боадолат фикру андешаи сулҳ, ахлоқ, эътимоду эҳтиром нисбат ба фикри ҳамдигар ва баробарии имкониятҳо вуҷуд доранд. Тамоми кӯшиши Кошифӣ барои он аст, ки золимон ва мазлумонро ба иттифоқ оварда, байни онҳо баробарии иҷтимоӣ барқарор кунад. Ӯ дар осори худ зарур мешуморад, ки сиёсатмадорон соҳибақлу бечоранавоз ва одамон қаноатпешаю дурандеш бошанд ва ҳамаи аъзоёни ҷомеа аз худхоҳӣ ба худсозӣ гузаранд.

Кошифӣ барои рафъи нобаробариҳо дар ҷомеа ва ҷорӣ намудани баробарӣ сохти подшоҳиеро пешниҳод менамояд, ки дар асоси ахлоқу некӯкорӣ ва илму фарҳанг сохта шуда бошад. Фаҳмидани он душвор нест, ки дар афкори сиёсии Кошифӣ мавзуъҳои салтанат, тарзи идоракунӣ, адл, додгустарӣ ва инсонсозӣ, ки ҳамеша ногусаста аз ҳам баён меёбанд, аз проблемаҳои марказӣ ба шумор рафта, тавсифи баробарии иҷтимоӣ ва мазаммати зулм ҳамеша пайваста таъкид шудаанд. Мутафаккир дар тамоми давраҳои эҷодиёташ ба чунин масъалаҳои иҷтимоӣ рӯй оварда, дар мавридҳои гуногун, мутобиқан ба муҳити иҷтимоӣ ва сатҳи фаҳмиши сиёсии худ, ба ҷомеа ва сиёсатмадорон андешаҳои созанда пешниҳод кардааст.

Дар баробари ин, Кошифӣ дар тамоми фаслҳои асараш “Ахлоқи муҳсинӣ” чунин модели давлатдориро тарғиб менамояд, ки манфиатҳои халқ ва шахс дар он ҳимоят ёбанд. Агар манфиати раъият ҳимоят нашавад, ин боиси бадбахтии мулк ва нестии адолат дар он мегардад. Ба ақидаи ӯ, асосҳое, ки ҷамъияти идеалии инсонӣ дар пояи онҳо бояд бунёд гардад, заҳмату меҳнати пок, ахлоқу адолат ва илму дониш мебошанд. Ӯ аз зумраи он мутафаккиронест, ки сарчашмаи ҳар гуна адолатро дар идеяҳои ахлоқӣ дида, пешравии инсониятро вобаста аз принсипҳои баробарии иҷтимоӣ маънидод мекунад. Баробарии иҷтимоиро бошад, механизмҳои рушди адолат таъмин менамоянд.

Ахлоқ дар таълимоти Кошифӣ ҳадяи тақдир барои инсоният фаҳмида мешавад. Ахлоқ ва баробарӣ монанди обу хок бо ҳам алоқамандии зич доранд, бинобар ин, одамон бояд ба моҳияти ҳарду падида сарфаҳм раванд. Модоме, ки наздикӣ миёни ахлоқ ва баробарӣ вуҷуд дорад, пас фазои ғоявӣ,

фалсафӣ ва шуури ҷомеаро пайваста ба ҳамон самт ҳидоят кардан зарур аст. Махсусан, фаҳмидани он муҳим аст, ки одамон пеш аз он, ки боахлоқ, боадолат ва озод бошанд, аввалан худи ҳамин идеяҳоро бояд дар мафкураашон дошта бошанд. Ахлоқ на танҳо тартибот ва назоратро дар бар мегирад, балки дар як вақт маҳсули амалҳои инсонҳо буда, он заминаи худсозӣ ва худинкишофдиҳӣ мегардад.

Ба ибораи Кошифӣ, арзиши инсон дар он аст, ки ӯ худро ҳамчун шахсияти боирода, бомуҳаббат, бовиҷдон шиносад. Маҳз дар ҳамҷӯрии ахлоқ ва адолат низоми муносибатҳои баробарӣ барқарор мешавад. Гузашта аз ин, ташаккули муносибатҳои иқтисодӣ дар ҳамон ҳолат самараи дилхоҳ медиҳад, ки агар одамон мувозинатро дар қисмҳои таркибии он риоя карда ва ба ҳамдигар хиёнат наварзида, ёрӣ расонанд, зеро бетартибии муносибатҳои иқтисодӣ аз хислатҳои инсонӣ сарманшаъ мегирад.

Кошифӣ муътақид бар он аст, ки баробарии иҷтимоӣ танҳо аз тарафи подшоҳ таъмин карда мешавад. Як лаҳза бетарафӣ ва бепарвоии подшоҳ нисбати халқ имкон дорад ба бадбахтиҳои бузург сабаб шавад. Подшоҳ ҳамон вақт адолатпеша буда метавонад, ки агар идеяи адолат ва ахлокро дар замираш дошта бошад. Подшоҳ муҳити иҷтимоиро меофарад ва онро тайғир медиҳад. Аз ин рӯ, ба ривоятҳои дар ин мавзуъ овардашудаи мутафаккир аз нигоҳи фалсафаи сиёсӣ баҳо додан зарур мебошад.

Кошифӣ инчунин оид ба масоили “саховату эҳсон” руҷуъ менамояд. Саховат, менависад мутафаккир, “сабаби некномӣ ва эҳсон муъҷиби дӯсткомиву ҳуҷастафарҷомӣ аст. Ва ҳеҷ сифате одамиёнро ва хусусан ашрофу бузургони эшонро беҳ аз ҷуду сахо нест”.[159] Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки барҷастагии фард бо саховат ва эҳсонкории ӯ тасдиқ мегардад. Бузургии инсонҳо аз хислатҳое, ки онон дар ботинашон мепарваранд, намоён мешавад. Дар ҷомеа номумкин аст, ки ҳамаи аъзоёнаш саховатпеша бошанд, аммо ба одамони ҳасуд баробар набояд шуд. Таҷрибаи ҳаётӣ ва ахлоқи инсонӣ Кошифиро ба дарки ин мазмунҳо овардааст.

[159] Кошифӣ, Ҳ.В. Футуватномаи султонӣ. Ахлоқи мухсинӣ. Рисолаи «Ҳотамия» [Матн] / Ҳ.В.Кошифӣ. - Душанбе, 1991. – С.165.

Ҳар як бадахлоқӣ, аз диди Кошифӣ, натиҷаи фаҳмиши нодурусти озодӣ ва идора накардани эҳсосоти бад мебошад. Бадахлоқӣ рушди фикри инсонро маҳдуд месозад. Хасисӣ низ нишонаи баланд гузоштани манфиатҳои фардӣ буда, зиёда аз ин, ба комёбии дигарон монеа эҷод мекунад. Ҳасад, рашк, хасисӣ, бадфикрӣ ва дигар иллатҳо дар вуҷуди инсонҳо азалӣ падид намеоянд, балки онҳо маҳсули муҳит ва натиҷаи тарбияи инсон мебошанд.

Саховату эҳсонкорӣ низ хислати модарзодӣ нест, балки маҳсули кӯшиши пайваста ва ногустаи инсон дар ҳаёт мебошад. Одамони эҳсонкор ба моҳияти ҳаёт зуд сарфаҳм рафта, ба нотакрор будани ҳар лаҳзаи умр бовар доранд ва дар бораи корҳои бузург меандешанд. Саховатпешагӣ инсонро водор месозад, то дар тамоми ҳаёти хеш ба одамон чизе дода бошад. Ин гуна шахсиятҳо бо хислатҳои нотакрори худ ба тамоми одамон намунаи ибратбахштарин ва умедбахштарин шуда метавонанд, зеро дар замири онон ҳеҷ гуна ғараз мавҷуд нест.

Мавҷудияти инсоне, ки Кошифӣ тасвир менамояд, дар ҳамаи замонҳо ва дар ҳар гуна ҷомеаҳо новобаста аз миллат ва нажод зарурати таърихӣ мебошад. Маҳз одамони эҳсонкор ба бунёдкориҳо даст мезананд ва ба дигарон имконият меофаранд. Онҳо барои ҷомеаи адолатпарвар замина месозанд ва одамонро дар руҳияи таҳаммулгароӣ, тавоноӣ, инсондӯстӣ, бародарию баробарӣ тарбия мекунанд.

Дар асари “Ахлоқи муҳсинӣ” идеяҳои сиёсии Кошифӣ хеле ба таври равшан маълум гардида, нақши “сиёсат” дар бунёди ҷомеа асосӣ дониста мешавад. Ба назари ӯ, сиёсат дар рафти татбиқи худ бунёди ҷомеаи инсониро шакл медиҳад. Сиёсат, аз ҷониби мутафаккир, сабаби инкишофи ҳар гуна муносибатҳои ҷамъиятӣ ва сарманшаи тартиботи ҷамъиятӣ маънидод мешавад. Аз диди ӯ, бо вуҷуди мавҷудоти бохирад будани одамон аз болои онҳо назорат ва барояшон бунёд кардани тартиботи ақлонӣ ва адолат зарур мебошад.

Барои Кошифӣ сиёсат на тартиботи хушку холӣ, на ба даст овардани сарват, на оромии руҳи одамон, балки қувваест, ки дар тамоми ҳаёт баробарии иҷтимоиро пуштибонӣ менамояд. Баробарӣ маҳз дар назди қонун

ва сиёсат зуҳур мекунад. Ӯ дар хусуси сиёсат менависад: “он забт кардан аст ва доштани сиёсат ду навъ аст: яке сиёсати нафси худ, яке сиёсати ғайри худ. Ва аммо сиёсати нафс бар интизоми ахлоқ замина аст. Ва касби авсофи ҳамида ва сиёсати ғайр аз ду қисм аст. Яке сиёсати хосу муқаррибони даргоҳ ва забту насақи эшон ва дуввум сиёсати авом. Сиёсати авом бар он ваҷҳ аст, ки бадону бадфеълонро бояд, ки пайваста тарсону ҳаросон дорад. Ва некону неккирдоронро умедвор созад”.[160]

Сиёсати нафси худ, дар таълимоти Кошифӣ, маҳдуд кардани талаботҳои беҳудуд аст, ки дар доираи ақл ва адл намеғунҷанд. Аз ин рӯ, онҳое, ки нафси худро идора мекунанд ва умри худро ба некӯкорӣ бахшидаанд, дар ҳаёт аз дигарон бештар худро комёб ва муваффақ меҳисобанд. Онҳое, ки аз идораи нафси худ намебароянд, дар ҳақиқат одамони бадбахт мебошанд. Ҳар гуна мансаб шахсиятро метавонад, комёб гардонад, аммо, танҳо агар инсон суистифода аз он накунад.

Чуноне ки мебинем, дар ин қисми таълимоти Кошифӣ сухан дар бораи худсозӣ ва худидоракунӣ меравад, зеро инсонҳо барои тамоми ҳаёт роҳҳои қонеъ гардонидан ва идора намудани нафси худро тавассути ҳамин худсозӣ ва худҷӯӣ таъмин месозанд. Сиёсати нафсонии фард аз рафторҳои ахлоқиаш муайян мешавад. Барои ин бояд ба одамон чӣ гуна идора кардани нафси фардиро омӯзонид. Бояд одамон дарк намоянд, ки моҳияти онҳо ахлоқ мебошад ва аз ин рӯ, нафс ҳамчун талаботи азалӣ пазируфта шавад. Аммо инсон ҳеҷ гоҳ дар ягон замон набояд ғуломи нафси худ гардад. Одамоне, ки ғуломи нафс мешаванд, дар ниҳояти кор танҳо худро нобуд мекунанд.

Шарти асосии сиёсати нафси худ такя намудан ба ахлоқ ва худсозӣ мебошад. Барои ин бояд инсонҳо ба моҳияти нафси худ сарфаҳм раванд. Ҳар қадар инсонҳо аз идораи нафси худ бароянд, ҳамон андоза баробарии иҷтимоӣ дар ҷомеа ташаккул мeёбад. Ахлоқ одамонро ба тарзи зиндагие роҳнамоӣ месозад, ки дар он ҳам озодии ҳақиқӣ, ҳам баробарии иҷтимоӣ эҳсос карда мешавад. Чунин тарзи зиндагӣ барои инсонҳо мушкил нест,

[160] Кошифӣ, Ҳ.В. Футуватномаи султонӣ. Ахлоқи муҳсинӣ. Рисолаи «Ҳотамия» [Матн] / Ҳ.В.Кошифӣ. - Душанбе, 1991. – С.207.

аммо мушкилии асосӣ дар хоҳиши умум мебошад. Дар ҷаҳон инсонҳои бадахлоқ нисбат ба некахлоқон зиёдтар мебошанд, ҳатто одамони бузург низ дар назди нафсу ҳирс баъзан оҷиз мемонанд. Аз ин рӯ, дар таърихи фалсафаи тоҷик мутафаккирони зиёд аз ҳаёти ҷисмонӣ гузашта, ба олами руҳонӣ наздик шудани инсонҳоро аз омилҳои калидӣ барои бунёди баробарии иҷтимоӣ ва ҷомеаи боадолат медонанд. Дар ҷаҳонбинии Кошифӣ низ ахлоқ на дар шакли умумӣ, балки дар шакли як системаи муайян ҷой дорад. Инкишофи ахлоқи фардӣ дар он ба рушди коллектив сабаб мегардад. Идораи нафс дар ин таълимот охирин нуқтаи поксозии замири инсонҳо маънидод мешавад. Чунин сиёсат бо ахлоқ ҳамоҳангӣ дошта, агар инсонҳо ба чунин сиёсат рӯ оранд, онгоҳ дар ҷомеа дуздӣ, ришваситонӣ, фоҳишагарӣ, хиёнаткорӣ ва дигар иллатҳои умумиинсонӣ ба вуҷуд нахоҳанд омад, ки ба адолат ихтилоф доранд.

Бояд хотиррасон намуд, ки ахлоқи ҷамъиятиро Кошифӣ дар маънои нисбӣ намефаҳмад ва иҷрои онро барои ҳамаи инсонҳо имконпазир меҳисобад. Ахлоқи пок дар ду олам инсонҳоро ба саодат мерасонад, бадахлоқӣ ба бадбахтӣ мебарад. Бояд қайд намуд, ки идеяи бартар аз баробарии иҷтимоӣ ва адолат дар ҷаҳон вуҷуд надорад, аммо ҳаёт муаммоҳо дорад. Ин хуб аст, ки одамон зиндагии худро сохта тавонанд, лекин хубтарин роҳ ба сӯи адолат танҳо тавассути ахлоқ имконпазир аст.

Таҳлилҳои боло ба чунин хулоса меоранд, ки барои Кошифӣ берун аз ахлоқ ҳеҷ чиз вуҷуд надорад ва ҳеҷ чизи ғайриахлоқӣ абадӣ намемонад.

Аз нигоҳи Кошифӣ, сиёсати хосон ё арбобони давлат дуюмин навъи сиёсати идоракунӣ маҳсуб мешавад. Арбобони давлат бояд фардҳое бошанд, ки хислатҳо ва омилҳои пешрафт ва маҳдудияти халқро донанд. Ба одамони гунаҳкор ва бегуноҳ набояд якранг муносибат кунанд. Дар ин самт подшоҳ бояд суботу пойдорӣ ва роҳи ҳалли мушкилоти ҷомеаро дида тавонад.

Ба ҳамин тариқ, Кошифӣ ахлоқро чун роҳи асосии расидан ба баробарии иҷтимоӣ ва ҷомеаи боадолат мебинад. Ҳар он чизе, ки берун аз ахлоқ аст, аз диди ӯ, ба инсонҳо зарар дорад. Ҳар он чизе, ки ба инсонҳо раво дида мешавад, бояд дар тарозуи ақлу ахлоқ баркашида шавад. Дар ин самт

на ҳар он чизе, ки воқеӣ аст, оқилона мебошад. Ҳама чиз дар асоси ақл ва ахлоқ метавонад дуруст бошад. Сиёсатмадорон, аз нигоҳи мутафаккир, бояд ба хотири баробарии иҷтимоӣ ва адолат мубориза баранд. Идеяҳои онҳо ва тарзи зиндагии онон ба руҳияи мардум таъсирбахш аст. Ҷомеа аз диди фалсафаи иҷтимоию сиёсӣ идеалӣ буда наметавонад, лекин дар он набояд идеяи беадолатӣ ҳукмрон бошад.

Дар баробари таълимоти ахлоқӣ, дар шинохти моҳияти баробарии иҷтимоӣ накши намояндагони яке аз мактабҳои бузурги фарҳанги ниёгони мо - тасаввуф низ арзишманд аст. Ин ҷараён "ҳамчун омезиши дину фалсафа, афкори дунявиву ирфонӣ аз таълимоти пешгузаштагони исломии мо, ақидаҳои Қуръону ҳадисҳои пайғамбар ва ҷараёнҳои мухталифи дигаре реша гирифта, дар тули зиёда аз даҳ сада бо роҳҳои гуногун инкишоф ёфтааст"[161].

Инҷо, ҳамчунин, бояд зикр намуд, ки идея дар бораи адолат, озодӣ ва баробарӣ дар тамаддуни ҳар қавму миллат вобаста ба таърихи онҳо бо таври гуногун зуҳур намуда, ба чеҳраҳое, ки воқеияти таърихиро аз ягон ҷиҳат мушаххас медоранд, муайян мешавад. Фикрҳо дар хусуси баробарӣ ва нобаробарӣ, адолат ва беадолатӣ дар мадди назари пешқадамтарин шахсиятҳо қарор гирифта, сабаби пешрафтҳо дар ҳаётӣ ҷамъиятӣ гардидаанд. Интихоби чунин роҳи душвор, яъне мубориза баҳри адолат, озодӣ ва баробарӣ танҳо дар замири фарзандони фарзонаи ҳар халқу миллат месабзад ва оламро бо чароғи умедбахшаш мунаввар мегардонад. Ин шахсиятҳо дар кадом макон ва замоне набошанд ҳам, бо тамоми ҳастии хеш барои як чиз, яъне дарёфти роҳҳои таъмини адолат мубориза мекунанд.

Яке аз чунин мутафаккирони тоҷику форс ва ҷаҳони исломӣ, намояндаи тасаввуф Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ маҳсуб меёбад. Ғояву андешаҳои ӯ, қабл аз ҳама, дар рушди тафаккуру ҷаҳонбинии ҷомеа нақши равшан гузоштаанд. Асарҳои пурарзиши Ҳамадонӣ, ки зиёда аз шашсад сол ин тараф одамонро ба заҳматкашӣ, ростандешӣ, поквиҷдонӣ, адлу адолат, дӯстиву сулҳ, садоқат, некӣ ва некӯкирдорӣ ҳидоят кардаанд, арзишҳои маънавии

[161] Зиёев, Х. Мавлоно (Ҳаёт, таълимот ва сайри таърихии андешаҳои Ҷалолуддини Румӣ) [Матн] / Х.Зиёев. – Душанбе: Дониш, 2007.- С. 3.

кӯҳнанашаванда мебошанд. Аз зиндагиномаи ин шахсияти заҳматписанд хоҳем дид, ки мақому манзалат ва осори ӯ дар таҳкими илмҳои динӣ, ғояҳои ахлоқӣ ва бунёди рукнҳои он хеле пурарзиш буда, одамонро ба моҳияти фаҳмиши сиёсиву динии масъалаҳои иҷтимоӣ наздик месозанд.

Ақидаҳои сиёсиву давлатдории Ҳамадонӣ, ки, аз ҷумла, дар асари барҷастааш "Захирату-л-мулук" инъикос ёфтанд, баёнгари шуур ва ҷаҳонбинии сиёсии мутафаккир мебошанд. Асари мазкур "муҳимтарину бузургтарини осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аст, ки мавзуи он илми ахлоқ ва сиёсати маданӣ аст ва шояд дуввумин китоби муҳимми форсӣ бошад, ки дар сиёсати маданӣ таълиф гардидааст (пас аз "Ахлоқи Носирӣ" таълифи Хоҷа Насриддини Тӯсӣ (соли тав.672), вале аз лиҳози мазмун беназир ва бо ҳеҷ як қобили муқоиса нест".[162]

Ҳамадонӣ ҳамчун илоҳиётшиноси закӣ ва намояндаи бузурги тасаввуф дар чаҳорчӯби дини ислом ба масъалаҳои сиёсати идоракунӣ ва вазифаи сарварон назари махсус намудааст. "Захирату-л-мулук" ва "Рисолаи қуддусия"- и мутафакир дорои фикрҳои сиёсиву иқтисодӣ, ахлоқиву психологӣ ва фалсафӣ низ ба ҳисоб меравaнд. Дар асоси таълимоти Ҳамадонӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки ӯ давлату давлатдориро кори саҳл намедонад. Ҳамадонӣ решаҳои аслии масъалаи баробарию адолатро аз нигоҳи фалсафаи дин ва сиёсат маънидод намуда, ба ҳокимони замон роҳи рушди ҷомеаро нишон медиҳад.

Барои таъмини адолат ва баробарии иҷтимоӣ мутафаккир ба ҳокимон ва арбобони сиёсии давлат даҳ шартро ҳатмӣ медонад. Ҳар гуна воқеа ва ҳодисае, ки дар ҷомеа зуҳур мекунад, бояд ба андешаи Ҳамадонӣ "подшоҳ ва ҳоким худро яке аз раоё дар он воқеа тасаввур кунад ва дигаре баробари худ ҳоким бинад ва дар он ҳол ҳар ҳукм, ки аз дигаре бар худ раво намедорад, мисли он аз худ бар дигаре раво надорад ва ҳар чӣ бар худ намеписандад, бар ҳеҷ мусулмон написандад".[163]

---

[162] Риёз, М. Аҳволу осор ва ашъори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (бо шаш рисола аз вай) [Матн] / М.Риёз. Маркази таҳқиқоти Эрону Покистон, 1991, Исломобод, Душанбе, Ирфон, 1995.- С.121.
[163] Ҳамадонӣ, М.С.А. Захиратулмулк [Матн] / М.С.А.Ҳамадонӣ. - Душанбе., 2008. – С.123.

Масъулияти таърихӣ доштани подшоҳ ва ҳокимро дар назди ҷомеа Ҳамадонӣ дар нигоҳ доштани баробарии иҷтимоӣ мебинад. Баробарӣ дар ҳамон маъност, ки ҳокимон набояд, ки худро аз ягон афроди ҷомеа боло ҳисобанд. Ғами халқ бояд ғами подшоҳ бошад, зеро ҳоким шахсиятест, ки ба сарнавишти одамон таъсир мегузорад.

Воқеан ҳам, дар асоси андешаҳои мутафаккир моҳияти ҳаёти сиёсӣ, тарзи системаи идоракунӣ ва омилҳои бунёдии адолати иҷтимоиро дарк кардан мумкин аст. Аз таҳлили шарти аввал бармеояд, ки мутафаккир дар вақти таҳлил ва муайян намудани вазифаи ҳокимон ба эҳсосот дода намешавад, ки ин тавофути назариявӣ нисбат ба пешгузаштагонаш дорад: "Агар аксари мутафаккирон подшоҳро фиристода дар рӯи замин ва сояи Худо донанд ва ҳукми подшоҳро мутлақу худи ӯро аз ҳама волову дастнорас шуморанд, Ҳамадонӣ аз шоҳ талаб мекунад, ки ӯ дар ҳалли масъалаҳои сиёсӣ ва воқеаи пешомада худро баробари дигарон тасаввур намояд ва дигаронро ҳокиму хешро ба ҷои эшон бинад”.[164] Ба андешаи мо, баён карда тавонистани чунин андешаҳои ақлонӣ ва мантиқӣ дар замоне, ки гуногунфикрии сиёсӣ (плюрализм) инкишоф наёфта буд ва тафаккури хосу ом ба қабули он тайёр набуд, кори душвор ва ҷиддӣ барои мутафаккир мебошад.

Ба вазифаи дуюми подшоҳ Ҳамадонӣ чунин шартҳоро ворид намудааст: “шарти подшоҳи мусулмон он аст, ки пайваста мунтазири ҳоҷоти муҳтоҷон бошад ва чун донад, ки мусулмоне бар дари хонаи ӯ мунтазир ва муҳтоҷ аст, то ҳоҷати ӯ кифоят накунад, ба ҳеҷ ибодате машғул нашавад ва ба ҷиҳати роҳати нафси худ эҳмоли ҳоҷоти мусулмонон раво надорад”.[165]

Дар асоси ин гуфтаҳо метавон хулоса намуд, ки мутафаккир адолатро дар маънои васеъ аз нигоҳи фалсафаи сиёсӣ ва динӣ мефаҳмад. Хулосаи муҳим ин аст, ки вақте одамон бо хӯрдан, пӯшидан ва хонаю ҷой таъмин нестанд, ба ибодат машғул шудани ҳокимро Ҳамадонӣ ҷоиз намеҳисобад. Барои ӯ хизмат кардан ба халқ ин, пеш аз ҳама, хидмат кардан ба Худованд маҳсуб меёбад. Подшоҳ бояд бо ғами дигарон зиндагӣ кунад ва инро қарзу

---

164 Андешаи миллии тоҷикон: Марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушд [Матн] / (Муҳаррири масъул: Олимов К.О., Сайфуллоев А.С.). – Хуҷанд: Ношир, 2011. – С.303.

165 Ҳамадонӣ, М. Захиратулмулк [Матн] / М.Ҳамадонӣ. - Душанбе, 2008. - С.124.

фарзи азалии хеш ҳисобад. Касе, ки сарварии як халқро ба уҳда мегирад, хӯру хобу роҳатро бояд фаромӯш намояд ва ба сарнавишти дигарон набояд бепарвоӣ зоҳир намояд. Ҳоким бояд ҳамвора дарду ҳасрати одамонро шунида тавонад ва ниёзмандонро ҳеҷгоҳ бо беадолатӣ навмед насозад.

Аз нигоҳи Ҳамадонӣ, подшоҳ, агар шароитҳои иқтисодиро рушд надиҳад, ҷомеа ба буҳрони маънавию моддӣ гирифтор мешавад. Азбаски одамон гуногунтабақаанд мутафаккир мехоҳад, ки онҳое, ки имкониятҳои бузург доранд, бояд ба муҳтоҷон кӯмак расонанд. Ҳоким бояд дар партави некӯкорӣ ва қонуну усулҳои мушаххаси баробарҳуқуқӣ масъалаҳои муҳими иҷтимоиро ҳал созад. Барои ҳалли муаммоҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ шоҳро зарур аст, ки ба моҳияти дониш, фаҳмиш, қудрат, тасаввурот ва эътимоду эътиқод сарфаҳм равад. Дониши роҳбари давлат ба муқобили беадолатӣ ва бетартибӣ бояд аз таҷрибаи ҳаёт сарчашма гирад. Бо доштани таҷриба ва амалкардҳои бошуурона ҳоким ҳамчун шахсияти сиёсӣ вазифаи таърихии хешро бояд дар назди кишвараш иҷро намояд. Шахсияти подшоҳ барои ҷомеа бояд аз ҳар ҷиҳат намунаи ибрат дар адлу инсоф бошад. Одамон адолатро аз шоҳ медонанд ва дар хусуси амалкардҳои ӯ тавассути ҳамин мулоҳиза меронанд. Барои подшоҳ фоҷиа аст, ки мардум аз кирдору пиндору гуфтори ӯ ва беадолатию беинсофияш норизо бошанд.

Дар навбати сеюм ҳоким бояд, ки "дар хӯрдан ва пӯшидан иқтидо ба сирати хулафои рошидин кунад ва нафсро ба таомҳои хуш хӯрдан ва ҷомаҳои баталлуф одат накунад".[166] Агар муносибати подшоҳ ба хӯрдан ва пӯшидан дар доираи одоб ва ахлоқ сурат гирад, аз диди Ҳамадонӣ, ӯ метавонад шахсияташро ҳамчун инсони хоксор, нексиришт, бекарруфар ва боадолат нишон диҳад. Бо хӯрдану пӯшидани зиёд сарнавишти инсон дигаргун намешавад, балки идора накардани эҳсосҳои нафсонӣ шахсияти подшоҳро дар ҷомеа беқадр месозад. Мардум ба рафтори ҳоким нигоҳ карда, ба оянда эътимод мекунанд. Ҳоким бояд ба халқаш комилан эътимод намояд ва донад, ки тафаккуру тасаввуроти он дар кадом сатҳ қарор дорад.

[166] Ҳамадонӣ, М. Захиратулмулк [Матн] / М.Ҳамадонӣ. - Душанбе, 2008. – С.124.

Ҳамадонӣ дар шарти чаҳорум менависад: “он, ки дар ҳукм сухан ба мадоро гӯяд ва ба муъҷиб дурруштӣ накунад ва аз шунидани ҳуҷҷати бисёр малул нагардад ва аз сухан гуфтан бо заифон ва мискинон нанг надорад”.[167] Мутафаккир ба хубӣ дарк намудааст, ки он подшоҳи замон, ки аз ҷониби халқ интихоб шудааст, бояд ба тамоми одамон эҳтиром зоҳир намояд. Хислати хубтарини ҳоким дар он зоҳир мегардад, ки ба ҳамаи одамон новобаста аз мавқеи иҷтимоӣ ва сиёсиашон баробар нигоҳ карда тавонад. Дар вақти сухан гуфтан ҳоким набояд ба ҳиссиёт дода шавад. Агар дар вуҷуди ӯ такаббур ҷой гирад, ӯ наметавонад ба ҳамагон якранг нигарад.

Ба ҳамин гуна, метавон хулоса намуд, ки инсонҳо ба ҳокими худписанд наметавонанд камбудиҳояшонро баён созанд ва ормонҳои қалбашонро изҳор доранд. Худписандии ҳоким на танҳо ӯро аз халқ дур месозад, балки ба адолат ҳамчун падидаи нодир дар ҷомеа шикаст меорад. Аз ин мебарояд, ки ҳоким бе ахлоқ ва маънавиёт наметавонад, ки ба амалҳои бузург даст занад ва ба эҳтироми халқ сазовор гардад. Инҷо, дар баробари моҳияти фалсафӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ, Ҳамадонӣ тарафҳои равонӣ доштани масъалаи идоракуниро низ нишон медиҳад. Дар руҳияи ахлоқӣ тарбия намудани шоҳон адолату баробарии иҷтимоиро таъмин месозад. Дар ин самт тайғир додани руҳия ва тафаккури халқ кори мушкилтарин аст. То он вақте, ки шуури ҷамъиятӣ рушд накунад, инсонҳо ҳуқуқҳои якдигарро поймол менамоянд. Рушд ва дигаргун сохтани тасаввуроти инсонҳо дар бораи ҳаёти иҷтимоӣ метавонад зиндагии онҳоро сифатан нав созад.

Дар шарти панҷум Ҳамадонӣ мегӯяд: “он, ки ба ҷиҳати ризои халқ дар ҳукм сустӣ ва мудоҳанат накунад ва барои хушнудии ҳар кас мухолифати шаръ ва Ҳақ раво надорад ва бидонад, ки хосияти ҳукумат он аст, ки пайваста нимаи халқ аз ҳоким нохушнуд бошанд, зеро ки ду хасм ба ҳақ хушнуд натвон кард ҳусули ризои ҷомеа, халқ аз ҳокими одил мумкин нест”.[168]

Рисолати шоҳро Ҳамадонӣ дар фаҳмиши ҳақиқат аз ризоияти умум боло медонад. Агар одамон ба қарори ӯ розӣ набошанд, ин ҳоло маънои онро

[167] Ҳамадонӣ, М. Захиратулмулк [Матн] / М.Ҳамадонӣ. - Душанбе, 2008. – С.124.
[168] Ҳамон ҷо. - Душанбе, 2008. – С.124.

надорад, ки подшоҳ беадолатона ҳукм кардааст. Подшоҳ бояд ҳақиқату адолатро чун арзиши волотарини умумиинсонӣ қабул намояд ва барои онҳо мубориза барад. Инҷо маълум мегардад, ки амният ва баробарии иқтисодии ҷомеа, аз нигоҳи Ҳамадонӣ, мутлақ буда наметавонанд ва хушбахтии умум низ баробар ҳосил намешавад. Ҳамаи муносибатҳои иҷтимоӣ характери нисбӣ доранд. Бояд одамон барои адолати умум баробар кӯшиш намоянд, зеро он танҳо ба амалкардҳои подшоҳ тобеъ буда наметавонад.

Ҳамадонӣ рисолати хешро ҳамчун олим дар мубориза алайҳи нобаробарӣ, бевиҷдонӣ, камбизоатии маънавӣ, фиребгарӣ, душманӣ дарк намуда, тавассути идеяҳояш ба шоҳон ҳушёрӣ медиҳад, ки аз чунин хислатҳои инсонсӯз эмин бошанд. Дар ҳақиқат, манфиатҳои умум сармояи муҳимми иқтисодиву иҷтимоӣ буда, барои дифои он подшоҳро заковату чораандешии сиёсӣ лозим аст. **И**стифода аз қонунҳо ва ҳукмномаҳои аз ҷониби подшоҳ эҷодгардида барои пойдории баробарии иҷтимоӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ хизмат менамояд.

Шашумин шарт ба шоҳ, аз нигоҳи Ҳамадонӣ он аст, "ки аз хатари ҳукумат ва вилоят ғофил набошад ва яқин донад, ки мансаби иморат ва ҳукумат олатест, ки бад-он ҳам саодат ва некномии охират метавон касб кард ва ҳам шақоват ва бадномӣ ва гирифтории абадӣ бад-он ҳосил мешавад ва бештари мулук ва ҳуккоми рӯзгор аз ин қабиланд, ки ба давлати муқаддари фонӣ мағрур шуданд".[169] Мутафаккир муътақид аст, ки ғофилии шоҳ ҷомеаро ба бадбахтӣ мебарад. Таҷрибаи аҷлонии инсоният гувоҳ аст, ки давлат одамонро муттаҳид месозад ва он воқеияти оқилона мебошад. Пароканда шудани давлат аз сабаби сустии дастгоҳи идоракунии шоҳ ба амал меояд. Давлат барои Ҳамадонӣ таъминкунандаи адолат буда, ҳомии он подшоҳ маҳсуб меёбад.

Аз сабаби он, ки иродаи халқ ба ҳокимият тобеият дорад ва ҳаёти одамон вобастаи он аст, пас заифии шоҳ ва сустиродагии идоракунандагон ба ҳукумат хатар меорад. Шоҳ агар қудраташро ба система дарорад, онгоҳ мушкилиҳои зиёди ҷомеаро ҳал менамояд. Тафаккури ояндабинӣ надоштани

[169] Ҳамадонӣ, М. Захиратулмулк [Матн] / М.Ҳамадонӣ. - Душанбе, 2008. – С.125.

подшоҳ ва ҳал накардани муаммоҳои кӯчак, оҳиста-оҳиста ҷомеаро ба буҳрони иқтисодӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ғ. гирифтор мекунад. Ҳар як хатар ба тавлиди хатари нав сабаб мешавад. Аз ин рӯ, дар назди шоҳ вазифаи аслӣ, пеш аз ҳама таъмини адолат мебошад.

Оид ба шарти ҳафтум дар нисбати ҳоким Ҳамадонӣ чунин гуфтааст: «он, ки дар зиёрат ва суҳбати сулаҳо ва уламои дин роғиб бувад, агарчи ин қавм дар ин рӯзгор камёфт ва азизанд, хоса дар ин диёр».[170] Дин барои Ҳамадонӣ ахлоқи сиёсиро нигоҳ медорад. Уламои ин соҳа дар таҳлили муносибатҳои иҷтимоӣ иштирок менамоянд. Подшоҳ бояд бо ҳамаи қишри ҷомеа суҳбат намояд ва аз андешаҳои онон хабардор бошад. Ҳар як минтақаи кишвар урфу анъана ва тафаккури ба худ хосро соҳиб аст. Ба ҳамаи мардуми минтақа муносибати баробар доштани ҳоким баробарии сокинон ва адолатро пойдор сохта, одамонро зери қонунҳои ахлоқӣ муттаҳид менамояд. Муносибати наздик доштани шоҳ бо уламо амали хирадмандона аст, зеро барои идораи халқ андешаи дигаронро ба инобат гирифтан зарур мебошад. Ҳокимон дар баррасӣ намудани масоили умдаи ҷомеа машварати уламоро бояд зарур шуморанд. Дар навбати худ, уламо низ аз маслиҳати ҳокимон дар канор набошанд. Ин андешаҳои  Ҳамадонӣ дар асоси идеяҳое бунёд шуданд, ки қариб ба тамоми давраҳои таърихӣ дуруст меоянд.

Ҳаштум шарт бошад, барои ҳоким ин аст: «он, ки ба сабаби таҷаббур ва такаббур халқро аз худ муставҳиш нагардонад, балки ба адл ва эҳсон ва шафқат бар заифон ва зердастон худро маҳбуби раоё гардонад».[171] Ҳокими беҳтарин барои мутафаккир ҳамонест, ки халқ ба ӯ эътимод дорад ва ӯ ба халқ садоқат дорад. Бадтарин ҳоким ҳамонест, ки халқ аз ӯ нафрат дорад ва ӯ низ ба халқ содиқ нест.  Чизе, ки подшоҳро бо халқ наздик менамояд, ин мавҷудияти ҳисси муҳаббат ва адолат нисбати халқ мебошад ва онро ҳар як субъекти ҷомеа аз ҳоким мунтазир мешавад. Дар чунин сурат, подшоҳ метавонад манфиатҳои объективиро аз манфиатҳои субъективӣ боло гузорад. Такаббур ҷараёни ба эҳсосоти манфӣ роҳ додани шоҳ маҳсуб меёбад. Ба худ

---

[170] Ҳамадонӣ, М. Ҳамон асар [Матн] / М.Ҳамадонӣ. – Душанбе, 2008. – С.125.
[171] Ҳамон ҷо. - Душанбе, 2008. – С.126.

иҷозат додани эҳсосҳои манфӣ ва идора накардани манфиатҳои фардӣ шоҳро дар назди ҷомеа беқадр мегардонад ва адолатро хароб месозад.

Андешаҳои болозикри Ҳамадонӣ танҳо барои дар руҳияи ахлоқӣ тарбияи намудани шоҳон набуда, балки фаротар аз он, яъне рушд додани илм, адабиёт, фарҳанг ва санъат мебошанд, зеро инсоният ба ин арзишҳо дар ҳамаи давраҳои таърихӣ ниёз доранд. Дар ростои таҳлили масъалаҳои номбаршуда метавон гуфт, ки Ҳамадонӣ нақши шоҳро дар таърих хуб дарк карда, онро сабабгори рушд ва ё бухрони ҷомеа ва таъмини баробарии сокинону адолати иҷтимоӣ маънидод кардааст.

Дар нӯҳумин шарти худ дар нисбати ҳокимон мутафаккир менависад: «Ва чун зулм ва хиёнати яке зоҳир шавад (сиёсатмадоронро дар назар дорад - А.С.), ӯро ба муохаза ва уқубат ибрати дигарон гардонад ва дар сиёсати подшоҳӣ мусоҳалат раво надорад ва арбоби давлатро ба насиҳат ва сиёсат муҳаззаб гардонад».[172] Дар ҳақиқат, вазъи ҳаёти ҷомеаро муносибати байниҳамдигарии гурӯҳҳои иҷтимоӣ муайян менамояд. Чизи хеле муҳим рушдёбии сатҳи руҳиву ҷисмонии (психофизикӣ) инсонҳо мебошад, зеро ташаккул наёфтани шахсияти ҳоким сабабгори монеаҳо дар муносибат бо одамон мегардад. Амалҳову рафторҳои арбобони давлатро подшоҳ бояд назорат намояд ва мувофиқ бар он мукофот ё ҷазо диҳад. Беназоратӣ ва бематонатии подшоҳ мумкин аст, ки сарчашмаи ҳар гуна нобаробарӣ ва норозигии умум дар ҷомеа гардад. Подшоҳ дар доираи фаъолияти худ метавонад, ки рафтори субъектҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, динӣ ва ғайраро мушоҳида намояд ва аз қобилияту истеъдоди эшон хабардор гардад.

Таҳлили воқеии ҳаёти ҷамъиятӣ аз ҷониби ҳоким нишони худшиносии ӯ маҳсуб меёбад. Ҷаҳонбинии баланди сиёсӣ ва иқтисодӣ доштани подшоҳ мардумро аз камбизоатӣ наҷот медиҳад. Камбизоатии мардум аз сабаби камбизоатии ақл ва ахлоқ тавлид мегардад. Подшоҳ дар кадом руҳия ҷомеаро тарбия намояд, он ба ҳамон самт ҳаракат мекунад.

Ҳамадонӣ мехоҳад, ки подшоҳ гурӯҳи идоракунандагони ҷамъиятро аз фардҳои некӯкор, таҳаммулгаро, дурандеш, хоксор, илмдӯст интихоб намояд.

[172] Ҳамадонӣ, М. Захиратулмулк [Матн] / М.Ҳамадонӣ. - Душанбе, 2008. – С.126.

Ӯ шуҷоатмандона ҳокимонро даъват менамояд, то ба одамони бенаво ва роҳгумзада сухбат ороянд, зеро ба василаи сухбатҳо онҳо метавонанд аз ҳаёту рӯзгори мардум дарак ёбанд ва дар кадом сатҳи иқтисодӣ қарор доштани онҳоро бифаҳманд. Ҳоким ва ё мансабдоре, ки ба ҷиноят даст мезанад, бояд ҷазо бинад, то дигарон худро дар ҳолати амну адолат эҳсос намоянд. Ба фикри мутафаккир «мансаб ин чизест, ки ба воситаи он ҳоким метавонад ё соҳиби саодат ва некномӣ шавад ё гирифтори лаънати мардуму бадномӣ гардад».[173]

Аҳаммияти таърихию ғоявии асари Ҳамадонӣ “Захирату-л-мулук”-ро ақидаҳо оид ба пешрафти маънавии ҷомеа, ба камолоти ақлонӣ расидани ҳокимон, ташаббускориву корнамоӣ, эҳёи анъанаҳои инсонӣ, таъмини адолату баробарии иҷтимоӣ ташкил медиҳанд. Мутафаккир дар ин асар ҳисси озодихоҳии инсонро вобаста аз сифату суннати шуур ва муҳити иҷтимоӣ медонад. Гузашта аз ин, Ҳамадонӣ таълимоти динӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ ва сиёсиашро на фақат барои ҳокимон пешниҳод кардааст, балки фаротар аз он, онҳоро ба ҳамаи фарзандони инсон тавсия намудааст.

Таълимоти Ҳамадонӣ дар тасвири ҷомеа басо рангин буда, он дар руҳияи тарбияи эстетикӣ ва ахлоқӣ баён гардидааст. Ӯ чун фарзанди замони худ ба қувваи насиҳат, гуфтори хеш ва ба таъсири онҳо ба шуури ҷамъиятӣ бовар дорад. Албатта, назария дар шакли насиҳат яку якбора шуури сиёсии ҷомеаро рушд намедиҳад ва ин раванди мураккаб ва дароз ба шумор меравад, вале дар ниҳояти кор натиҷаҳои дилхоҳ меорад. Бештари андешаҳои инсоншиносон ва ҷомеашиносон дар хусуси ахлоқ ба раванди ҳаёти амалии ҷомеа таъсире мерасонанд ва ин назарияҳои ахлоқӣ як роҳи асосӣ ба сӯи баробарӣ ва адолат дар ҷомеа мебошанд.

Шарти даҳум барои ҳокимонро Ҳамадонӣ чунин шарҳ додааст: «он, ки фаросат бар ҳоким ва подшоҳ воҷиб аст, ки дар мабонии ҳудуси ҳаводис ва маонии вуқуи воқеъ ба имъон назар кунад ва дар мазҳари фаҳм ва ақл ҳақиқати ҳар ҳукмро мушаххас гардонад».[174] Фаросат ва ояндашиносӣ падидаҳои фалсафию ахлоқӣ буда, ҳама фарзандони одам аз азал ниёзманди

---

[173] Абдураҳимов, Қ.С. Афкори педагогии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ [Матн] / Қ.С.Абдураҳимов. Душанбе: Ирфон, 2003. –С.113.

[174] Ҳамадонӣ, М. Захиратулмулк [Матн] / М.Ҳамадонӣ. – Душанбе, 2008. – С.126.

он будаанд ва то абад ҳамин тавр хоҳад монд. Ҳоким ҳамон вақт ба эҳсосот, руҳафтодагӣ, ҳарос, дудилагӣ, дода намешавад, ки ба фаросати сиёсии худ эътимод намояд. Ҳамадонӣ хеле ҷиддӣ дарк мекунад, ки фаросати сиёсӣ, қобилияти таҳлил надоштани ҳоким адолатро аз миён бурда, ҷомеаро ба буҳрони сиёсӣ гирифтор менамояд.

Зимнан бояд гуфт, ки то имрӯз давлатҳо ва миллатҳо тавассути идеяи сиёсатмадорон ва бо заҳмати одамони таърихӣ пойдор мондаанд. Ҳамадонӣ ҳарчанд ҳаёти худро ба илмҳои сиёсатшиносӣ ва равоншиносӣ набахшида бошад ҳам, метавон гуфт, ки фикрҳои ӯ перомуни давлат ва давлатдорӣ хеле дақиқ ва ба воқеияти иҷтимоӣ наздик мебошанд. Дар фаҳмиши умумии ин мутафаккир, ҳисси адолатхоҳӣ на танҳо сифати ахлоқии ҳокимро инъикос менамояд, балки ҳамчун корнамоӣ дар фаъолияти вай ҷойгоҳи устувор пайдо мекунад, афкори солими ӯ ҳамоҳангии рафтору кирдор ва тафаккури тозаро оид ба маънавиёти халқ фароҳам месозад, ки тавассути онҳо ғояи адолат ва баробарӣ дар ҷомеа ҳукмрон мешавад.

Тавре, ки маълум мегардад, руҳияи комилан гуманистии ҳокимон, ки бадбинӣ ва беадолатиро инкор намуда, хосияти ихтиёрии худташаккулдиҳии одамонро тавқият мебахшанд, барои инкишофи баробарии иҷтимоӣ замина меофарад. Ҳамадонӣ дар тасвири баробарии иҷтимоӣ тамоми неруи ақлониву зеҳнии худро сарф намуда, дар ҳаёти одамон хушбахтиро фароҳам овардан мехоҳад. Ӯ дар ин росто миёни муносибатҳои динӣ ва сиёсӣ алоқамандиро ворид кардан мехоҳад ва онро роҳи расидан ба ҳамдигарфаҳмии ҷомеа ва таъмини адолату баробарӣ дар он маънидод мекунад. Давлат барои Ҳамадонӣ асоситарин дастгоҳи идоракунӣ, дифоъкунандаи ҳуқуқҳои табиӣ ва амалишавии орзуҳои умумиинсонӣ мебошад. Подшоҳону ҳокимон бошанд, дар назди имрӯзу ояндаи сарнавишти одамон ва адолат дар нисбати онҳо ҷавобгар мебошанд.

Ба ҳамин тариқ, дар асари Ҳамадонӣ “Захирату-л-мулук” мафҳумҳои бародарӣ, инсондӯстӣ, муҳаббат, наранҷондан, наҳаросидан, иродаи матин доштан, ҳокими бофаросат, маърифату ҳикмат, ба сарнавишти зердастон беэътибор набудан ва амсоли он аз омилҳои калидӣ барои бунёди ҷомеаи

боадолат ва ба ҳайси заминаи ташаккули баробарии иҷтимоӣ дар ҷомеа истифода шудаанд.

Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492) низ яке аз намояндагони маъруфи мактаби тасаввуф маҳсуб меёбад. Тасвири ҷомеаи идеалиро пеш аз ӯ Афлотуну Арасту дар марзи Юнонзамин ба миён гузошта, орзуяшон тарбияи шоҳони фалсафадон буд. Зимнан, «аз ҷиҳати сотсилогию психологӣ утопияро метавон василае донист, ки тавассути он ашхоси мутафаккир як олами маънавӣ офарида, худро аз дунёи ҳастӣ дур меандозанд ва дар сарои фарохи он озодона нафас мегиранд, зеро дунёи ҳастӣ, ки аз азал дунҳимату сифлапарвар будааст, усулан аҳли ҳиссу ҳолро намеписандад».[175]

Андешаҳои баробарии иҷтимоиро дар тасаввуф мо дар мисоли достони машҳури Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ «Хираднома Искандарӣ» мушоҳида мекунем. Адолат барои Ҷомӣ дар асосӣ идеали баробарӣ ва принсипҳои маънавӣ бунёд мешавад. Одамон дар хусуси тақдиру толеъ, пешомади ҳаёти минбаъдаашон андеша меронанд. Ҳамзамон, саволҳое ба миён меонд, ки одамон оё табиатан бадхӯ ҳастанд ва ё некхӯ, онҳо табиатан баробар офарида шудаанд ё нобаробар, инсони комил маҳсули муҳит аст ё истеъдод ва ғайра. Барои ба чунин саволҳо ҷавоб додан, Ҷомӣ ба ҳалли муаммои баробарӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ, ҳокими одил ва дигар масъалаҳои ҳаётан муҳимми инсоният таваҷҷуҳ намудааст. Аз ин рӯ, аз фалсафаи сиёсии ӯ ба хулосае меоем, ки бо маънавиёт, бо виҷдону адолат зистан қаҳрамонӣ набуда, балки қарзи азалии фарзанди инсон аст:

Зи адл аст ин гӯи гардон ба пой,
Зи адл аст тангмайдон ба ҷой.[176]

Адолат барои Ҷомӣ меъёри асосие мебошад, ки дар моҳияти он неруи ҳақиқатдӯстии инсон меистад. Барои ҳисси баробарӣ бо одамонро доштан, бояд нахуст адолат дониста шавад. Ҳамзамон, инсонҳо ҳамон вақт майли баробарӣ ва озодӣ менамоянд, ки дорои идеяи адолат бошанд. Тибқи умдатарин масъалаҳои адолати иҷтимоӣ, ки Ҷомӣ дар асари маъруфаш

---

[175] Турсунов, А. Эҳёи Аҷам [Матн] / А.Турсунов. Душанбе, 1984 .- С.117.
[176] Ҷомӣ, А. Осор. Ҷ. 5. [Матн] / А.Ҷомӣ. -Душанбе, 1988. – С. 247.

«Хираднномаи искандарӣ» ҷой додааст, пешрафти инсоният аз Шоҳи боадолат вобаста мебошад. Дар ҷомеаи идеалии мутафаккир бошад, на шоҳ ҳасту на гадо.

Ҳар гуна ҳаракати таърих маҳсули идеяи сиёсӣ мебошад ва инро Ҷомӣ объективона дарк менамояд. Ӯ дар асараш арзишҳоеро, ки дар ҷавҳари мардум ниҳон аст, бедор кардан мехоҳад, зеро барои ӯ ҷомеаи боадолат дар ҳамон асос сохта мешавад. Инсони идеалии Ҷомӣ муҳимтарин принсипҳои адолат, озодӣ ва баробариро риоя мекунад ва ҳамаи онҳо маҳсули тарбия ва муҳити иҷтимоӣ мебошанд.

Ҷомӣ дар асари мазкур «ҷомеаи мукаммал», «давлати мукаммал» ва «инсонҳои мукаммал»-ро тасвир менамояд. Одамон баробар офарида шуда, ҳуқуқҳои фитрии онҳо баробар дифоъ карда мешаванд. Имконият ба имтиёзҳо барои мардум баробар дода мешавад ва натиҷаи дастовард ба тамоми одамон мансуб мебошад. Дар натиҷа, яъне меҳнати коллективонаи ҷамъиятӣ ба худи ҷомеа баробар тақсим мешавад. Чунончӣ ӯ мегӯяд:

Ба дарвеши муҳтоҷ бахшиш намой,
Фурӯбаста кораш ба бахшиш кушой.[177]

Абдураҳмони Ҷомӣ дар «Хираднномаи Искандарӣ» беадолатиро ба назар нагирифтани озодӣ ва принсипҳои баробарҳуқуқӣ тасвир менамояд.

Идора кардани талабот дар таълимоти Ҷомӣ ҳамчун яке аз принсипҳои арзишманди адолат маънидод карда мешавад. Талаботи инсон ҳудуд надорад, дар ин замина ба худдорӣ майл накардани нафсро Ҷомӣ фоҷиаи ақли фард мефаҳмад. Харобиовартарин арзиши одамиро мутафаккир дар талаботи беандозаи инсон медонад. Ҷомӣ мехоҳад симоҳоеро тасвир намояд, ки усулан нуқтаи ҳимояи манфиатҳои фардӣ ва ҷамъиятиро дошта бошанд. Беҳуда мутафаккир ба ҷаҳониён чӣ қадар кам будани талаботи аслии инсонро нишон доданӣ намешавад, зеро ба худидоракунӣ бовар дорад. Табиати хоси неъматҳои чамъиятӣ дар он аст, ки истеъмоли онҳо метавонад фақат якҷоя ва баробар бошад.

---

[177] Ҷомӣ, А. Осор. Ҷ. 5. - Душанбе, 1988. – С.249.

Абдураҳмони Ҷомӣ дар «Хираднномаи искандарӣ» тақсими баробари неъматҳоро нишон додан мехоҳад. Зимни баёни аломатҳои ҷомеаи ормонӣ, воқеият аз ҷониби мутафаккир ба тавре нишон дода мешавад, ки идеали асосии одамонро ҳиссиёти баробарҳуқуқӣ, ақлгароӣ, ахлоқ, адолатхоҳӣ, виҷдони пок, муҳаббати самимӣ ва дигар хислатҳои муҳимтарини инсонӣ ташкил менамоянд. Аслан, «ормоният (ормонгароӣ – А. С.) ҳамчун ормоният мемонад, вале ин маънои онро надорад, ки мутафаккир дар воқеият ҳам ба мавҷудияти чунин муносибатҳои ҷаъмиятӣ комилан муътақид бошад…».[178]

Андеша дар хусуси "ҷомеаи мукаммал", "давлати мукаммал", "одамони комил" образҳои хирадмандонаеянд, ки ҳама чизи воқеӣ ба таври назариявӣ, оқилона офарида мешавад. Агар назарияҳои иҷтимоӣ сабабгори ҳодисаҳои сиёсӣ шаванд, он гоҳ тасвири тахайюлӣ низ имкони дар ҳаёт татбиқ шуданро дорад. Андешаи хаёлӣ дар замири худ такони маънавиро соҳиб аст. Тахайюл хусусияти фарогирии олами бадеиётро дорад. Дар ҷомеа ҳиссиёти баробар будан бо дигарон ҳамеша одамони камбизоатро фаро мегирифт. Ҷомӣ маҳз ба хотири нигоҳ доштани баробарӣ идеяи худтакмилдиҳиро пешниҳод мекунад. Ҳикмати зиндагии инсон нишон медиҳад, ки баробарписандӣ дар ҳамаи давраҳои таърихӣ ҳамчун ғоя вуҷуд доштааст.

Мавлоно Ҷомӣ дар рафтору тамоюлҳои ҷомеаи замонааш муносибатҳои эгоистӣ (худпарастӣ), коллективӣ (дастаҷамъӣ)-и мардумро мушоҳида менамояд. Одамони соҳибмаърифат соҳибирода буда, ба сахтиҳои ҳаёт тоб меоранд ва баояндаи нек бовар доранд. Сохтори анъанавии бозор дар даврони мутафаккир фақат манфиати ғаразноки баъзе фардҳоро ба назар гирифта, манфиати дигаронро табиатан инкор мекард. Бинобар ин, аз назари Ҷомӣ, дар мавриди пайдоиши неъматҳои ҷамъиятӣ меҳнати дастаҷамъона нақши калон мебозад. Яъне, ҳангоми истеъмоли молҳои чамъиятӣ даромади иқтисодии одамон баробар ба назар гирифта мешавад. Барои ба чунин зинаи ҷомеаи идеалӣ расидан одамонро мебояд соҳиби ҷаҳонбинии солим ва дорандаи ғояи баробарӣ ва адолат намуд. Ҳаёти одамон ҳамчун маҳсули

[178] Комилов, Р. Назарияи ҷомеаи ормонӣ дар таърихи фарҳанги форсу тоҷик [Матн] / Р.Комилов. – Душанбе, 1997. - С.149.

андешаҳояшон тасвир меёбад. Аз ин рӯ, дар «Хираднномаи Искандарӣ» ормони деринаи инсоният барои расидан ба баробарии иҷтимоӣ баён шудааст. Бо тасвири ин ҷомеа Ҷомӣ мехоҳад одамонро ба дарки андешаҳои созанда ва корҳои бузург ҳидоят намояд:

Сикандар чу мегашт гирди ҷаҳон,
Хабарпурси ҳар ошкору ниҳон,
Дар аснои рафтан ба шаҳре расид,
Дар он шаҳр қавме писандида дид.
Зи гуфтори беҳуда лабҳо хамӯш,
Фурӯ баста аз носазо чашму гӯш.
Наҷуста ба бад ҳаргиз озори ҳам,
Ба ҳар кори некӯ мададгори ҳам.[179]

Шоҳи одил дар симои Искандар дар ин достон хеле барҷаста инъикос шудааст. Инсонияти ӯ иродаи матин ва руҳи шикастнопазирро мемонад. Искандар ба шаҳре меравад, ки дар он ҷо зиндагии идеалии инсонӣ бунёд шудааст. Одамони ин шаҳр бо поккориву шуҷоат ва хислатҳои олии одамӣ мусаллаҳ шудаанд. Тафаккуру тасаввури қавии онон Искандарро ба ваҷд меорад ва ӯ бори аввал ингуна инсонҳои нексириштро вомехӯрад. Ҳаёти зебои онҳо маҳсули заҳмати бепоёнашон буд. Мардуми идеалии Мавлоно Ҷомӣ бо нишондоди виҷдон ҳар кори дар назди худ гузоштаро адо мекард. Аз ин хотир, дар дунёи онҳо шоҳу гадо баробар буда, одамон ҳамаи сифатҳои ҳамидаро соҳиб буданд. Аз бахиливу нотавонбинӣ, аз суиқасд ба ҷони якдигар ва аз ҳамаи хислатҳои аҳриманӣи дигар ин одамон наҷот ёфта буданд.

Воқеан, дар ин ҷомеа мардум саодати ҳақиқии ҳаётро эҳсос карда, мақсадҳои зиндагиро ба дараҷаи баланд дарк намудаанд. Шароити моддии мардум, ки дар имконият ва натиҷа баробар буданд, аз як ҷониб ҳайратангез бошад, аз тарафи дигар ормони волои инсониятро таҷассум мекунад:

На з-эшон тавонгар касе не фақир,
Бар эшон на султон касе, не амир.

---

[179] Ҷомӣ, А. Осор. Ҷ. 5. [Матн] / А.Ҷомӣ. - Душанбе, 1988.- С.346.

Баробар ба ҳам қисмати молашон,

Мувофиқ ба ҳам сурати ҳолашон.[180]

Табдил додани чунин модели ҷомеаро аз утопия ба илм баъдтар, дар назарияи марксизм метавонем мушоҳида кунем. Барҳам хӯрдани нобаробариҳои иқтисодӣ, истисмори инсон аз тарафи инсон ва бунёди ҷомеаи бесинф яке аз ҳадафҳои асосии коммунизм мебошад. Ғояҳои асили гуманистӣ ва интернатсионалистӣ дар заминаи чунин тасвири ҷомеаҳои тахайюлӣ пайдо мешаванд. Ормонияти Ҷомӣ ифодагари ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ ва моликият доштани одамонро ифода месозад. Дар ҳаёт мардум, агар ба шинохти худ гузашта, ба хеш аз назари васеи фалсафӣ нигоҳ кунанд, он гоҳ ба саодати ҳақиқӣ мерасанд. Дар чунин ҷомеа ҳамаи одамон ҳуқуқҳои фитриро соҳиб буда, озодии онҳо ба камолоти баланди маънавӣ ва фарҳангӣ расидааст. Мутафаккир дар ин бора менависад:

«Пайи дафъи зулм аст, - гуфтанд, - шоҳ,

Зи зулм ин вилоят бувад дар паноҳ.

Зари адл аз зулм гирад ёр,

Чу золим набошад, ба одил чӣ кор?!».[181]

Идеали баробарӣ дар афкори мутафаккир, гарчанде дар шаклҳои ормонӣ зуҳур намуда бошад ҳам, метавонад барои бунёди ҷомеаи боадолат мусоидат намояд. Андешаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ саршор аз панду андарз буда, одамонро ҳамеша ба хирадгароиву инсондӯстӣ ҳидоят мекунанд. Адолат, ҳақиқат, баробарӣ, бародарӣ, дӯстӣ, сулҳ аз бузургтарин масъалаҳои пешгузоштаи мутафаккир мебошанд. Ӯ умдатарин муаммоҳои маргу зисти инсониро зери таҳлил ва таҳқиқ мегирад ва ба фарзандони хокӣ роҳи расидан ба ҳақиқатро нишон медиҳад.

Нобаробарии иҷтимоӣ боиси норозогии омма мегардад ва ҷангу куштор аз ҳамин ҷо сарчашма мегиранд. Дар «Хираднномаи Искандарӣ» паҳлӯҳои зиёди дигари ҳаёти иҷтимоӣ низ нишон дода шудаанд.

---

[180] Ҷомӣ, А. Осор. Ҷ. 5. [Матн] / А.Ҷомӣ. - Душанбе, 1988.- С.346.

[181] Ҳамон ҷо. – С.347

Чуноки маълум мегардад, ҷомеаи ормонии Абдураҳмони Ҷомӣ натиҷаи талошҳои давомдор, рӯ овардан ба илм, дониш ва ахлоқ мебошад. Ҷомӣ дар асари маъруфи худ эҳсоси озодӣ ва адолатхоҳии инсонҳоро инъикос намуда, на танҳо ҳимояи манфиатҳои худ, балки ба мадди назар гирифтани ҳаёти мардуми қашшоқро таълим медиҳад. Бинобар ин, идеали баробарии Мавлоно Ҷомиро аз лиҳози фалсафаи ахлоқӣ-иҷтимоӣ дар ҳамаи давру замон сазовори омӯзиш медонем.

Ба ҳамин тариқ, идеяи баробарии инсонҳо дар тасаввуф ва таълимоти ахлоқии мутафаккирони тоҷик дар шаклҳои ормонӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ зуҳур карда, онҳо дар муайян кардани нобаробарӣ ва баробарии иҷтимоӣ, адолат ва беадолатӣ, озодӣ ва ноозодӣ, ахлоқ ва бадахлоқӣ саҳми арзишманд гузоштаанд. Таҳлили андешаҳои мутафаккирони тасаввуф ва мактабҳои ахлоқӣ моро ба хулоса мерасонад, ки таҷрибаи интихоби роҳҳои татбиқи баробарии иҷтимоӣ дар ҳар як ҷомеа бо шарту шароити мухталиф вобастагӣ дорад. Дар баробари ин, таҷрибаи таърихӣ баёнгари он аст, ки интихоби роҳҳои татбиқи баробарии иҷтимоӣ дар саҳнаи пур аз омилҳо сурат мегирад ва наметавон онро фақат бо майлу хоҳиши холисонаи системаҳои сиёсӣ иртибот дод. Барои амалигардонии ин мақсад рушди шуури ҷамъиятӣ, равоншиносии ҷамъиятӣ ва антропологияи сиёсӣ яке аз омилҳои калидӣ ба шумор меравад.

# ХУЛОСАҲО

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи илмии масъалаҳои ташаккули идеяҳо оид ба баробарии иҷтимоӣ ва хусусиятҳои инкишофи онҳо дар таърихи фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик пешниҳоди чунин хулосаҳо зарур дониста мешавад:

1. Проблемаи баробарии иҷтимоӣ ва адолат аз муҳимтарин ва мураккабтарин масъалаҳои тамоми давраҳои таърихи инсоният маҳсуб меёбад. Баробарии иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, шакли муайяни баробарии имкониятҳо, ба даст овардани натиҷа мувофиқи меҳнат ва қобилият, иштироки баробар дар идоракунии давлат ва ҷамъият, тақсими баробари захираҳои табиӣ мебошад. Ташаккул ва рушди идеяҳо оид ба баробарӣ аз раванди дониш, инкишофи дурударози таърихии илм вобаста аст, ки он аз зинаҳои пасти дониш дар шакли эволютсионӣ ба зинаҳои баландтар мебарояд. Аммо ҳеҷ вақт ба ҳамон нуқтае намерасад, ки аз онҷо ҳақиқати мутлақ ном чизеро пайдо карда, дигар пеш наравад. Мисоли оддии он инкишофи сотсиализм аз утопия то ба илм аст.

Маҳз ба ҳамин сабаб, бунёди ҷомеаи ормонӣ ва назарияҳо перомуни идеяи адолат ва баробарӣ дар афкори тамоми мутафаккирони гузашта ба таври мухталиф маънидод шудааст. Дар ин таҳқиқот муайян гардид, ки кадом идея ва идеали баробарӣ аз нигоҳи онҳо инсониятро ба ҳаракат меорад ва баробарии иҷтимоиро таъмин мекунад. Дар ин росто мутафаккирони тоҷик барои бартараф намудани умдатарин муаммоҳои умумиинсонӣ ва умумимазҳабӣ ҳанӯз аз давраҳои пеш аз ислом ва баъд аз он низ кӯшишҳо кардаанд. Ин мубориза҇ҳоро дар ҳаёти онҳо ва таълимоти ҷовидонаи ин мутафаккирон дидан мумкин аст.

Барои дарки дурусти идеяҳо оид ба баробарӣ онҳоро на танҳо аз нигоҳи фалсафаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ, балки аз нуқтаи назари методологияи инсоншиносӣ (антропология) ва равоншиносӣ (психология) низ баҳо додан зарур мебошад. Дар ин ҳолат, тамоми хулосаҳои ахлоқӣ, ақлонӣ, илмӣ, динӣ

ва фалсафӣ-сиёсии мутафаккирони тоҷик оид ба ҷомеаи ормонӣ, арзиши адолат ва баробарии иҷтимоӣ фаро гирифта мешаванд.

2. Яке аз масъалаҳои асосии ҷомеаи ормонӣ рушд додани руҳияи баробарӣ, шуури баробарӣ ва эҳсосоти баробарии инсонҳо мебошад. Вобаста ба ин бояд таъкид намуд, ки инсонҳо, пеш аз он, ки озод ва баробар ҳаёт ба сар баранд, бояд аввал руҳия, шуур ва ҳисси адолатро дошта бошанд. Аммо фаҳмишҳои яктарафаи озодӣ, адолат ва баробарӣ имрӯз муаммоҳоро боз ҳам печидатар сохтаанд.

Дар ҷаҳони муосир инсонҳои зиёд дар натиҷаи мубориза барои манфиатҳои шахсӣ ба ҳадде расида, охиран худро ба “инсони эгоист” мубаддал месозанд. Ин хуб аст, ки инсонҳо барои манфиатҳои шахсӣ, миллӣ ва байналмилалӣ мубориза мебаранд, лекин набояд муборизаҳои фардӣ хосияти эгоистӣ дошта бошанд. Ҳадафи ниҳоии рӯй овардан ба таърихи фалсафа на танҳо пос доштани хотираҳои муқаддас аст, балки болотар аз он, эҳёи принсипҳои адолат, озодӣ, ахлоқ, гуманизм, худсозӣ, хештаншиносӣ ва, дар умум, таъмини баробарии иҷтимоӣ дар асоси таҷрибаи гузашта мебошад.

3. Масъалаи баробарӣ дар ҷаҳони муосир аз он ҷиҳат низ мубрам мешавад, ки мушкилоти “баробарии миллатҳо” ва “баробарии нажодҳо” ба миён меояд. Маҳз даъвоҳо ва ҳисси бартарӣ доштани халқҳо аз ҳамдигар боиси нооромиҳо ва низоъҳои давомдор мегарданд. Аз ин рӯ, масъалаҳои асосии ҷомеаи идеалиро дар ҷаҳонбинии мутафаккирони гузашта якранг маънидод кардан ғайриимкон мебошад. Боиси таваҷҷуҳ аст, ки мафҳуми баробарӣ дар таърихи андешаҳои сиёсӣ ба таври умумӣ ба унвони яке аз мафҳумҳои асосии фалсафаи гузашта аҳаммияти хос дорад ва андешаҳои мутафаккирони тоҷик аз ин дар канор нестанд. Онҳо дар таълимоташон масъалаи ҷомеаи идеалиро аз нигоҳи фалсафӣ баррасӣ, таҳлил ва хулосабарорӣ намудаанд. Шинохти мафҳуми баробариро дар таърихи фалсафа ба ду шакл ва мазмун дидан мумкин аст: баробарии инсонҳо дар имконият, на дар натиҷа; баробарии одамон ҳам дар имконият ва ҳам дар натиҷа (ин принсип дар таълимоти Маздак ва Ҷомӣ вуҷуд дорад). Аз ҳама

нерумандтарин тахайюли ҷомеаи идеалиро дар таърихи фалсафаи тоҷикон мо метавонем дар таълимоти Маздак, Форобӣ ва Ҷомӣ дақиқан мушоҳида намоем. Дар таълимоти дигари мутафаккирони тоҷик низ идеяҳои калидии баробарии иҷтимоиро дар шакл ва мазмуни гуногуни фалсафаи ахлоқию сиёсӣ мушоҳида намудан мумкин аст **[1-М; 2-М; 5-М].**

4. Дар шинохти воқеияти иҷтимоӣ таълимоти зардуштия принсипҳои феноменологии баробариро аз шуури ахлоқӣ ва худшиносии инсонҳо вобаста медонад. Дар ин замина, адолати иҷтимоӣ натиҷаи худфидоиҳо ва шинохти шахсияти худи ҳамин одамон маҳсуб меёбад. Одамон бо ҳамдигар баробар мебошанд ва ҳуқуқи баробар зиндагӣ карданро доранд. Иродаи онҳо озод аст ва ин озодӣ дар охир натиҷаи ба худ хосро дорад. Оид ба ин дар асоси анҷом додани амалҳои нек ва бад аз ҷониби одамон хулоса баровардан мумкин аст ва аз он бармеояд, ки дар таълимоти зардуштия баробарӣ дар имконият аст, на дар натиҷа **[4-М].**

5. Дар таълимоти монавия бошад, мо муборизаҳои пайвастаи шахсиятро мушоҳида менамоем. Мавҷудияти Сарвари заковатманд дар ин таълимот барои бунёди адолати умум яке аз омилҳои асосӣ дониста мешавад. Солимии шуури ҷамъиятӣ, равандҳои сиёсӣ, адолати иқтисодӣ аз идоракунандаҳои онҳо вобастагӣ дорад.

6. Дар таърихи фалсафа гуфтан мумкин аст, ки яке аз аввалин таълимот дар бораи шинохти принсипҳои “ҷомеаи комил”, “ҷомеаи ормонӣ” маздакия маҳсуб меёбад, зеро Маздак мувофиқи шаҳодати манбаъҳои таърихӣ ва “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ як навъ коммунизми ибтидоиро тарғиб менамудааст. Нахустин идеяҳо оид ба баробарӣ дар моликияти хусусӣ, баробарии иқтисодии одамон дар ин таълимот ба миён омадаанд, ки онҳо ба шуури одамони давраҳои минбаъдаи таърихӣ таъсир расонидаанд: баробарии мард ва зан, субъект бо субъект; иштироки баробари одамон дар идоракунии ҷамъият; баробарии инсон ба ҳаёт; эҳсосоти баробарӣ доштан бо дигарон; шикасти эгоизм ва эҳтироми арзишҳои дигари ҷудонашавандаи умумиинсонӣ **[2-М].**

7. Барои Форобӣ бунёдгузори ҷомеаи идеалӣ ҳокими одил мебошад. Он бояд барои ҳама чун Офтоб баробар хидмат намояд. Ин андешаи ӯ барои ҳамаи замонҳо яксон аст. Ҳатто шарти асосии ҳаёт ва маънои он, аз нигоҳи Форобӣ, дар муносибатҳои баробари ҳоким ва мардум зоҳир мегардад. Вобаста ба ин таъкид мешавад, ки инсонҳо табиатан орзуи баробар будан бо дигаронро доранд ва дар навбати худ орзуҳои бартарӣ доштанро аз ҳамдигар низ мепарваранд. Форобӣ ҷомеаеро тасвир менамояд, ки одамон ба ҳамдигар аз лиҳози имкониятҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ баробаранд. Ба истилоҳоти замони мо, ин яке аз муҳимтарин навъҳои баробарӣ - баробарии сиёсӣ мебошад. Ибни Сино бошад, дар шинохти принсипҳои баробарӣ оид ба баробарии мард ва зан дар оила масъалагузорӣ мекунад **[3-М; 5-М].**

8. Барои Ғаззолӣ дин ва шуури динӣ сарчашмаи ҳар гуна баробарӣ ва адолати иҷтимоӣ фаҳмида мешаванд. Дин тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқи инсонҳоро рушд медиҳад. Бояд дар ҷомеа принсипҳои шариат амал кунанд, зеро ин принсипҳо ахлоқро нигоҳ медоранд ва дар натиҷа худхоҳӣ ва иллатҳои дигари инсонӣ аз байн мераванд. Аз ин рӯ, Ғаззолӣ динро яке аз омилҳои калидӣ барои расидан ба ҷомеаи боадолат маънидод мекунад. Ба ибораи дигар, Ғаззолӣ аз доираи шариати исломӣ берун нарафтааст, ки ба руҳияи ҷомеаи муосири инсонӣ мувофиқат намекунад. Дар шинохти принсипҳои адолат ва баробарӣ монандии ақидаҳои Ғаззолӣ, Мотурудӣ ва Ҳамадониро бештар мебинем.

9. Аз ҳама ақидаҳои қавӣ оид ба ҷомеаи ормонӣ ва инсони идеалӣ дар таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ дар достони “Хираднομаи Искандарӣ” инъикос ёфтаанд. Баробарии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва имкониятҳои онҳо дар чунин ҷомеа барои ҳамаи одамон фароҳам оварда шудааст. Баробарии инсонҳо дар таълимоти Ҷомӣ ҳам дар имконият ва ҳам дар натиҷа аст: одамон баробар кор мекунанд ва баробар музд мегиранд, ҳеҷ кас болотар аз касе нест. Мутафаккир индивидуализмеро талқин мекунад, ки омӯхтани он барои ҳамаи давраҳои инсоният муҳим мебошад. Инсони заҳматкаше, ки ӯ тасвир мекунад, ба тақдири худ ва дигарон масъул аст, ин инсон аз ҳар ҷиҳат

ахлоқӣ аст. Эҳтироми инсон ва қадру қимати он дар ҳаёт барои чунин ҷомеа аз ҳама чиз болотар меистад. Аз ин таълимот метавонем арзишҳоеро гирем, ки мутобиқ ба демократияи муосиранд, ҳисси баробарӣ ва ҳисси бахтҷӯйии одамон, хосатан, дар таълимоти Ҷомӣ оқилона тасвир шудаанд. Барои он, ки инсонҳо баробар, озод, боадолат ва хушбахт зиндагӣ кунанд, бояд ҳисси хушбахтшавии дигаронро ба инобат гиранд. Ҳаёт ҳамон гунае, ки барои мо муқаддас аст, набояд фаромӯш шавад, ки барои дигарон низ ҳамин тавр аст. Дар ҳамин аст асоси ҷомеаи идеалӣ дар афкори ин донишмандони тоҷик **[1-М].**

10. Идеяҳои Кошифӣ ва Кайковус дар доираи принсипҳои ахлоқ ва маънавиёт баён гардидаанд. Барои онҳо ҳеҷ чиз берун аз ахлоқ вуҷуд надошта, ахлоқро онҳо муъҷизае меҳисобанд, ки барои ҳамаи замонҳо, ҳамаи ҳолатҳо ва дар ҳамаи шаклҳои тартиботи ҷамъиятӣ нақши асосиро мебозад. Ахлоқ барои онҳо воситаест, ки одамонро аз ҳар гуна иллатҳои ғайриинсонӣ нигоҳ медорад, адолат ва баробарии иҷтимоиро таъмин мекунад.

11. Дар масъалаи таъмини баробарии иҷтимоӣ ва адолат як навъ ҳамоҳангиро миёни афкори мутафаккирони Шарқ ва Ғарб дидан мумкин аст. Назарияи ҷомеаи ормонӣ ва шинохти баробарии иҷтимоӣ дар таълимоти Афлотун, Руссо, Гегел, Сен-Симон, Оуен, Маркс, Роулз ва сотсиалистони дигари ғарбӣ, ки ин масъаларо дар сатҳи ҷаҳонӣ бардоштаанд, ҳақиқати ин гуфтаҳоро ба таври айёнӣ собит месозанд.

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Принсипу қонуниятҳои асосии таҳаввули назарияи баробарии иҷтимоӣ ва ҷомеаи ормониро ҷамъбаст намуда, чунин тавсияҳо пешниҳод кардан мумкин аст:

1. Бозтоби ҳодисаҳои глобалӣ баёнгари он аст, ки ҷаҳони муосир ниёз ба як консепсияи адолат ва баробарӣ дорад. Дар шароити муосир ҳифзи андешаҳо, идея ва идеалҳои миллӣ оид ба адолат ва баробарии иҷтимоӣ метавонанд барои таъмини манфиатҳои миллӣ хидмат кунанд. Аз ин рӯ, давлату ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки таҳқиқоти илмиии ин гуна мавзуъҳоро ҳамчун самти афзалиятнок ҳамаҷониба дастгирӣ намоянд.

2. Аз нигоҳи методология баробарии иҷтимоӣ, ки дар андешаҳои ормонӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ, фалсафӣ ва гуманистии мутафаккирони тоҷик инъикос ёфтааст, барои ҳамаи давраҳои таърихӣ аҳаммияти илмӣ дорад. Ин андешаҳои мутафаккирон барои таъмини сулҳ ва адолати умумиинсонӣ хидмат карда, тавассути афкори заковатмандонаи эшон роҳи ҳалли умдатарин проблемаҳои ҷаҳониро метавон муайян намуд. Аз ин рӯ, дар раванди амалисозии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ақидаҳои фалсафӣ-иҷтимоӣ бояд ба эътибор гирифта шаванд.

3. Дар шароити имрӯзаи сайёраи мо, ки равандҳои пурихтилофи ҷаҳонишавӣ масъалаҳои қаблии баробарии иҷтимоиро ба тарзи нав ба миён гузоштанд, он бояд дар шаклҳои муносиб ҳамчун ченаки “дар имконият баробар ътироф кардани инсонҳо” дар ҳамзистии одилонаи башарият дар ҷомеаи ҷаҳонӣ арзёбӣ гардида, дар муносибати давлати мо бо созмонҳои байналмилалӣ ҳамчун як ғояи амалишаванда тарғибу ташвиқ карда шавад.

4. Таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар Тоҷикистон, дар доираи ниёзмандиҳои афзоянда ба таъмини вазъи мутаъдили равандҳои иҷтимоӣ пайваста таҳқиқи амалишавии принсипҳои баробарии иҷтимоӣ

мубрамияти хоса пайдо мекунад. Натиҷаи ин гуна пажуҳишҳо метавонад заминаи муҳимме баҳри танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рушди идеяи адолат гардад. Вобаста ба ин, ин ғояҳо дар татбиқи сиёсати иҷтимоии давлати соҳибистиқлоли мо бояд ҳамаҷониба мавриди истифода қарор гиранд.

# АДАБИЁТ

## I. Сарчашмаҳо

### а) бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ


1. Абунасри, Форобӣ. Эҳсо-ул-улум [Матн] / А.Форобӣ. – Душанбе: Олами дониш, 2023. – 151 с.
2. Авасто [Матн] /Авасто. Китоби 1. (Таҳиягарон: Бобо-Назар Ғаффор, Муҳтарам Ҳотам, Муаззами Диловар) – Душанбе: Бухоро, 2014. – 839 с.
3. Авеста. Хордэ Авеста (Младшая Авеста) [Матн] / Авеста. – Спб., 2005. – 384 с.
4. Авесто [Матн] / Авесто. (куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ гузориш пажӯҳиши Ҷадиди Дӯстхоҳ) Нашриёти қонуният, - Душанбе, 2001. – 792 с.
5. Ал-Фараби, Абу Наср Мухаммад. Социально-этические трактата [Матн] /А.Н.М.Ал-Фараби. Пер. с араб. — Алма-Ата: Наука, 1985. 400 с.
6. Ал-Фараби, Абу Наср Мухаммад. Трактат о взглядах жителей добродетельного города. / Абу Наср Мухаммад, Ал-Фараби //Пер. И.О.Мохаммеда. А.В.Сагадаева //Аль — Фараби. Философские трактаты. Алма-Ата, 1972. - 377 с.
7. Аль-Фараби, Социально-этические трактаты.- Алма-Ата: Наука, 1973. – 400 с.
8. Аль-Фараби. Философские трактаты [Текст] /Ал-Фараби.- Алма-Ата: Наука, 1972.- 430 с.
9. Аристотель. Политика. Афинская полития [Текст] /Аристотель. М.: Мысль, 1997. - 459 с.
10. Ғаззолӣ, М. Эҳёу-улуми-д-дин [Матн] / М.Ғаззолӣ. Душанбе, 2008.- 628 с.
11. Гегель, Г. Лекции по истории философии [Текст] / Г.Гегель. - Спб.: Наука, 1993.- 480 с.
12. Гегель, Г. Работы разных лет. В двух томах. Т.2 [Текст] / Г.Гегель. - М.:Мысль, 1971. – 630 с.

13. Гегель, Г. Философия права [Текст] / Г.Гегель. Пер. с нем.: Ред. и сост. Д.А.Керимов и В.С.Нерсесянц; Авт. Вступ.ст. и примеч. В .С. Нерсесянц – М.: Мысль, 1990. – 524 [2] с.
14. Гегель. Эстетика. В 4-х т., т.2. [Текст] / Гегель - М.:Искуство. 1969. – 300 с.
15. Гоббс, Т. Сочинения: В 2 т. [Текст] / Т.Гоббс. - М., Мысль, 1989. Т.1 - 621 с.
16. Джами, А. Книга мудрости Искандара [Текст] / А.Джами. (Пер.В.Державина). Сталинабад, 1949. – 121 с.
17. Джами, А. Произведение. Т.5. [Текст] / А.Джами. - Душанбе, 1988. - 384 с.
18. Ибни, Сино. Осори мунтахаб [Матн] / Сино И. // Академияи илмҳои РСС Точикистон. Шуъбаи фалсафа.- Душанбе: Ирфон 1983. Ҷилди 2. - 560 с.
19. Икбол, Муҳаммад. Эҳёи фикри динӣ дар ислом [Матн] / Иқбол М. – Душанбе, 1997. -184 с.
20. Кей-Кавус, У. Кабус-намэ (перевод, статья и примеч. чл.-кор.Акад.Наук СССР Е.Э.Бертельса). 2-е изд [Текст] / У.Кей-Кавус.- М.: Изд-во восочной литературы, 1985.- 264 с.
21. Кошифӣ, Ҳ.В. Футуватномаи султонӣ, Ахлоқи муҳсинӣ. Рисолаи «Ҳотамия» [Матн] / Ҳ.В.Кошифӣ, - Душанбе: Адиб, 1991. - 320 с.
22. Маркс, К. и Энгельс, Ф. Манифест коммунистической партии [Текст] / К.Маркс, Ф.Энгельс.- М.: Политиздат, 1974.- 62 с.
23. Маркс, К. и Энгельс, Ф. Немецкая идеология [Текст] / К.Маркс, Ф.Энгельс. М.: Политиздат, 1988. – 574 с.
24. Маркс, К. Критика Готской программы [Текст] / К.Маркс.- М.: Политиздат при ЦК ВКП(б), 1940. – 164 с.
25. Маркс, К. Нищета философии. Ответ на «Философию нищеты» г-на Прудона [Текст] / К.Маркс. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 224 с.
26. Маркс, К., Энгелс Ф. Асарҳои мунтахаб. Ҷ. 2. [Текст] / К.Маркс, Ф.Энгелс. - Душанбе: Ирфон,1965. - 588 с.

27. Милль, Дж.С. Основы политической экономии: В 3 т. [Текст] / Дж.С.Милль. - М., Прогресс, 1981. Т.З. - 446 с.
28. Минуи хирад. Тарҷумаи, Аҳмад Таваззулӣ. – Теҳрон,1354.
29. Муҳаммад, Ғаззолӣ. Насиҳат-ул-мулук [Текст] / Ғ.Муҳаммад. - Душанбе, 1993. - 144 с.
30. Муҳаммад, Иқбол. Сайри фалсафа дар Эрон [Матн] / Иқбол М. Теҳрон, 1380.
31. Муҳаммад, Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих: Дар 7 ҷилд [Матн] / Р.Муҳаммад. — Душанбе: Ирфон, 1990. Ҷилди 1 - 2. – 480 с.
32. Носири, Хусрав. Ҷомеъ-ул-ҳикматайн [Матн] / Х.Носир. – Душанбе: «ЭР-граф», 2011. – 312 с.
33. Ҳамадонӣ, М. Захиратулмулк. Душанбе, 2008. – 340 с.
34. Оуэн, Роберт. Избранные сочинения. Том I. [Текст] / Р.Оуэн. Пер. с англ. и комментарий С. А. Фейгиной.- M.-JL: Издательство Академии наук СССР, 1950.- 415 с.
35. Оуэн, Роберт. Избранные сочинения. Том II. [Текст] / Р.Оуэн. Издательство Академии наук СССР, 1950. - 350 с.
36. Платон. Государство [Текст] / Платон. //Антология мировой политической мысли. Т.1. –М.: Мысль, 1977.
37. Платон. Соч. в 3-х томах. Т.З. Ч.1. [Текст] / Платон. Под ред. А. Ф. Лосева и В. Ф. Асмуса.- М.: Мысль, 1971.- 688 с.
38. Платон. Соч. в 3-х томах. Т.З.Ч.2./ Под ред. А.Ф. Лосева и В. Ф. Асмуса.- М.: Мысль, 1972. - 678 с.
39. Платон. Соч.в 3-х томах. Т.2. [Текст] / Платон. Под ред. А. Ф. Лосева и В. Ф. Асмуса.-1970.- 612 с.
40. Робиндранат, Т. Зардушт ва Эрон [Матн] / Т.Робиндранат. – Теҳрон, 1350. - 244 с.
41. Роулз, Дж. Теория справедливости [Текст] / Дж.Роулз. Новосибирск, Изд-во Новосибирского университета, 1995. - 534 с.
42. Руссо, Ж.Ж. Об общественном договоре. Трактаты [Текст] / Ж.Ж.Руссо. Пер. с фр. – М.: КАНОН пресс, Кучково поле, 1998. – 416 с.

43. Сен-Симон. Избранные сочинения. Том II. [Текст] / Симон С. - М.-Л.: Издательство Академии наук СССР,1948.- 485 с.
44. Сина, Ибн. Избранные философские произведения [Текст] / И.Сина. – М.: 1980. - 552 с.
45. Сино, Абу Алӣ. Осори мунтахаб [Матн] / А.И.Сино. – Душанбе: «Ирфон», 1992. – Т.4. – 320 с.
46. Сино, Абу Алӣ. Осори мунтахаб [Матн] /А.И.Сино – Душанбе: «Ирфон», 1980. – Т.2. - 560 с.
47. Унсурулмаолии, Кайковус. Насиҳатнома [Матн] / К.Унсурулмаолӣ. Душанбе: Ирфон1968. – 143 с.
48. Фейербах, Л. Избранные философские произведения [Текст] / Л.Фейербах. – М.: Госполитиздат, 1955. – Т. 2. – 943 с.
49. Энгелс, Ф. Анти - Дюринг. Переворот в науке, произведенный господином Евгением Дюрингом [Текст] / Ф.Энгельс. - М.: Политиздат, 1988. – I – XII, - 482 с.
50. Энгельс Ф. Развитие социализма от утопии к науке [Текст] / Ф.Энгельс. – М.: Политиздат, 1983. – 80 с.

## II. Таҳқиқоти илмӣ

### а) бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ

51. Андерсон, К.М. Оуэнисты в Британии. Утопический социализм и общественные движения в Англии, 1810-1830-е годы [Текст] / К.М.Андерсон. М.: Наука, 1989.
52. Андешаи миллии тоҷикон: Марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушд [Матн] / (Муҳаррири масъул: Олимов К.О., Сайфуллоев А.С.). – Хуҷанд: Ношир, 2011. – 584 с.
53. Античная философия. Энциклопедический словарь / Отв. ред. М.А. Солопова. М: Прогресс-Традиция, 2008. - 898 с.
54. Ҳуҷатуллоҳи, Асил. Ормоншаҳр дар андешаи эронӣ [Текст] / А.Ҳуҷатуллоҳ. - Теҳрон., 1371. – 109 с.

55. Асмус, В.Ф. Античная философия: [Текст] / В.Ф.Асмус. Учеб. пособие. - Изд. 3-е, доп. - М.: Высшая школа, 2005. - 406 с.
56. Афсаҳзод, А. Ҷомӣ – адиб ва мутафаккир [Текст] / А.Афсаҳзод. - Душанбе: 1989. – 384 с.
57. Ахмадов, М. Ахлоқи ҳамида ва дастури давлатдорӣ [Матн] / М.Аҳмадов. Душанбе, 2006.
58. Бекзода, К. Паёмбарони фарҳанги мо [Матн] / К.Бекзода. - Душанбе, 2000. – 126 с.
59. Богоутдинов, А.М. Из истории общественно-политической мысли таджикского народа [Текст] / А.М.Богоутдинов // Вопр. философии. 1951. - № 3. - С .126 - 132.
60. Бойс, М. Зороастрийцы. Верования и обычаи [Текст] / М.Бойс. Пер. с.англ. И.М. Стеблин-Каменского. Послесл. Э.А.Грантовского. М., Главная редакция восточной литературы издательства Наука, 1988. - 303 с.
61. Вазиров, З. Очерки социальной философии калама и футуввата [Текст] / З.Вазиров. - Душанбе: Дониш, 1991. - 278 с.
62. Воҳиди, Ҳусайн. Пояҳои ормони порсоӣ дар Эрон [Матн] / Ҳ.Воҳиди. - Теҳрон,1353. - 73 с.
1. Восеъ, К. Адабиёти ҷавонмардии тоҷику форс. (Вторая книга.). [Матн] / Қ.Восеъ. Душанбе: Дониш, 2007. - 493 с.
63. Всемирная история // Краткая философская энциклопедия. / Под ред. Е. Ф. Губского и Г. Б. Кораблёвой. — М.: Прогресс, 1994.
64. Диноршоев, М. Компендиум философии Ибн Сины [Текст] / М.Диноршоев. - Душанбе, 2010. - 340 с.
65. Диноршоева, З.М. Гражданская философия аль-Фараби. [Текст] / З.М.Диноршоева. - Душанбе, 2006. - 321 с.
66. Додихудоев, Х. Очерки философии исмаилизма: (Общая характеристика философской доктрины X-XIV) [Текст] / Х.Додихудоев. – Душанбе: Дониш, 1976. -144 с.

67. Донишномаи Сомониён. Дар ду муҷаллад. Ҷилди дуввум. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2009. – 528 с.
68. Зиёев, Х. Суфийский орден мавлавия [Текст] / Х.М.Зиёев. - Душанбе, 2007. - 275 с.
69. Зиёев, Х.М. Мавлавия ва таърихи таҳаввули он [Матн] / Х.М.Зиёев. – Душанбе, 2004. – 216 с.
70. Идиев, Х.У. Фалсафаи иҷтимоӣ [Матн] / Х.У.Идиев. - Душанбе, 2013.
71. История таджикской философии (с древнейших времён до XV в.). В трех томах. Том 1. [Текст] / (Ответственный редактор: К.Олимов). – Душанбе: Дониш, 2014. – 504 с.
72. История таджикской философии (с древнейших времён до XV в.). В трех томах. Том II. [Текст] / (Под общей редакцией А.А.Шамолова). – Душанбе: Дониш, 2011. – 788 с.
73. История таджикской философии (с древнейших времён до XV в.). В трех томах. Том III. [Текст] / (Под общей редакцией А.А.Шамолова и А.Мухаммадходжаева). – Душанбе: Дониш, 2013. – 968 с.
74. Кароматулло, Олим. Андешаҳо доир ба фалсафа, ирфон ва худшиносии миллӣ [Матн] / Олим Кароматулло. Душанбе., 2014.
75. Климкойт, Х.И. Хунари монавӣ. Тарчумаи Исмоилпур Теҳрон,1373.
76. Қодиров, К. Таърихи фалсафаи тоҷик [Матн] / К.Қодиров. Душанбе: Маориф,. 1998. -272 с.
77. Колодий, А.Ф. Социальная справедливость и равенство: проблемы теории и практики [Текст] / А.Ф.Колодий. - Львов, Свит, 1991. - 197 с.
78. Комилов, Р. Социально-утопические учения в истории таджикской философии XIII-XV вв. [Текст] / Р.Комилов. - Душанбе, 1993. - 117 с.
79. Комилов, Р.С. Назарияи ҷомеаи ормонӣ дар таърихи фарҳанги форсу тоҷик [Матн] / Р.С.Комилов. — Душанбе: Маориф, 1997. — 288 с.
80. Комилов, Р. Аз таърихи афкори иҷтимоию сиёсии аҳди Сомониён [Матн] / Р.Комилов. Душанбе, 1998.
81. Корбэн, А. Таърихи фалсафаи ислом [Текст] / А.Корбен. – Теҳрон, 1982. – 107 с.

82. Кули-Заде, З.А. Закономерности развития восточной философии XIV вв. и проблема Запад-Восток [Текст] /. – Баку, 1983. – 282 с.
83. Курбанмамадов, А. Эстетика Абдурахмана Джами [Текст] / А.Курбанмамадов. - Душанбе: Дониш, 1984. - 140 с.
84. Курбанмамадов, А. Эстетическая доктрина суфизма [Текст] / А.Курбанмамадов. – Душанбе: Дониш, 1987.
85. Локк Д. Соч.: в 3 т. /Ред. и сост., авт. прим. А. Л. Субботин. Т.1.- М.: Мысль,1985.- 622 с.
86. Мальцев, Г.В. Социальная справедливость и право. - М., Мысль, 1977.
87. Музаффар, М. Антропологияи ориёӣ [Матн] М.Музаффар. - Душанбе, 2006. - 124 с.
88. Муминджонов, Х.Х. Философские проблемы зороастризма [Текст] / Х.Х.Муминджонов. – Душанбе, 2000. – 244 с.
89. Мухаммадходжаев, А. Идеология накшбандизма [Текст] / А.Мухаммадходжаев. – Душанбе, 1991. – 232 с.
90. Муъминзода Х. Зардушт ва оини ӯ [Матн] / Х.Муъминзода. Душанбе, 1993. - 137с.
91. Назар, М.А. Адолати иҷтимоӣ дар назария ва амалишавии он дар ҳаёти ҷамъиятӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ): монография [Матн] / М.А.Назар. – Душанбе: ИЛМ, 2020. - 320 с.
92. Олимов, К. Баррасиҳо дар тасаввуф [Текст] / К.Олимов. – Душанбе, 1999. - 142 с.
93. Олимов, К. Хорасанский суфизм. (Опыт историко–философского анализа) [Текст] / К.Олимов. Душанбе, 1993. - 285 с.
94. Орипов, М.К. Социальная утопия как течение общественно-философской мысли в Средней Азии [Текст] / М.К.Орипов. – Ташкент: Фан, 1989.
95. Пегулевская, Н.В. Маздакитское движение [Текст] / Н.В.Пегулевская. // Известия, АН СССР. Сер. Ист. философии. - 1994.
96. Пигулевская, Н.В. Идея равенства в учении маздакидов // Из истории социально-политических идей [Текст] / Н.. - М., 1955. - С. 752.

97. Поппер, К. Открытое общество и его враги: В 2 т. М., Феникс, 1992. Т.1 446 с.; Т.2 - 525 с.
98. Рафеъ, Ҳақиқат. Таърихи улум ва фалсафаи Эронӣ: аз Ҷамосби ҳаким то Ҳакими Сабзаворӣ [Матн] / Ҳ.Рофеъ. - Теҳрон, 1372.
99. Риёз, М. Аҳволу осор ва ашъори Мир Сайид, алии Ҳамадонӣ (бо шаш рисола, аз вай). Маркази таҳқиқоти Эрону Покистон. 1991, Исломобод [Матн] / М.Риёз. - Душанбе, Ирфон, 1995. – 248 с.
100. Садиков, А. Социально-этические вздгляды мислителей Востока [Текст] / А.Садиков. - Душанбе, Ирфон, 1989. – 144 с.
101. Свентоховский, А. История утопии [Текст] /А.Свентоховский. – М., 1910.
102. Соцально-утопические идеи в Средней Азии [Текст] / – Ташкент: Фан, 1983.
103. Социализм: социальная справедливость и равенство [Текст] / Под ред. А.П.Бутенко. М.: Наука, 1988. - 219 с.
104. Султонов, М. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва Аҳмади Дониш роҷеъ ба усули салтанат [Матн] / М.Султонов. //Армуғон. 1995. - № 4. - С. 16—18.
105. Сулаймонов, Б.С. Назарияи мантиқӣ-маърифатии Абунасри Форобӣ [Матн] / Б.С.Сулаймонов. – Душанбе: Олами дониш, 2023. – 208 с.
106. Таърихи фалсафаи тоҷик. Дар панҷ ҷилд. Ҷ.1. [Матн] / (Муҳаррирони масъул К.Олимов, А.Шамолов). – Душанбе: Дониш, 2011. - 582 с.
107. Таърихи фалсафаи тоҷик. Дар панҷ ҷилд. Ҷ.5. (аз қадим то асри XX) [Матн] / (Муҳаррири масъул: А.Шарипов) – Душанбе: Дониш. 2016. – 892 с.
108. Турсунов, А. Философия Ибн Сины. Истоки, проблемы, исторические судбы [Текст] / А.Турсунов. //Философские науки, 1981, № 1. – С. 81-82.
109. Турсунов, А. Эҳъёи Аҷам [Матн] / А.Турсунов. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 208 с.
110. Философский энциклопедический словарь. — М., 1983. - 839 с.
111. Фридмен, М. Свобода, равенство и эгалитаризм [Текст] / М.Фридмен. – Челябинск: Социум, 2003.
112. Ҳазратқулов, М. Эътиқоду анъанаҳои бостонии Аҷам [Матн] /

М.Ҳазраткулов. - Душанбе: Ирфон, 1986. – 127 с.
113. Шакибо, Парвин. Зан дар Эрони бостон ва дар кишварҳои бостонии дигар [Матн] / П.Шакибо. // Маҷаллаи Эронзамин. - Канада, 2002.
114. Шамолов, А.А. Каломи Мовароуннаҳр [Матн] / А.А.Шамолов. Душанбе: Дониш, 2013. – 569 с.
115. Шамолов, А.А. Политическая философия Газали [Матн] / А.А.Шамолов. - Душанбе: Эчод, 2008. – 251 с.
116. Шамолов, А.А. Аҳвол, осор ва афкори Имоми Аъзам [Матн] / А.А.Шамолов. - Душанбе: Дониш, 2009. – 317 с.
117. Ятимов, С. Асарҳо. Ҷилди 4. Унсурулмаолии Кайковус дар бораи хирад [Матн] / С.Ятимов. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – 256 с.
118. Ятимов, С. Сочинения. Том 9. Классический элемент в иследовании проблем мировоззрения геополитики регионального и глобального развития [Текст] / С.Ятимов. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 288 с.

**б) бо забони форсӣ**

119.اقبال لاهوری محمد. سیر فلسفه در ایران. ترجمه آریانپور. تهران. نشر نگاه،1380. 244 ص
120.ایزوتسوتوشی هی‌و. خدا و انسان در قرآن. ترجمه احمد آرام. تهران. دفتر نشر فرهنگ
121.اسلامي، 1368. 328 ص
122.بدوی عبدالرحمن. تاریخ اندیشه‌های‌لامی. ترجمهٔ حسین صابری. مشهد. نشر آستان‌قدس، 1374. 2 ج
123.بوای موریس. مقایسه‌ای میان تورات، انجیل، قرآن و علم. ترجمه ذبیح‌الله دبیر. تهران

**в) бо забонҳои аврупоӣ**

124. Drabble, M. Case for Equalty [Текст] / M.Drabble. – London: The Febian Society, 1988. – P.452.
125. Jackman, Robert W. (1975). Politics and Social Equality. New York: Wiley.
126. Lane, Robert E. (1959). "The Fear of Equality," The American Political, Science Review, Vol. 53, No. 1, pp. 35–51.
127. Lucas, J.R. (1965). "Against Equality," Philosophy, Vol. 40. - pp. 296–307.

# ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

## Мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон


[1-М] Салимов, А.И. Социальное равенство с точки зрения Абдурахмана Джами [Текст] /А.И.Салимов // Вестник педагогического университета. №1 (62-2), 2015. - С. 377-380.

[2-М] Салимов, А.И.Социальное равенство с точки зрения маздакизма [Текст] /А.И.Салимов // Вестник педагогического университета. №5-2 (66), 2015. - С. 13-17.

[3-М] Салимов, А.И. Социальное равенство с точки зрения Авиценны [Текст] /А.И.Салимов // Известия АН РТ. №4 (240), 2015. - С. 67-71.

[4-М] Салимов, А.И. Идеи социального равенства в учении зороастризма [Текст] /А.И.Салимов // Известия АН РТ. №3 (247), 2017. - С. 58-64.

[5-М] Салимов, А.И. Проблема социального равенства в учении Абунасра Фараби [Текст] /А.И.Салимов // Известия Института философии, политологии и права им. А.Богоутдинова АН РТ. №2, 2017. - С. 34-37.


## Мақола ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаи маводи конфренсияҳо


[6-М] Салимов, А.И. Эҳёи равобити фарҳангии ду миллати бузург (андешаҳои иҷтимоии Ҷомӣ ва Навоӣ) [Матн] /А.И.Салимов // Маводи конфренсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ “Ҳамкории иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Ӯзбекистон: таърих ва замони муосир” (21 – 22–юми июни соли 2019). – Хуҷанд, 2011. – С.578-583.

[7-М] Салимов, А.И. Нақши субъектҳои сиёсӣ дар рушди инсоният” [Матн] /А.И.Салимов // Конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони “Пешвои миллат ва эҳёи тамаддуни тоҷикон” (29 октябри соли 2019). Хуҷанд, 2019. – С-400-402.